**МУАССИСАИ ДАВЛАТИИ ТАЪЛИМИИ «ДОНИШГОҲИ ДАВЛАТИИ ХУҶАНД БА НОМИ АКАДЕМИК БОБОҶОН ҒАФУРОВ»**
**КАФЕДРАИ ПЕДАГОГИКАИ УМУМӢ**

УДК 371.01
ББК 74.202
Ҳ - 22

***Ба ҳукми дастнавис***

**ҲАЙДАРОВА МАВЗУНА МАҲМУДҶОНОВНА**

# ХУСУСИЯТҲОИ ПЕДАГОГИИ ТАШАККУЛИ АРЗИШҲОИ ВАТАНДӮСТИИ ДОНИШҶӮЁН ДАР РАВАНДИ ТАҶРИБАОМӮЗИИ ТАЪЛИМӢ

**ДИССЕРТАТСИЯ**
**барои дарёфти дараҷаи илмии**
**номзади илмҳои педагогӣ аз рӯйи ихтисоси**
**13.00.01 – педагогикаи умумӣ, таърихи педагогика ва таҳсилот**
**(илмҳои педагогӣ)**

**РОҲБАРИ ИЛМӢ:**
**доктори илмҳои педагогӣ,**
**профессор Х.М. САБУРӢ**

**ХУҶАНД – 2023**

# МУНДАРИҶА


| | | |
|---|---|---|
| | **МУҚАДДИМА..............................................................** | 4-24 |
| **БОБИ 1.** | **АРЗИШҲОИ ВАТАНДӮСТӢ, ҶАНБАҲОИ НАЗАРИЯВИИ МАСЪАЛАИ ТАШАККУЛИ МАЙЛИ ДОНИШҶӮЁН БА ВАТАН**.......................................... | 25-53 |
| 1.1. | Арзишҳои ватандӯстӣ ҳамчун падидаи илмӣ-педагогӣ ва роҳҳои афзалиятноки тарбияи донишҷӯён дар ин самт............................................................................ | 25-34 |
| 1.2. | Омилҳои ташаккули майли донишҷӯён ба арзишҳои ватандӯстӣ.................................................................... | 34-40 |
| 1.3. | Нақши табиат ва боигариҳои моддию маънавии миллӣ дар ташаккули арзишҳои ватандӯстии донишҷӯён......... | 41-52 |
| | **Хулосаи боби якум**........................................................ | 52-53 |
| **БОБИ 2.** | **ТАҶРИБАОМӮЗИИ ТАЪЛИМӢ ҲАМЧУН ВОСИТАИ САМАРАНОКИ ТАШАККУЛИ МАЙЛИ ДОНИШҶӮЁН БА ВАТАН**........................... | 54-96 |
| 2.1. | Таҷрибаомӯзиҳои таълимӣ–ҷузъи муҳими раванди таълим дар муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ............... | 54-64 |
| 2.2. | Имкониятҳои педагогии таҷрибаомӯзиҳои таълимӣ–саҳроӣ дар ташаккули майлу рағбат ва эҳтиром ба арзишҳои ватандӯстӣ....................................................... | 64-67 |
| 2.3. | Таснифи модели сохторӣ–вазифавии майли донишҷӯён ба Ватан ҳамчун арзиш тавассути таҷрибаомӯзиҳои таълимии саҳроӣ............................................................... | 67-94 |
| | **Хулосаи боби дуюм**........................................................ | 95-96 |
| **БОБИ 3.** | **ФАЪОЛИЯТИ ОЗМОИШӢ ҶИҲАТИ ТАТБИҚИ ШАРТҲОИ ПЕДАГОГИИ ТАШАККУЛИ АРЗИШҲОИ ВАТАНДӮСТИИ ДОНИШҶӮЁН ДАР РАВАНДИ ТАҶРИБАОМӮЗИҲОИ ТАЪЛИМӢ**....... | 97-146 |
| 3.1. | Муҳтаво ва методҳои корҳои озмоишӣ ҷиҳати татбиқи шартҳои педагогии ташаккули арзишҳои ватандӯстии донишҷӯён дар раванди таҷрибаомӯзиҳои таълимӣ (дар мисоли МДТ “ДДХ ба номи акад.Б.Ғафуров”)................ | 97-117 |
| 3.2. | Таҷрибаи татбиқи шартҳои педагогии ташаккули арзишҳои ватандӯстии донишҷӯён дар раванди таҷрибаомӯзиҳои таълимӣ................................................ | 117-128 |
| 3.3. | Динамикаи рушди арзишҳои ватандӯстии донишҷӯён дар раванди таҷрибаомӯзиҳои таълимӣ.......................... | 128-145 |
| | **Хулосаи боби сеюм**........................................................ | 145-146 |
| | **Хулоса..................................................................** | 147-149 |
| | **Рӯйхати адабиёт.........................................................** | 150-171 |
| | **Замимаҳо...............................................................** | 172-197 |

## Номгӯи ихтисораҳо ва (ё) аломатҳои шартӣ

| | | |
|---|---|---|
| МДТ “ДДХ ба номи академик Б. Ғафуров | – | Муассисаи давлатии таълимии “Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи академик Бобоҷон Ғафуров” |
| КИТД | – | кори илмӣ-таҳқиқотии донишҷӯ |
| $км^2$ | – | километри мураббаъ |
| $^0С$ | – | дараҷаи Селсий |
| КМД | – | кори мустақилонаи донишҷӯ |

# МУҚАДДИМА

**Мубрамии мавзӯи таҳқиқот.** Равандҳои сиёсӣ ва иҷтимоӣ–иқтисодӣ дар ҷамъият ба афзоиши таваҷҷуҳ ба таъриху географияи кишвари худ, ҷустуҷӯйи мазмуни нави мафҳуми Ватан водор менамоянд. Дар шароити ноустувори кайфият ва нобоварӣ ба оянда, механизмҳои гузариши арзишҳо аз насли калонсол ба хурд нисбатан коҳиш меёбад. Аз ин рӯ, яке аз вазифаҳои аввалини таҳсилот дар муҳассилин тарбия намудани сифатҳои баланди инсонӣ, ҳисси қарзи ахлоқиву шаҳрвандӣ, масъулиятнокӣ нисбатиояндаи мамлакат мебошад.

Дар “Консепсияи миллии тарбия дар Ҷумҳурии Тоҷикистон” омадааст: “Ватанпарастӣ арзиши муқаддас ва аз ҳама муҳимтарини тарбия мебошад, ки он дар мафҳумҳои диёр, макон, кишвар, сарзамин, Ватан ифода меёбад. Ҳамаи унсурҳои дигари тарбия ба ҳамин унсури тарбия иртибот доранд ва садоқатмандии шаҳрвандро ба ватани хеш дар назар дорад [100]. «Фаромӯш набояд кард, ки–таъкид мекунанд, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон: “Танҳо шахси воқеан ватандӯст метавонад дилсӯзона ва бо тамоми ҳастӣ ҳифзи амният ва ободии Ватани худро таъмин созад. Мо бояд ба хотири пешрафти давлати соҳибихтиёрамон ва Ватани аҷдодиамон–Тоҷикистони озоду маҳбуб минбаъд низ сарҷамъона заҳмат кашем ва барои наслҳоиояндаи халқи худ мулки ободе мерос гузорем, то ки онҳо бо натиҷаҳои заҳмати ватандӯстонаи мову шумо ифтихор намоянд» [217, с.47].

Асоси методологии тарбияро дар кишвари мо тафаккури нави сиёсӣ ва фарҳангӣ ташкил медиҳад, ки моҳияти он таҳкими истиқлолияти давлатӣ, ваҳдату худшиносии миллӣ, ҳисси ватандӯстию ватанпарастӣ, таъмини амнияти давлату миллат, ҳифзи тамомияти арзӣ ва манфиатҳои умумимиллӣ мебошад. Муҳтавои ин методология дар Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон, Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи маориф», Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи тарбияи ватандӯстии шаҳрвандон», “Консепсияи миллии маълумоти Ҷумҳурии Тоҷикистон”, “Кодекси одоби хизматчии давлатӣ”, “Консепсияи миллии тарбия”, “Консепсияи миллии

инкишофи тарбияи ҷисмонӣ ва варзиши Ҷумҳурии Тоҷикистон”, “Барномаи давлатии тарбияи ватандӯстӣ ва таҳкими ҳуввияти миллии ҷавонони Тоҷикистон барои солҳои 2018-2022”, “Барномаи таълим ва тарбияи ҳуқуқии шаҳрвандони Ҷумҳурии Тоҷикистон” ва дигар санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ таъкид ёфтааст. Давлат дар сиёсати худ перомуни тарбияи миллии шаҳрвандон кафолат медиҳад, ки дар тарбияи миллӣ фазои ҳуқуқӣ фароҳам оварда, санадҳои ҳуқуқии меъёрӣ қабул ва дар амал татбиқ карда шаванд. Муассисаҳои давлатӣ барои тарбияи шаҳрвандон шароити зарурии тарбия ва таълимро таъсис дода, заминаҳоро муҳайё месозанд, ки:

- дар ҷомеа ба дигарақидагӣ, озодии сухан, виҷдон, иштироки шаҳрвандон дар ҳаёти сиёсӣ дар доираи қонун касе халал нарасонад;

- тавассути адабиёти илмию оммавӣ, бадеӣ ва аз тариқи васоити ахбории умум маводи дорои мазмуни тарбияи миллӣ ба шаҳрвандон дастрас гардад.

Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон тамоми чораҳоро роҳандозӣ мекунад, ки шаҳрвандони кишвар, аз хурд то калон, дар асоси ҳуқуқҳои конститутсионӣ зиндагӣ, кор ва фаъолият намоянд. Намуна ва ибрати шоиста будан, пеш аз ҳама, рафтору гуфтори мансабдорони мақомоти давлатӣ, сарварони муассисаҳоро мутобиқи “Кодекси одоби хизматчии давлатӣ” талаб карда, дарк ва ҳисси масъулиятшиносии волидон ва шахсони калонсолро дар тарбияи насли наврас баланд мебардорад. Ҷанбаи илмӣ, дунявӣ ва башардӯстии анъанаву расму оинҳои миллии кишварро дар тарбияи мардум дастгирӣ карда, барои истифодаи осори пурарзиши илмӣ, адабӣ, таърихӣ, динӣ ва асару дастурҳои Сарвари давлат доир ба тарбияи шаҳрвандон тадбирҳо меандешад. Тарбия ва ҳифзи саломатии аҳолӣ, аз ҷумла кӯдакон, наврасон, ҷавонон, кӯдакони ятиму бепарастор, нафақагирону пиронсолонро дар оила, кӯдакистонҳо, муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ, хонаҳои бачагон ва пиронсолону маъюбон таъмин карда, ба тарбияи ҷавонон, аз ҷумла баланд бардоштани сатҳи маърифати занону духтарон барои тарзи ҳаёти солим, танзими оилаю оиладорӣ ва ба камол расонидани фарзандони солим мусоидат менамояд ва ҳифзи иҷтимоиву иқтисодии муаллимону

мураббияҳо ва парасторонро, ки ба тарбияи кӯдакон, наврасон ва калонсолон дар муассисаҳои гуногуни табобатию тарбиявӣ машғуланд, ҳимоя менамояд.

Рушд ва дастгирии муассисаҳои тарбиявию фароғатӣ, аз ҷумла истироҳатгоҳҳои фасли тобистонаро ба ӯҳда гирифта, наврасону ҷавонони боистеъдодро аз ҷиҳати моддиву маънавӣ дастгирӣ менамояд. Саҳм, масъулият ва фаъолияти вазоратҳои маориф, фарҳанг, тандурустии Ҷумҳурии Тоҷикистон, мақомоти маҳаллии ҳокимияти давлатӣ, Кумитаи телевизион ва радиои назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон, иттифоқҳои эҷодиро дар тарбияи мардум, аз ҷумла насли наврас, баланд мебардорад ва ҳамоҳанг месозад. Дар кишвар намудҳои гуногуни варзиши миллиро ривоҷ медиҳад.

Ташаббуси сарпарастон ва дигар инсонҳои саховатмандро дар раванди муҳайё намудани шароити корҳои тарбиявӣ дастгирӣ менамояд. Ҳарчанд тарбия вазифаи умумӣ ба ҳисоб меравад, аммо масъулияти Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон дар татбиқи он бештар мебошад. Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон дар ин самт корҳои зеринро амалӣ мегардонад:

- таҷдиди назар кардани нақшаю барномаҳои таълим, китобҳои дарсӣ бо мақсади пурқувват намудани самти амалию тарбиявии онҳо ва ноил шудан ба гуманизатсияи мазмуни таълим;
- тарбияи маниши (характери) миллӣ ва тафаккури миллӣ;
- таҳияи талаботи умумӣ ва ягонаи тарбияи кӯдакону наврасон ва ҷавонон дар муассисаҳои таълимӣ, ҷойҳои ҷамъиятӣ ва оила;
- таҳияи системаи корҳои тарбиявӣ, ки тавассути онҳо волидон ҳамчун шарики доимии муассисаи таълимиву омӯзгор ҷалб карда мешаванд;
- ташкили вохӯриҳо ва сӯҳбатҳои мунтазами шахсиятҳои машҳур, роҳбарони муассисаю вазоратҳо бо наврасону ҷавонон;
- пурзӯр намудани мавзуъҳои тарбиявии барномаҳои курсу семинарҳои такмили ихтисоси омӯзгорон, роҳбарони синфҳо;

- мавриди таҳлилу таҳқиқ ва мавзуъҳои корҳои курсию рисолаҳои хатм (дипломӣ) қарор додани масъалаҳои тарбияи миллӣ, аз қабили тафаккури миллӣ, худшиносӣ, ватандӯстӣ, ваҳдат ва ифтихори миллӣ.

Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон якҷоя бо вазоратҳои фарҳанг, адлия, амният, мудофиа, меҳнат ва ҳифзи иҷтимоӣ, тандурустӣ, даромад ва пардохтҳои давлатӣ, корҳои дохилӣ, алоқа, Кумитаи давлатиии сохтмон ва меъмории Ҷумҳурии Тоҷикистон, кумитаҳои телевизион ва радио, кор бо ҷавонон, занон ва оилаи назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон, иттиҳодияҳои эҷодӣ, мақомоти маҳаллии ҳокимияти давлатӣ, ташкилоту муассисаҳо ва шахсони ҳуқуқиву воқеӣ тадбирҳои зеринро ба анҷом мерасонанд: аз ҷумла, барои амалигардонии талаботҳои Консепсияи мазкур нақшаи чорабиниҳо таҳия намуда, иҷрои онро таъмин менамоянд; системаи ахборотию иттилоотии соҳаи тарбияи миллиро таъмин менамоянд; бо марказҳои ҷаҳонии тарбия ва таҳсилот робитаи педагогӣ барқарор менамоянд; дар таҳияи барномаҳо ба масъалаҳои тарбияи миллӣ, ки ба иззати нафси халқ, миллатҳои дигар намерасанд, бештар аҳамият медиҳанд; оид ба забон, адабиёт ва таърихи халқи тоҷик, географияи кишвар, инчунин сарватҳои моддию маънавии тоҷикон бештар маводи илмию оммавӣ ба нашр мерасонанд; барои нозирони давлатии роҳ, гумрук, андоз, тамоми кормандони ҳифзи ҳуқуқ, тандурустӣ, савдо ва ғайра, ки кори ҳаррӯзаи онҳо аз муоширату муносибат бо одамон иборат мебошад, доир ба риояи одоби муошират, ҳусни гуфтор, ҳифзи саломатӣ, муҳити зист ва ғайра дастурҳо таҳия намуда, иҷрои онро таъмин мегардонанд; барои аз байн бурдани зуроварӣ дар қисмҳои ҳарбӣ тавассути унсурҳои гуногуни тарбия тадбирҳои самарабахш меандешанд; барои тарбияи аскарону афсарони дорои сифатҳои беҳтарин шароит муҳайё месозанд; доир ба тарбияи маҳбусон дар муҳити маҳрумият аз озодӣ шароит муҳайё карда, барои ба тарзи ҳаёти солим баргардонидани онҳо роҳу усулҳои гуногуни тарбияи маънавӣ, худогоҳии миллӣ, хештаншиносӣ, инсонгароӣ, меҳнатӣ, зебопарастӣ ва ғайраро тадбиқ менамоянд; марказҳои компютерӣ, Интернет, алоқаи электронӣ, ки бо ҷаҳони

мутамаддин мепайванданд, ташкил мекунанд; ба бештар саҳм гирифтани оммаи васеи мардум, дар тадбирҳои муҳими давлатию байналмилалӣ, аз ҷумла: гуфтугӯйи тамаддунҳо, даҳсолаи об барои рушди устувор, бистсолаи омӯзиш ва рушди фанҳои табиатшиносӣ, дақиқ ва риёзӣ, ҷашнҳои миллию давлатӣ, намоишгоҳҳо, ҳафтаи фарҳангу адабиёт, вохӯриҳо, бозӣ ва мусобиқаҳои варзишӣ ва ғайра мусоидат менамоянд; ба тарзи миллӣ сохтану ороиш додани бино ва қасру майдонҳои варзиширо ба нақша мегиранд; ба номгузории миллию таърихии хиёбону кӯчаҳо, шаҳру ноҳияҳо ва деҳаҳо ҷиддӣ муносибат карда, номҳои шаклан ва мазмунан зебои асотирию миллиро эҳё менамоянд; чопи «Зиндагиномаи арбобони машҳури миллат», нашри китобҳо бо нақшу нигори миллиро ба роҳ мемонанд; истеҳсоли маҳсулоти миллӣ, аз қабили: обҳои маъданӣ, нону шириниҳои гуногун, асбобҳои мусиқӣ, заргарӣ, кулолӣ, сӯзанӣ, қолину атлас, чойнику пиёла, аз гиёҳҳои ватанӣ омода намудани дорувориҳои гуногунро ривоҷ медиҳанд; фаъолияти Кумитаи Олимпии варзиш, дастаҳои футболи миллӣ, гӯштини миллӣ, бозиҳои миллӣ, чавгонбозиро пурзӯр менамоянд; дар баробари рамзҳои давлатӣ, барои эҷод ва ҷорӣ намудани рамзҳои дигари миллӣ озмунҳо мегузаронанд.

Муҳтавои тарбияи ватанпарастӣ ҳамчун унсури таркибии тарбияи миллӣ дар Консепсияи миллии тарбия дар Ҷумҳурии Тоҷикистон инъикос ёфта, аҳамияти татбиқи он дар ташаккули тафаккури ватанпарастии шаҳрвандон, садоқат ба Ватан, ифтихори миллӣ, эҳтиром ба муқаддасот, рамз ва ёдгориҳои табииву таърихии кишвар, тайёр будан барои адои қарзи шаҳрвандӣ, ҳифзи табиати диёр, марзу буми кишвар ва уҳдадориҳои конститутсиониро инъикос менамояд. Дар Консепсияи мазкур таъкид меравад, ки ҷамъият ҳамон вақт қодир аст вазифаҳои фарохи миллиро ҳаллу фасл намояд, агар системаи умумии арзишҳои ба эҳтироми гузаштагон, маданияту фарҳанг, саҳифаҳои таърих, табиати кишвар ва неъматҳои он нигаронидашуда бартарӣ дошта бошад. Консепсияи миллии тарбия дар қатори вазифаҳои асосии системаи таҳсилот тарбияи ватандӯстону

ватанпарварони кишвар, шаҳрвандони давлати демократӣ, ҳуқуқбунёд ва дуниявию иҷтимоӣ, ки ҳуқуқу озодиҳои шахсро пеш мегузорад, муайян менамояд. Дар воқеъ, қатори мушкилоти мухталифи таҳсилот ба масоили таҳкими ҳуввияти миллии ҷавонон, раҳнамунсозии хонандагону донишҷӯён ба ватандӯстиву ватандорӣ ҳамчун арзиши миллӣ диққати кофӣ равона карда намешавад, гарчанде ҷавонон бештар ба инкишофи эҳсосоту арзиш, маънавию ахлоқӣ, тарбияи шаҳрвандӣ ниёз доранд ва мароқ зоҳир менамоянд. Маҳз дар давраи ҷавонӣ арзишҳои маънавӣ ва ахлоқӣ ташаккул меёбад, муносибатҳои баҳодиҳанда ба ҳодисаҳои мухталифи воқеият шакл мегиранд, дарки чуқур ва амиқи масъалаҳои мураккаби иҷтимоӣ–сиёсӣ ба назар мерасад [100].

**Дараҷаи таҳқиқи мавзӯи илмӣ.** Масоили ташаккули майлу рағбат ба арзишҳои ватандӯстӣ аз дидгоҳҳои гуногуни педагогию психологӣ дар таълифоти олимони хориҷа Л.М.Архангелский [12], О.С.Богданова [26], Л.П.Буева [32], И.В.Вахрушева[37], М.В.Виноходова [39,40], Е.Е.Горностаева [54,55], Н.А.Григорева [57], В.Т.Дмитриева [66,67], А.Журавлева [76], А.Г.Здравомислов [78], О.Ю.Иванова [80], А.В. Кирякова [89,90,91,92], И.С.Кон [98], А.И.Костяев [102], В.А.Крутетский [103], М.В.Ломоносов [109], В.И.Лутовинов [110], Т.Н.Малковская [120], И.Мнацаканян [126], А.В.Мудрик [130], Н.П.Овчинникова [136], А.Н.Радишев [150], Л.П.Разбегаева [151,152], В.Н.Сагатовский [164], В.С.Собкин [174], В.П.Тугаринов [187], Д.И.Фелдштейн [193], З.Н.Чавчавадзе [198], Ч.А.Шакеева [200,201], В.А.Ядов [220] ва дигарон баррасӣ гардидаанд.

Дар ҳалли масъалаҳои тарбияи ватандӯстӣ дар илми педагогикаи ватанӣ ба истифодаи эҷодкоронаи мероси классикии Шарқ, ки дар асарҳои мутафаккирони барҷаста Абӯабдуллоҳ Рӯдакӣ, Абулқосим Фирдавсӣ, Абуалӣ ибни Сино, Носири Хусрав, Ҳофизи Шерозӣ, Амир Хусрави Деҳлавӣ, Саъдии Шерозӣ, Камоли Хуҷандӣ, Абдураҳмони Ҷомӣ, Аҳмади Дониш, Садриддин Айнӣ ва дигарон таҷассум ёфтааст, ҷойгоҳи муҳим дода мешавад,

ки дар рушди маънавию ахлоқӣ ва тарбияи ватандӯстии ҷавонон пояҳои устувору қавӣ гузоштанд.

Масоили тарбияи ватандӯстии ҷавонон инчунин дар асарҳои олимони муосири тоҷик, равоншиносон ва методистон, алалхусус М.М.Азизӣ [3], Х.Афзалов [155], Х.Буйдоқов [33], Н.М.Заробекова [77], А.Қаландаров [83], И.Х.Каримова [87], М.Д.Қаюмов [88], Қ.Б. Қодиров [97], М.Лутфуллоев [111,112,113,114,115], Б.Раҳимов [155], Х.М.Сабурӣ [163], А.С.Саидмӯминов [165], Н.Худоёрова [195], Б.У.Ҷумъаев [65], Ф.Шарифов [203] ва дигар муҳаққиқон хеле хуб инъикос ёфтааст, ки дар рушди илми педагогикаи муосир саҳми беназир доранд.

Академик Маҳмадулло Лутфуллоев дар асарҳои худ "Тулӯи хуршеди истиқлол ва масъалаҳои тарбия", "Педагогикаи миллии халқи тоҷик", унсурҳои муҳими тарбияро асоснок намудааст: тарбияи миллӣ, худогоҳӣ, ватандӯстӣ, инсондӯстӣ, ахлоқӣ, маънавӣ ва ғайраҳо маҳсуб меёбанд [114,115].

Азизӣ Муҳаммадалӣ Миралӣ бобати ин масъала андешаҳои худро чунин иброз менамояд: "Масъалаи тарбияи шаҳрвандӣ ва ватандӯстии ҷавонон аҳамияти махсус пайдо мекунад, зеро маҳз муҳаббат ба Ватан, санги асосе мебошад, ки ҷомеаи Тоҷикистонро дар ҳама давру замонҳо муттаҳид кардааст. Муҳтаво ва мундариҷаи ватандӯстонаи таълим ҳамеша ба маорифи миллӣ ва илми педагогика хос буд ва маҳз он принсипест, ки ба таҷриба ва анъанаҳои беназири педагогии халқи тоҷик асос ёфтааст. Дар айни замон, мероси фарҳангию таърихӣ ва табиӣ дар ташаккули ҷаҳонбинӣ ва иҷтимоигароии насли наврас аҳамияти хоса дорад" [3, с.10].

Абдуллохон Қаландаров муҳим будани масъалаҳои тарбияи ватандӯстиро дар фаъолияти омӯзгор, алалхусус, дар минтақаҳои наздисарҳадии Тоҷикистон, ки марзи ҷанубии ИДМ мебошанд, таъкид менамояд [83].

Муҳаққиқ Н.Худоёрова диққати асосиро ба омӯзиши потенсиали тарбиявии барномаи тарбияи шаҳрвандӣ–ватандӯстӣ ҳамчун омили ташаккулёбии касбӣ ва шахсии донишҷӯён, ки барои ташаккул додани ҳисси

дилбастагӣ ба зодгоҳ ва инсондӯстӣ; муносибати эҳтиромона ба забони мардуми худ; ғамхорӣ бобати манфиатҳои Ватан; дарки вазифа дар назди Ватан, пос доштани шаъну шарафи он; арҷгузорӣ ба гузаштаи таърихии Ватан, урфу одат; масъулият барои тақдири Ватан ва халқи худ, оядаи онҳо, кӯшишу ғайрати ҷавонон баҳри таҳкими иқтидор ва шукуфоии Ватан равона намудааст[195].

М.К.Афзалӣ зикр менамояд, ки: "Ватандӯстӣ ҳамчун як ҷузъи ҷудонашавандаи ғояи миллӣ бояд нуқтаи асосии муттаҳидии миллат, эҳёи пояҳои маънавию ахлоқӣ гардад, ки аз қадимулайём ба халқи тоҷик хосанд"[155].

Таҳқиқоти худро муҳаққиқ А.С.Саидмӯминов ба масъалаи мундариҷа, шаклу усулҳои таълим ва фаъолияти беруназмактабӣ, ки самаранокии раванди тарбияи ватандӯстиро тавассути кишваршиносӣ таъмин намуда, ба рушди ҳамаҷонибаи хислатҳои ватандӯстии хонандагони синфҳои болоӣ нигаронида шудааст, бахшидааст[165].

М.Ҷ.Қаюмов ҷанбаҳои фалсафӣ-педагогӣ, таърихӣ-педагогӣ, адабӣ ва шарқшиносии мероси адабӣ ва педагогии Абӯабдуллоҳи Рӯдакӣ, Абулқосим Фирдавсӣ ва Абуалӣ ибни Синоро таҳлил намудааст. Ҳамзамон ҷойгоҳи тарбияи ҷисмонӣ ва ғояҳои ватандӯстиро аз дидгоҳҳои педагогии ин мутафаккирон таҳлил, муқоиса ва арзёбӣ намуда, аҳамияти афкори педагогии Абӯабдуллоҳи Рӯдакӣ, Абулқосим Фирдавсӣ ва Абуалӣ ибни Синоро дар эҳёи арзишҳои анъанавии педагогикаи миллӣ муайян кардааст [88].

Паҳлуҳои гуногуни масъалаи омодагии кишваршиносии омӯзгорони оядаи географияро олимон Н.Н.Баранский [16], А.С.Барков [17,18], А.В.Даринский [64], Ю.К. Ефремов [74], И.С. Матрусов [122], М.А.Никонова [135], К.В.Пашканг [140], А.З.Сафиуллин [167], К.Ф.Строев [177], С.Ш.Худойбердиев [196] мавриди таҳқиқ қарор додаанд.

Бо назардошти ин омилҳо гуфтан мумкин аст, ки дараҷаи таҳқиқии заминаҳои комплексии барои таҳқиқот зарур дар илми педагогика ҳамчун манбаъ гузошта шудааст. Аз ҷумла:

- консепсияи арзишҳои умумибашарӣ дар корҳои Л.М.Архангелский [12], Л.П.Буева [32], З.Н.Чавчавадзе [198], Н.Худоёрова [195] мавриди таҳқиқ қарор гирифтаанд; муаммои таснифоти арзишҳо дар таҳқиқотҳои В.Н.Сагатовский [164], В.А.Ядов [220] тарҳрезӣ шудааст;

- андешаҳои консептуалии ташаккули арзишҳо дар ҷавонон дар корҳои илмии А.В.Кирякова [91], И.Мнацаканян [126], Л.П.Разбегаева [151] инъикос ёфтааст; ҷанбаъҳои иҷтимоии омӯзиши арзишҳо дар таҳқиқотҳои А.Журавлева [76], В.С.Собкин [174], Ч.А.Шакеева [201] омӯхта шудаанд;

- асоси консептуалии мафҳуми Ватан ҳамчун арзиши умумибашарӣ дар корҳои А.Г.Здравомислов [78], В.П.Тугаринов [187]; М.Лутфуллоев [115], Ф.Шарифзода [205], А.Қаландаров [83], муаммои тарбияи писари ватандӯст, шаҳрванд дар асарҳои М. В. Ломоносов [109], В.И.Лутовинов [110], А.Н.Радишев [150], М.Ҷ.Қаюмов [88] инъикоси худро ёфтааст;

- ҷанбаъҳои равонӣ–педагогии таҳқиқот дар синни ҷавонӣ ҳамчун давраи сензитивӣ барои ташаккули арзишҳо дар асарҳои И.С.Кон, Д.И.Фелдштейн (тавсифи тағйиротҳои сифатӣ дар муошират, хусусиятҳои инкишофи зеҳнӣ, муаммои худмуайянкунӣ) [98,193]; В.А.Крутетский, Т.Н.Малковская А.В.Мудрик (механизмҳои равонӣ–педагогии таҷрибаандӯзии иҷтимоии ҷавонон) [103,120,130]; О.С.Богданова, И.В.Дубровина (кӯшиш ба оянда, интихоби роҳиояндаи ҳаёт, муносибат ба олами ҳастӣ) [26, 69]; Е.Е.Горностаева (худмуайянкунии фарҳангии ҷавонон) [54] мавриди омӯзиш ва баррасӣ қарор гирифтааст.

Масъалаи таҳқиқшаванда дар таҳқиқотҳои диссертатсионии И.В.Вахрушева (ташаккули майл ба арзишҳои шаҳрвандӣ дар раванди таълим) [37]; М.В.Виноходова (ташаккули майл ба арзишҳои ватандӯстӣ тавассути осорхонашиносӣ) [40], Н.А.Григорева (ташаккули майл ба арзишҳои ватандӯстӣ дар раванди таълими фанҳои гуманитарӣ) [57]; Н.М.Заробекова (омодагии омӯзгорони оянда ба тарбияи ватандӯстӣ–шаҳрвандии хонандагон) [77]; О.Ю.Иванова (ташаккули майли ҷавонон ба арзишҳои ҷомеаи шаҳрвандӣ) [80]; Н.П.Овчинникова (ташаккули мафҳуми

Ватан дар хонандагони синфҳои болоӣ тавассути таърихомӯзӣ) [136]; А.С.Саидмӯминов (муаммои тарбияи ватандӯстии хонандагони синфҳои болоӣ тавассути кишваршиносӣ) [165] ҷойгоҳи худро ёфтааст.

Бо вуҷуди ин, нокифоягии омӯзиши масъалаи таҳқиқшаванда як қатор ихтилофот, аз ҷумла:

- дар сатҳи иҷтимоӣ–педагогӣ: байни аҳамияти муносибат ба арзишҳои ватандӯстӣ дар шароити имрӯза ва тасаввуроту андешаҳои мухталифи ҷавонони муосир дар бораи Ватан;
- дар сатҳи илмӣ–назариявӣ: байни зарурати омӯзиши имкониятҳои таҷрибаомӯзиҳои саҳроӣ бо мақсади ташаккули арзишҳои ватандӯстӣ ва нокифоягии захираҳои асоснокскунанда ва имкониятҳои мувофиқ барои беҳдошти раванди таҳқиқшаванда;
- дар сатҳи илмӣ–методӣ: байни талаботҳои таҷрибаомӯзиҳои таълимӣ дар таъмини ташаккули арзишҳои ватандӯстӣ ва коркарди нокифояи воситаҳои барномавӣ–дидактикӣ, таълимӣ–методии раванди таҳқиқшаванда дар илми педагогикаро ба миён меорад, ки таҳлил ва ҳалли ин зиддиятҳо аз нуктаҳои меҳварии ин таҳқиқот ба шумор меравад.

Яъне муаммо ва ихтилофоти зикршуда заминаро барои таҳқиқи масъалаи мазкур фароҳам оварданд, то дар ҷустуҷӯи методҳои самаранок, шакл ва воситаҳои ташаккули арзишҳои ватандӯстии донишҷӯёни донишгоҳ дар раванди таҷрибаомӯзиҳои таълимӣ таваҷҷуҳи хоса ва лозима зоҳир карда шавад.

Мубрамӣ, аҳамияти назариявӣ, коркарди нокифояи илмӣ ва амалии муаммои мазкур барои интихоби мавзӯи таҳқиқшаванда асос гардид ва дар заминаи назария ва корҳои амалии гузаронидашуда рисолаи диссертатсионӣ «Хусусиятҳои педагогии ташаккули арзишҳои ватандӯстии донишҷӯёни донишгоҳ дар раванди таҷрибаомӯзии таълимӣ» унвон гирифт.

**Робитаи таҳқиқот бо барномаҳо (лоиҳаҳо) ва ё мавзуъҳои илмӣ:**

Таҳқиқоти диссертатсионӣ дар доираи татбиқи нақшаи дурнамои корҳои илмию таҳқиқотии кафедраи умумидонишгоҳии педагогикаи умумии

МДТ “Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи академик Б.Ғафуров” барои солҳои 2016-2020 дар мавзӯи “Технологияи тайёр кардани омӯзгорони оянда ба фаъолияти касбӣ – меҳнатӣ дар шароити низоми кредитии таълим” ва муқаррароти асосии Стратегияи миллии рушди маорифи Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030 иҷро шудааст.

**Тавсифи умумии таҳқиқот:**

## ТАВСИФИ УМУМИИ ТАҲҚИҚОТ

**Мақсади таҳқиқот:** асосноккунии шартҳои педагогии ташаккули арзишҳои ватандӯстии донишҷӯёни донишгоҳ дар раванди таҷрибаомӯзиҳои таълимӣ.

**Объекти таҳқиқот:** фаъолияти таълимии раванди таҷрибаомӯзиҳои саҳроӣ ва комплексӣ дар МДТ “ДДХ ба номи академик Бобоҷон Ғафуров”.

**Предмети таҳқиқот:** хусусиятҳои педагогии таҷрибаомӯзиҳои саҳроӣ ва комплексӣ ҳамчун воситаи ташаккули арзишҳои ватандӯстии донишҷӯёни донишгоҳ.

**Фарзияи таҳқиқот** аз он иборат аст, ки ташаккули арзишҳои ватандӯстии донишҷӯёни донишгоҳ дар раванди таҷрибаомӯзиҳои таълимӣ самаранок мегардад, агар:

- иқтидори педагогии таҷрибаомӯзиҳои саҳроӣ ва комплексӣ дар якҷоягӣ бо захираҳо ва имкониятҳо амалӣ карда шавад;
- алоқаи байни системаи эҷодӣ–арзишии ташкили таълим ва таҷрибаомӯзиҳои саҳроӣ ва комплексӣ ташкил карда шавад;
- арзишҳои ватандӯстӣ дар ҷавонон давра ба давра (сарфарозёбӣ, таҷдид, лоиҳабандӣ) ба роҳ монда шавад ва бо амалишавии механизми ягона (ҷустуҷӯ, баҳодиҳӣ, интихоб) арзёбӣ гардад.

**Вазифаҳои таҳқиқот:** Мутобиқ ба мақсад, предмети таҳқиқот ва фарзияи гузошташуда вазифаҳои зерин муайян карда шуданд:

1. Амиқу дақиқ муайян кардани муҳтавои мафҳуми “арзишҳои ватандӯстии донишҷӯён”.

2. Муайян кардани иқтидори педагогии таҷрибаомӯзиҳои саҳроӣ ва комплексӣ дар ташаккули арзишҳои ватандӯстии донишҷӯёни донишгоҳ.

3. Асосноккунӣ ва озмоиши амсилаи сохторӣ–вазифавии ташаккули арзишҳои ватандӯстии донишҷӯёни донишгоҳ тавассути таҷрибаомӯзиҳои таълимӣ.

4. Коркарди таъминоти илмӣ–методии ҳалли муаммои гузошташуда.

**Асосҳои назариявии таҳқиқотро** инҳо ташкил медиҳанд:

- дар сатҳи фалсафавӣ: назарияи арзишҳо (С.Ф.Анисимов, Н.Гартман, М.Шелер); таҳқиқотҳои ташаккули маънавиёт дар муошират бо фарҳанг (М.М.Бахтин, Г.П.Вижлетсов, М.С.Каган); ғояҳои умумиинсонии мундариҷа ва таъиноти таҷрибаомӯзиҳои саҳроӣ ва комплексӣ (В.С.Библер, А.С.Барков, Н.П.Неклюкова, К.В.Пашканг, Н.Ф.Федоров);

- дар сатҳи умумиилмӣ: таҳқиқотҳои ба муайян кардани мақом ва манзалати арзишҳои маънавӣ дар сохтори шахсият (А.В.Кирякова, М.Лутфуллоев, В.А.Сластенин); муқаррароти консептуалии педагогикаи эҷодӣ (В.Г.Риндак, А.В.Москвина, В.В.Мороз); назарияҳои психологии инкишофи маънавии шахсият (Л.С.Виготский, Д.А.Леонтев) махсусиятҳои фаъолияти тадқиқотии мутахассислин (В.И.Андреев, И.П.Белов);

- дар сатҳи мушаххаси илмӣ: Консепсияи миллии тарбия дар Ҷумҳурии Тоҷикистон (с.2006); муқаррарот оид ба ташаккули арзишҳои ватандӯстӣ (В.Е.Давидович, С.Камолиддинов, Н.П.Овчинникова, А.И.Раҳимов, Х.М.Сабурӣ, С.Худойбердиев, Ф.Шарифзода, Ш.А.Шаропов, О.Ғиёсов); махсусиятҳои раванди иҷтимоикунонии шахсият (Н.А.Каргаполтсева, Л.Г.Пак, Н. Смелзер, Е.И.Тихомирова);

- дар сатҳи технологӣ: технологияи педагогии таҷрибаомӯзиҳои таълимии саҳроӣ ва комплексӣ дар раванди таълим (В.Д.Войлошников, Б.А.Столяров, Н.В.Нагорский, М.Ю.Юхневич); консепсияи вазифаи тарбиявии таҷрибаомӯзиҳои таълимии саҳроӣ ва комплексӣ тавассути ташаккули тафаккури географӣ (Н.Л.Кулчинская, Н.Г.Макарова); назарияи рушди

муҳассиллин дар муҳити табиӣ (А.Ю.Акрамов, Х.М.Муҳаббатов, Л.Н.Толстой).

**Асоси методологии таҳқиқотро** муқаррароти асосии муносибати фаъолноки Баранский Н.Н. [16], В.Д.Войлошников [42], Л.С.Виготский [45], К.В.Пашканг[140], С.Л.Рубинштейн [161], ки шаклҳои гуногуни ташкили таҷрибаомӯзиҳои саҳрой ва комплексиро мувофиқ ба хусусиятҳои донишҷӯёни муосир, инкишофи арзишҳо, рафтор ва хислатҳои онҳо дар доираи муносибатҳои ҳамарӯзаи онҳо нисбат ба Ватан зоҳир мегардад; муқаррароти илман асосноки педагогӣ ва равонии синнусолӣ оид ба моҳият ва қонуниятҳои инкишофи донишҷӯён ташкил медиҳад.

**Сарчашмаҳои таҳқиқот**: Сарчашмаҳои дар таҳқиқот истифодашуда фарогири ҷанбаҳои гуногуни мавзӯи омӯзиш, аз ҷумла вижагиҳои назариявӣ ва амалии он мебошанд:

1. Мубрамияти муносибати ташаккули майлу рағбат ба арзишҳои ватандӯстӣ аз дидгоҳ илми педагогию психологӣ дар таълифоти олимони хориҷиву ватанӣ, аз ҷумла Л.М.Архангелский, О.С.Богданова, О.Ю.Иванова, А.В. Кирякова, И.С.Кон Д.И.Фелдштейн, З.Н.Чавчавадзе, Ч.А.Шакеева, В.А.Ядов, М.М.Азизӣ, Х.Афзалов, Х.Буйдоқов, Қ.Б. Қодиров, М.Лутфуллоев, Б.Раҳимов, Х.М.Сабурӣ, А.С.Саидмӯминов, Н.Худоёрова, Б.У.Ҷумъаев, Ф.Шарифов ва дигарон муайян карда шудаанд.

2. Дар ҳалли масъалаҳои тарбияи ватандӯстӣ ва ташаккули арзишҳои он дар илми педагогикаи ватанӣ ба истифодаи эҷодкоронаи мероси классикии Шарқ, ки дар асарҳои мутафаккирони барҷаста классики мо, аз ҷумла Абӯабдуллоҳ Рӯдакӣ, Абулқосим Фирдавсӣ, Абуалӣ ибни Сино, Носири Хусрав, Ҳофизи Шерозӣ, Амир Хусрави Деҳлавӣ, Саъдии Шерозӣ, Камоли Хуҷандӣ, Абдураҳмони Ҷомӣ, Аҳмади Дониш, Садриддин Айнӣ ва дигарон инъикос ёфтааст, ҷойгоҳи муҳим дода мешавад, ки дар рушди маънавию ахлоқӣ ва тарбияи ватандӯстии ҷавонон, хоса хонандагону донишҷӯён пояҳои устувору қавӣ гузоштаанд.

3. Дарки мазмун ва моҳияти тарбияи ватандӯстии ҷавонон, технология ва роҳҳои татбиқи он дар асарҳои А.С.Аникеев, В.В.Антонов, Е.Г.Каширтсева, Т.В.Коршунова, А.Ф.Никитин, Я.В.Соколов, З.К.Шникендорф Н.М.Заробекова, А.Қаландаров, И.Х.Каримова, М.Д.Қаюмов, Ҷ.Давлатзода ва дигарон хуб инъикос ёфтаанд.

**Заминаҳои назариявӣ-эмпирикӣ:** Асоси эмпирикии таҳқиқотро омӯзиши адабиёти илмӣ-методии марбут ба мавзуъ, таҳлили барнома ва китобҳои дарсӣ, озмоишҳои педагогии муқарраркуниву таълимӣ-методӣ бобати муайян намудани мазмуни таҳсилот, вазъи гузаронидани таҷрибаомӯзиҳои саҳроӣ ва маҷмӯӣ, инчунин усулҳои мушоҳида, таҳлил ва анкета бо мақсади ба даст овардани хулосаҳои даркорӣ аз раванди муайянкунии хусусиятҳои педагогии ташаккули арзишҳои ватандӯстии донишҷӯён дар раванди таҷрибаомӯзии таълимӣ; таҳлилу ҷамъбасти далелу маълумоти дар ҷараёни озмоиш бадастомада ва арзёбии муқоисавии натиҷаҳои онҳо ва дар шакли маълумоти оморӣ ва коркарди оқилонаи онҳо ба вуҷуд омадаанд, ташкил медиҳанд.

**Пойгоҳи таҷрибавии таҳқиқот:** факултетҳои геоэкология ва туризм, биология ва химияи МДТ "Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи академик Бобоҷон Ғафуров", факултети табиатшиносӣ ва тарбияи ҷисмонии Донишкадаи омӯзгории Тоҷикистон дар шаҳри Панҷакент маҳсуб меёбанд. Ҳамагӣ дар таҳқиқот 468 нафар донишҷӯёни курсҳои 1,2,3 -юм, 46 нафар омӯзгорон ширкат доштанд.

**Марҳилаҳои асосии таҳқиқот.** Таҳқиқот солҳои 2018 - 2022 дар се марҳалаи бо ҳам алоқаманд гузаронида шуд, ки ҳар яке ҳадафу вазифаҳои муайянро дар бар гирифт.

**Дар давраи якум (с.2018-2019)** интихоб ва омӯзиши назариявии мавзӯъ, объект ва предмети таҳқиқот гузаронида шуд; дастгоҳи дараҷавӣ-мафҳумии таҳқиқот муайян карда шуд; фарзияи кории таҳқиқот пешниҳод гардид; пойгаҳи таҳқиқот муайян гардид; озмоишҳо бо назардошти меъёрҳои интихобшуда ва нишондиҳандаҳои ташаккулёбии майл ба арзишҳои

ватандӯстӣ тавассути таҷрибаомӯзиҳои таълимии саҳрой ва комплексӣ гузаронида шуданд. Методҳои асосии таҳқиқот: ташхиси назариявии адабиётҳои илмӣ оид ба масъалаи таҳқиқот, мушоҳида, индуксия, дедуксия, тестгузаронӣ, назарсанҷӣ, ташхис, озмоиш, ҷамъбаст.

Давоми **давраи дуюм (с.2019 - 2021)** корҳои озмоишӣ бо мақсади амиқ гардонидани фарзияи корӣ гузаронида шуданд; модели вазифавии ташаккули майли донишҷӯён ба Ватан ҳамчун арзиш тавассути таҷрибаомӯзиҳои таълимии саҳрой ва комплексӣ мураттаб ва аз апробатсия гузаронида шуданд; шартҳои педагогии баланд бардоштани самаранокии онҳо амалӣ кунонида шуданд; мавқеи методологӣ ва назариявии таҳқиқот дақиқу амиқ гардиданд. Методҳои асосии таҳқиқот: моделикунонӣ, назарсанҷӣ, тестгузаронӣ, мушоҳида, суҳбат, ташхиси фаъолияти таълимӣ ва берун аз он, ки озмоишро ташкил медиҳад.

Дар **давраи сеюм (с.2021–2022)** ҷамъбаст ва ташхиси маълумотҳои таҷрибавии ба дастомада, таҳлилу ба низомдарории натиҷаҳо ва хулосаҳои таҳқиқоти ба анҷомрасонидашуда гузаронида шуд; санҷиши таҷдиди натиҷаи корҳои таҷрибавӣ ба амал бароварда шуд; тавсияҳои методӣ оид ба муаммои таҳқиқот ба амал татбиқ карда шуданд; таҳқиқоти диссертатсионӣ мураттаб карда шуд. Методҳои асосии таҳқиқот: ташхиси сифатӣ ва миқдории натиҷаҳои таҳқиқот, коркарди математикӣ, оморӣ ва тафсири графикии маълумотҳои таҷрибавӣ.

**Навгониҳои илмии натиҷаи таҳқиқот:**

- ду ҷанбаи арзишҳои ватандӯстӣ: майлу рағбат ба раванд–ҳамчун ҷараёни ташаккули муносибати боэътимод нисбат ба табиат, муҳити зист, халқу миллат, анъанаҳои миллӣ, таъриху фарҳанг, ғояҳои миллӣ, гузашта, имрӯз ва фардои кишвар, ки дар натиҷа ба дигаргунсозии муносибат ба ин арзишҳо оварда мерасонад; майлу рағбат ҳамчун натиҷа–ин доро будан ба донишҳои фарох оид ба Ватан, ки як қатор хусусиятҳо, аз ҷумла зодгоҳ, маҳалли зист, анъанаҳо, таърих, фарҳанг, табиати маҳал, мавқеи географӣ, муқаддасот, хислатҳои миллӣ, халқ, оила, давлат, ватандӯстӣ, қарз, шараф, ки

симои зебопарастӣ ва ҳомии Ватанро таҷассум менамояд ва пеш аз ҳама образи Ватан муҳимтарин арзёбӣ карда мешавад;

- дурнамо доштани истифодаи имкониятҳои педагогии таҷрибаомӯзиҳои таълимии саҳроӣ ва комплексӣ, дорои захираҳои муҳим ва имкониятҳои мувофиқ барои ташаккули майл ба Ватан ҳамчун арзиш дар донишҷӯён: аксиологӣ (талабот ба алоқамандии арзишҳои фарҳангӣ–таърихӣ); маърифатӣ (андӯхтани донишҳо оид ба Ватан тариқи такя ба сарчашмаҳо); иҷтимоикунонӣ (иҷтимоикунонии шахсият тавассути объектҳои табиию таърихӣ ва иқтисодиву иҷтимоӣ, ки таҳаввули табиат, ҳодисаҳои табиӣ, таҷрибаи фарҳангӣ–таърихиро инъикос намуда, барои раҳёфти дурусти донишҷӯён дар замони муосир имконият медиҳад); иттилоотӣ–мундариҷавӣ (интихоби мухталифи шаклҳои таҷрибаомӯзиҳои таълимии саҳроӣ ва комплексӣ); эҷодӣ–арзишӣ (муносибати эҷодкорона дар ташкили таҷрибаомӯзиҳои таълимии саҳроӣ ва комплексӣ); ташкилӣ–вазифавӣ (муҷаҳҳазоти фазогӣ–предметӣ ва иттилоотӣ–техникии раванди таълим дар таҷрибаомӯзиҳои таълимии саҳроӣ ва комплексӣ) исбот карда шудааст;

- алоқамандии шартҳои педагогии ташаккули арзишҳои ватандӯстии донишҷӯён дар раванди таҷрибаомӯзиҳои таълимӣ муайян карда шуданд (амалишавии иқтидори педагогии таҷрибаомӯзиҳои саҳроӣ ва комплексӣ дар якҷоягӣ бо захираҳо ва имкониятҳо; таъмини алоқаи байни системаи эҷодӣ–арзишии ташкили таълим ва таҷрибаомӯзиҳои саҳроиву комплексӣ; давра ба давра (сарфарозёбӣ, таҷдид, лоиҳабандӣ) бо механизми ягона (ҷустуҷӯ, баҳодиҳӣ, интихоб) ба роҳ мондани раванди ташаккули майл ба арзишҳои ватандӯстӣ дар ҷавонон);

- хусусиятҳои тафсирии замони муосири арзишҳои бунёдии ватандӯстӣ, аз ҷумла, арзишҳои моддиву маънавӣ, ҳуқуқӣ, шаҳрвандӣ ва ватандӯстӣ, ки шахсияти донишҷӯро инъикос мекунанд, муайян карда шудаанд;

- маводи зарурӣ барои ташкили машғулиятҳо, чорабиниҳо ва курсҳои махсус барои таҷрибаомӯзии таълимӣ пурра таҳия гардида, роҳҳои

мушаххаси муқаррарот оид ба ташаккули арзишҳои ватандӯстӣ муайян карда шудаанд.

- шартҳои педагогие, ки ба ташаккул ва таҳаввули арзишҳои ватандӯстии донишҷӯён мусоидат менамоянд, тарҳрезӣ шудаанд;

- амсилаи сохторӣ–вазифавии ташаккули арзишҳои ватандӯстии донишҷӯён дар раванди таҷрибаомӯзиҳои таълимӣ дар алоқамандӣ бо ҷузъҳои сохтории он (мақсад, мундариҷа, раванд, натиҷа) коркард шудааст, ки барои пешгӯии амалишавии натиҷабахши мақсади гузошташуда дар асоси истифодабарии иқтидори педагогии таҷрибаомӯзиҳои саҳроӣ ва комплексӣ имконият медиҳад;

- маҷмӯаи илмӣ–методии таъмини ташаккули арзишҳои ватандӯстии донишҷӯёни донишгоҳ дар раванди таҷрибаомӯзиҳои таълимӣ, ки дорои барномаи ҳамгиро: заиф, фаъол, ҳамфаъол ва таҷрибаомӯзиҳои саҳроӣ ва комплексӣ; маводҳои ташхисӣ ва дидактикӣ оид ба муаммои таҳқиқшаванда асоснок карда шуданд;

- бори аввал тавассути таҷрибаомӯзии таълимӣ масъалаи ташаккули арзишҳои ватандӯстии донишҷӯёни муассисаҳои таҳсилоти олии касбии Ҷумҳурии Тоҷикистон баррасӣ гардидааст;

- ҳалли маҷмӯии масоили педагогӣ дар ҳошияи муаммои хусусиятҳои педагогии ташаккули арзишҳои ватандӯстӣ дар доираи таълими фанҳои табиатшиносӣ амалӣ карда шудааст;

- назарияи шартҳои педагогии ташаккули арзишҳои ватандӯстии донишҷӯёни донишгоҳ дар раванди таҷрибаомӯзиҳои таълимӣ татбиқ шуда, натиҷа ва хулосаҳои он дастабандӣ ва барои баланд бардоштани сифати мавзӯии кор дар самти мазкур тавсияҳо пешниҳод гардидаанд.

**Ба ҳимоя нуктаҳои асосии зерин пешниҳод мегарданд:**

1. Майли донишҷӯён ба арзишҳои ватандӯстӣ дар ду ҷанбаъ: ҳамчун раванд ва ҳамчун натиҷа (дар асоси назарияи А. В. Кирякова [91]) арзёбь мегардад. Майлу рағбат ҳамчун раванд–ин ташаккули муносибати устувор нисбат ба арзишҳои таъриху фарҳанг, анъанаву ғояҳои миллӣ, халқ, гузашта,

имрӯз ва фардои кишвар, табиат, боигариҳои табиӣ, ки натиҷаи гузариш аз муносибат ба майлу рағбат мебошад.

Майлу рағбат ҳамчун натиҷа–ин озодона соҳиб будан ба доираи фарохи донишҳо дар бораи Ватан, ки як қатор майлҳоро (маҳалли зист, зодгоҳ, анъана, расму оин, таърих, фарҳанг, хусусиятҳои табиӣ, мавқеи географӣ, хусусиятҳои миллӣ, халқ, давлат, ватандӯстӣ, қарз, шараф) муттаҳид менамояд.

2. Иқтидори педагогии таҷрибаомӯзиҳои таълимии саҳроӣ ва комплексӣ захира ва имкониятҳои назаррасро доро мебошад, ки дар донишҷӯён майли арзишҳои шаҳрвандӣ, махсусан ғояи Ватан ва ватандӯстӣ ҳамчун арзишро ташаккул медиҳад. Аз ҷумла, аксиологӣ (талабот ба алоқамандии арзишҳои фарҳангӣ–таърихӣ); маърифатӣ (андӯхтани донишҳо оид ба Ватан ва табиати он тариқи такя ба сарчашмаҳо); иҷтимоикунонӣ (иҷтимоикунонии шахсият тавассути объектҳои табиию таърихӣ, ки таҷрибаи фарҳангӣ–таърихиро инъикос намуда, барои раҳёфти дурусти донишҷӯён дар замони муосир имконият медиҳад); иттилоотӣ–мундариҷавӣ (интихоби мухталифи шаклҳои таҷрибаомӯзиҳои таълимии саҳроӣ ва комплексӣ); эҷодӣ–арзишӣ (муносибати эҷодкорона дар ташкили таҷрибаомӯзиҳои таълимии саҳроӣ ва комплексӣ); ташкилӣ–вазифавӣ (муҷаҳҳазоти фазогӣ–предметӣ ва иттилоотӣ -техникии раванди таълим дар таҷрибаомӯзиҳои таълимии саҳроӣ ва комплексӣ).

3. Амсилаи сохторӣ–вазифавии ташаккули майли донишҷӯён ба Ватан ҳамчун арзиш тавассути таҷрибаомӯзиҳои саҳроӣ ва комплексӣ дар асоси муносибат ва принсипҳо (аксиологӣ, инфиродӣ, рефлексивӣ, лоиҳавӣ, фаъолнокии эҷодӣ), ки дар таркиби худ ҷузъҳои нисбатан мустақил, чун мақсад, мундариҷа ва равандро инъикос намуда, асоси ташкилӣ–технологии татбиқи мурофиқати педагогии хориқаи таҳқиқшавандаро инъикос менамоянд.

4. Шартҳои педагогии дар рафти омӯзиши назариявӣ ва корҳои озмоишӣ (татбиқи имкониятҳои педагогии таҷрибаомӯзиҳои саҳроӣ ва комплексӣ;

ташкили системаи эҷодӣ–арзишии алоқамандии муассисаи таълимӣ, таҷрибаомӯзиҳои саҳроӣ ва комплексӣ, арзишҳои ватандӯстӣ) асоснок карда шуданд.

**Аҳамияти назариявии натиҷаҳои таҳқиқот:**

- натиҷаи корҳои озмоишӣ дар васеъ гардидани донишҳои назариявӣ оид ба раванди ташаккули арзишҳои ватандӯстии донишҷӯёни донишгоҳ дар раванди таҷрибаомӯзиҳои таълимӣ, ки дар ҷамъи алоқаҳои дохилӣ ва берунаи нишондиҳандаҳои меъёрии ҷузъҳои он: маърифатӣ (дарки мафҳуми Ватан, донистани география, таърих, анъанаҳо, муқаддасот); ҳиссиётӣ (дараҷаи шинохти худ ҳамчун шаҳрванд ва шахси табиатдӯсту ватанпарвар; арзёбии фаъолият ва рафтори худ нисбат ба онҳо; ангезиши эҳсосотӣ вобаста ба мафҳуми Ватан); фаъолнокӣ дар амал (саҳм дар фаъолияти иҷтимоӣ ва экологӣ; зоҳир намудани мустақилият, ташаббускорӣ нисбат ба эҳтироми Ватан ва табиати нотакрори он) инъикос мегардад, саҳми назаррас дорад;
- таснифоти таҷрибаомӯзиҳои саҳроӣ ва комплексӣ (маҳаллӣ ва комплексии дур; табиӣ ва иқтисодӣ) дар асоси хусусияти омӯзиш коркард шудааст;
- ҷой доштани мушкилоти ташкилӣ–таълимӣ: мавсимӣ будани таҷрибаомӯзиҳои таълимии саҳроӣ ва комплексӣ дар раванди таълим; арзёбии нокифояи иқтидори педагогии таҷрибаомӯзиҳои таълимии саҳроӣ ва комплексӣ аз ҷониби муассисаи таълимӣ; шахсӣ: заиф ва нокифоя зоҳир намудани таваҷҷуҳ ба Ватан, муносибат нисбат ба табиати кишвар; самаранок истифода карда натавонистани имкониятҳои таҷрибаомӯзиҳои таълимии саҳроӣ ва комплексӣ дар самти донишандӯзӣ оид ба Ватан ва табиати он; паст будани қобилиятҳои таҳлил ва мураттаб сохтани занҷири дурударози мантиқӣ муайян карда шудааст.

**Аҳамияти амалии натиҷаҳои таҳқиқот** дар он зоҳир мешавад, ки маълумотҳои ба даст овардашударо самти таълим, шуъбаи таҷрибаомӯзӣ, кафедраҳои дахлдор дар мураттаб сохтани барнома ва технологияи

ташаккули арзишҳои ватандӯстии донишҷӯёни донишгоҳ дар раванди таҷрибаомӯзиҳои таълимӣ дар сурати:

- коркарди дастури меъёрӣ–ташхисии мушоҳида ва назорати динамикаи ташаккули майли донишҷӯён ба Ватан ҳамчун арзиш;
- муайян намудани дурнамои истифодаи амалии модели сохторӣ–вазифавии ташаккули арзишҳои ватандӯстии донишҷӯёни донишгоҳ дар раванди таҷрибаомӯзиҳои таълимӣ, ки таваҷҷуҳи омӯзгорони табиатшинос, географ, кишваршинос, муарриху бостоншинос, биолог, санъати тасвирӣ ва дигарон нисбатан зиёд аст;
- мураттаб сохтани тавсияҳои амалӣ ва апробатсияи шаклҳои беҳтарин ва самараноки ташкили таҷрибаомӯзиҳои таълимии саҳрой ва комплексӣ дар семинарҳои таълимӣ–методӣ, семинарҳои назариявии кафедравию донишгоҳӣ (экскурсия, экспедитсия, табиати виртуалӣ, дарси саҳрой, викторина, моделиронии географӣ);
- коркарди пешниҳодот ҷиҳати такмили минбаъдаи таъмини илмӣ–методии раванди таҳқиқотии ба амал татбиқнамуда, ки дар амалияи муассисаҳои таълимии тахассусӣ, ҳангоми навиштани таҳқиқотҳои диссертатсионӣ аз ҷониби бакалаврон, магистрон ва унвонҷӯён мавриди истифода қарор гирифта метавонад.

**Эътимоднокии натиҷаҳои таҳқиқотро** мавқеи методологиву назариявӣ, таҳлили муқаррароти фалсафӣ, педагогиву психологӣ, таҳқиқотҳои мунтазам гузаронидашуда, истифодаи методҳои назариявию таҷрибавӣ, муқоисаи натиҷаи бадастомада бо натиҷаи таҳқиқотҳои дигари ба мавзуъназдик, асосноккунии сифатӣ ва миқдории маълумотҳои таҷрибавӣ, коркарди омории маълумотҳои таҷрибавӣ таъмин менамоянд.

**Мутобиқати диссертатсия бо шиносномаи тахассуси илмӣ.** Мавзӯи таҳқиқоти диссертатсионӣ ба талаботҳои шиносномаи тахассуси 13.00.01–педагогикаи умумӣ, таърихи педагогика ва таҳсилот: Банди 3. Антропологияи педагогӣ (назарияи тарбия, таълим ва иҷтимоикунонии шахсият тавассути таҳсилот, системаи педагогии шароитҳои инкишофи

шахсият дар раванди таълим, тарбия ва таҳсилот); Банди 6. Консепсияи таҳсилот (зарурати иҷтимоӣ–фарҳангии динамикаи таҳсилот, консепсияи ҳамгироии донишҷӯён ба муҳити нави иҷтимоӣ тавассути таҳсилот).

**Саҳми шахсии муаллиф** дар асосноккунии назариявӣ ва амалии ғояҳои асосии муаммои таҳқиқшаванда, амиқ гардонидани мундариҷаи мафҳуми “арзишҳои ватандӯстӣ”; муайян кардани иқтидори педагогии таҷрибаомӯзиҳои таълимии саҳроӣ ва комплексӣ; асосноккунӣ ва апробатсияи модели сохторӣ–вазифавии ташаккули арзишҳои ватандӯстӣ дар донишҷӯён тавассути таҷрибаомӯзиҳои таълимии саҳроӣ ва комплексӣ ва муайян кардани шартҳои педагогии татбиқи самараноки он; коркарди дастури таъминоти илмӣ–методӣ ва меъёрӣ–ташхисии кори таҳқиқотӣ зоҳир мешавад.

**Тасвиб ва амалисозии натиҷаҳои таҳқиқот**. Муқаррароти асосии назариявӣ, хулосаву натиҷаҳои таҳқиқоти гузаронидашуда аз ҷониби муаллиф дар конференсияҳои илмӣ-амалии байналмилалӣ, ҷумҳуриявӣ, вилоятӣ, умумидонишгоҳӣ ва семинарҳои илмӣ-назариявӣ оид ба масъалаҳои мундариҷаи низоми таҳсилоти муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ мавриди муҳокима қарор дода шудаанд.

**Интишорот аз рӯйи мавзӯи диссертатсия.** Натиҷаи таҳқиқоти диссертатсионӣ дар 25 мақолаҳои илмӣ, аз ҷумла 5 мақола дар маҷаллаҳои илмии тақризшавандаи КОА-и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ва КОА-и Вазорати маориф ва илми ФР ба табъ расидаанд.

**Сохтор ва ҳаҷми кори диссертатсионӣ.** Диссертатсия аз пешгуфтор, 3 боб, 9 фасл, хулоса, рӯйхати адабиёти истифодашуда иборат аз 225 номгӯй ва замимаҳо иборат мебошад. Ҳаҷми умумии диссертатсия 197 саҳифа буда, матни асосии рисола 171 саҳифа ва замимаҳои он 26 саҳифаи компютериро ташкил медиҳад. Инчунин дар диссертатсия 17 ҷадвал 5 диаграмма, 3 гистограмма ва 2 расм ҷой дода шудааст.

# БОБИ 1. АРЗИШҲОИ ВАТАНДӮСТӢ, ҶАНБАҲОИ НАЗАРИЯВИИ МАСЪАЛАИ ТАШАККУЛИ МАЙЛИ ДОНИШҶӮЁН БА ВАТАН

## 1.1. Арзишҳои ватандӯстӣ ҳамчун падидаи илмӣ-педагогӣ ва роҳҳои афзалиятноки тарбияи донишҷӯён дар ин самт

Дар доираи таҳқиқотҳои мо мафҳумҳои “майлу рағбат”, “майлу рағбат ба Ватан ҳамчун арзиш”, “арзишҳои ватандӯстӣ” мавқеи меҳвариро ишғол менамоянд. Асоси муайян намудани мӯҳтавои категорияи “арзишҳои ватандӯстӣ”, асосҳои консептуалии хориқаи омӯхташаванда дар таҳқиқотҳои илмии байнифаннӣ, ки ин мафҳумро ҳамчун тулӯи шахсият ба арзишҳои ҷомеа дар заминаи қонуни диалектиии бартарии талаботҳо (А.В.Кирякова) [91]; дар шахсият бартарӣ доштани арзишҳои моддӣ ва маънавии маданият, ки рафтор ва муносибатро нисбати олами атроф муайян менамояд (А.Г.Здравомислов, В.А.Ядов, Н.Худоёрова) [78,220,195]; раванди ташаккули ахлоқи шахсият; табдилёбии арзишҳои фарҳангӣ ба омил ва сабаби рафтори амалӣ (В.Г.Алексеева) [6]; самтгирии шахсият ба мақсадҳои маънавии ҳаёт, ки дар намуди сифатҳои шахсият ва намунаи рафтор зоҳир мегардад (Х.М.Сабурӣ, И.А.Журавлева) [163,76].

Мувофиқи назарияи майлу рағбати шахсият дар олами арзишҳои А.В.Кирякова маънои педагогии мафҳуми “майл” ду ҷанбаъ, ки раванд ва натиҷаро мефаҳмонад, дар бар мегирад [91]. Бинобар ҳамин, дар доираи таҳқиқотамон хориқаи арзишҳои ватандӯстӣ аз ду самт омӯхта мешавад.

- арзишҳои ватандӯстӣ–ин раванди ташаккули муносибати арзишманду устувор нисбат ба табиати кишвар, боигариҳои он, таърих, анъана, халқ, ғояҳои миллӣ, гузашта, имрӯз ва ояндаи кишвар мебошад, ки натиҷаи он табдилёбии муносибат ба арзишҳои маънавӣ аст.
- арзишҳои ватандӯстӣ–ин натиҷа (озодона донистан ва соҳиб будан ба доираи фарохи донишҳо оид ба Ватан, мавқеъю манзалати он дар ҷаҳон, шароитҳои географӣ, иншоотҳои муҳиму тақдирсоз, муқаддасот, рушди сиёсӣ, иқтисодӣ, иҷтимоии мамлакат, сохти давлатдорӣ, фарҳанг, анъана ва

расму оинҳо).

Арзишҳои ватандӯстӣ ҳамчун натиҷа дар худ як қатор майлу рағбат, ки образи зебоипарастӣ ва ватандӯстонаро (ҷойи таваллуд, мавқеи географӣ, хусусиятҳои табиат, анъана, таърих, фарҳанг, муқаддасот, халқ, давлат, ватанпарастӣ, қарз, шараф) муттаҳид менамояд ва образи Ватан дар ҷойи аввал меистад. Самаранокии раванди майлу рағбат ба Ватан ҳамон вақт ҳамчун арзиш арзёбӣ мегардад, ки агар муносибат ба майли арзишманд табдил ёбад.

Категорияи "арзишмандӣ" ба қатори мафҳумҳои умумиилмӣ мансуб мебошад [8, 13-17, 24, 36, 192, 201, 224]. Он дар афкори ҷомеа мавқеи калидӣ дошта, объект, ҳодисаҳо, хусусиятҳои онҳо, ғояҳои хаёлии дорои идеалҳои ахлоқиро дар бар мегирад ва ба сифати қолаби қабулшуда баромад менамояд [94, 213].

Таснифоти П.М.Рогачов (мафҳумҳои–муҳаббат, хушбахтӣ, бехатарӣ, хирадмандӣ, озодӣ, дӯстӣ, зебоӣ, ҳамчунин хусусиятҳои шахсият, ки барои ҳаёт ба инсон кӯмак мерасонанд: масъулиятнокӣ, далерӣ, қобилиятнокӣ, ростқавлӣ) ва А.В.Кирякова (арзишҳои аҳамияти иҷтимоидошта–ҳақиқат, некӣ, зебоӣ, тафаккур, инсон, меҳнат, Ватан)–ро ба асос мегирем, зеро дар ҳама давру замон ин арзишҳо доминанти иҷтимоӣ маҳсуб мешуданд.

Ба сарчашмаҳои масъала нигариста, мағзи фалсафавӣ, мураккабӣ ва гуногунии назарияҳоро нисбати арзишҳои ватандӯстӣ зикр намудан мумкин аст [156, 91]. Мусаллам аст, ки дар раванди тарбия ҳисси ватандӯстӣ мафҳуми муҳим маҳсуб меёбад, аз ин лиҳоз диққати бузургонро ҳанӯз аз замонҳои қадим ба худ ҷалб намудааст.

Дар афкори педагогии ватанӣ таъиноти ягонаи мӯҳтавои арзишҳои ватандӯстӣ коркард нашудааст, вале ба он ҳамеша, дар ҳама давру замон ҳамчун арзишҳои бебаҳо арҷгузорӣ мекарданд. Раванди таҳаввули мафҳуми мазкур ҳамчун ҷараёни бетанаффуси қонунӣ ҳисобида мешавад ва дар замони имрӯзаи пуртазод рӯй овардан ба ин масъала, ҷустуҷӯи мундариҷаву мӯҳтавои нави мафҳуми Ватан яке аз масъалаҳои муҳим ва

мубрам маҳсуб меёбад.

Дар олами гуногунии муносибатҳо нисбат ба мафҳуми Ватан шартан якчанд давраҳо, ки инкишофи назарияҳоро ба ин масъала кушода медиҳанд, ҷудо кардан мумкин аст. Ба яке аз давраҳои муҳими таърихӣ–давраи давлатдории Сомониён (асрҳои (IX-X)–ро мансуб донистан мувофиқи мақсад аст. Дар сарчашмаҳои таърихӣ ва географии ин давра ғояи ҳифзи Ватан ҳамчун яке аз масъалаҳои муҳими педагогӣ ба шумор мерафт. Маҳз дар ҳамин давра вобаста ба давлатдории шоҳ Исмоили Сомонӣ пояҳои ватандӯстӣ гузошта шуданд ва мафҳуми Ватан бо сарзамини кишвар, анъанаҳои динӣ пайвастагии ногусастанӣ пайдо намуд. Ниёгони мо дар гузашти рӯзгор асарҳои мондание мерос гузоштаанд, ки дар онҳо масоили ватану ватандорӣ ва ҳифзи марзу буми он ҷойгоҳи хоса дорад. Мутафаккирони тоҷик ба унвони беназиртарин осор, муаррифгари андешаҳои солиму созанда ва башардӯстонаи фарзандони фарзонаи миллат ба ҷаҳониён аст. Осори илмии олимони барҷастаи тоҷик хусусияти маърифатӣ дошта, хонандагони худро дар рӯҳияи муҳаббат ба Ватан тарбия менамояд. Мафҳумҳои муқаддас дар назди ниёгони мо ҳамеша гиромӣ будаанд ва далели онро метавон дар ашъору осори эшон возеҳу ошкор мушоҳида кард. Ғояҳои ватандӯстӣ дар осори мутафаккирони бузург чун Абӯнасри Форобӣ, Абӯалӣ ибни Сино, Абурайҳони Берунӣ, Умари Хайём, Носири Хусрав, Абӯбакри Розӣ, Закариёи Розӣ, Абӯабдуллоҳи Рӯдакӣ, Абулқосим Фирдавсӣ, Саъдии Шерозӣ хеле хуб таҷассум ёфта, то ҳол аҳамияти беназир доранд. Дар канори онҳо донишманди бузург, ҷуғрофидон ва мунаҷҷим, яке аз поягузорони давлати Оли Сомон Абӯабдуллоҳ Муҳаммад ибни Аҳмади Ҷайҳонӣ дар китоби хеш "Ашкол–ул –олам" Хуҷанди аҳди Сомониёнро чун шаҳри ободу зебо, хушобу ҳаво, дорои меваҳои шаҳдбор ва мардумаш нексурату фозил тасвир намудааст. Дар асари "Зиҷ"-и Абӯмаҳмуди Хуҷандӣ мушоҳидаҳои олим дар қуллаи кӯҳи Табораки шаҳри Рай оид ба арзу тӯли географии ин мавзеъ таъкид гардида, сонитар ба ҷадвали географии шаҳрҳо ворид карда шудааст. Дар

асари “Таҳдид ниҳоёт ал–амокин” (мухтасар “Геодезия”)-и Абӯрайҳон Берунӣ навиштааст: “Ва сипас, Абӯмаҳмуд Ҳомид ибни Хизри Хуҷандӣ ба фармони Фахруддавла, дар кӯҳи Таборак (наздикии шаҳри Рай) ду девори мутавозӣ (параллел) бар хатти нисфуннаҳор ба фосилаи ҳафт зироъ аз якдигар сохт ва бар рӯйи ду девор тоқе зад, ки дар миёни он сӯрохи гирд ба қутри як ваҷаб сохта буд. Ва маркази ин сӯрохиро саркази судси доираи азиме ба қутри ҳаштод зуроъ қарор дод, ки бар хатти нисфуннаҳор ду девор ниҳода буд; сатҳи он судс бо тахта ва рӯйи тахта бо сафҳаи биринҷӣ пӯшида шуда ва ҳар як аз дараҷоти муҳити он ба сесаду шаст қисмат тақсим шуда буд, ки ҳар қисмате намояндаи даҳ сония буд. Офтоб аз ин сӯрох бар сатҳи нисуннаҳор метобид. Ва Абӯмаҳмуд чанбаре ба андозаи нуре, ки бар замин меафтод сохт, ки маркази он маҳали тақотеъи ошкори рӯйи маҳалли қарор гирифтани он фосилаи миёни Офтоб ва самт-ур–росро ба даст меовард. Ва он чӣ ман дар инҷо меоварам, аз рӯйи мақолаи худи ӯст, ки дар “тасҳеҳи майл ...” навиштааст” [1, саҳ. 10].

Дигар аз тобноктарин чеҳраҳои ҳикмат дар асрҳои миёна Носири Хусрав мебошад, ки дар раҳгузари сафари ҳафтсолаи хеш бо ҳаводиси зиёди табиат рӯ ба рӯ омада, дар заминаи мушорикату мушоҳидаи онҳо кӯшидааст, ки маҳалли мусофирати хешро аз нигоҳи таърихӣ, иҷтимоӣ ва географӣ ба тариқи мушаххасу мустанад ба тасвир оварад. Аз ин лиҳоз, нақлу тасвири дақиқи объектҳои табиӣ, ки дар канор ва мадори он худи муаллиф ҳам қадам мегузорад ва асноди қобили таваҷҷуҳро аз вусъати мушоҳидоти хеш бар ин ҳаводиси табиӣ ҳарф мезанад, маҷмуъан ба “Сафарнома” мақому манзалати шомихеро дар шинохти табиат ва масоили табиатшиносӣ қоим мешаванд. Пайваста ба нигориши вақоеъ Носири Хусрав ба мухтассоти иҷтимоиву мадании шаҳрҳо ва кишварҳои бузурги олам чун Ҷузҷону Марв, Рай, Қазвин, Омул, Исфаҳон, Сарахс, Табрез, Маккаву Мадина, Миср ва амсоли ин таваҷҷуҳ намудааст, ки иттилои ӯ аз маълумоти фаровони географӣ ва матолиби пурарзиши шинохти марзу бум ва ҳудуди билоду мадоин бархурдоранд. Тасвири мақому ҳолоти шаҳру

вилоят дар пайвастагии қавӣ бо мазияти иҷтимоии онҳо, аносир ва аркони рӯзгори ҷории сокинони манотиқу мазбур, падидаҳои фарҳангӣ, вижагиҳои рӯзгори урфии ақвоми мухталиф, кешу мазҳаби мардумон, шигардҳои хоссаи шаҳру кишвардорӣ ба ҳам маҳлут гардида, мақоми асарро дар таҳқиқу маърифати матолиби иҷтимоӣ ва географӣ иртифоъ бахшидаанд. Пайванди матолиби географӣ, таърихӣ, иҷтимоӣ ва ҷанбаи қавии омӯзонандагии асар "Сафарнома"–ро ба ҳайси китоби ҷомеъи фарогир ва ба наҳве қомуси мухтасари ҷаҳони исломи қуруни вусто ҷилвагар менамояд. Дар ҳангоми вуруд ба боргоҳи ин асар ҳарчанд хонанда ба воқеият ва тафаккури фалсафӣ, ҳикмату ирфони Носири Хусрав ва ақоиди мазҳабиву маърифатии ӯ бархӯрд намекунад, аммо ҳамроҳи нависанда дар ҷараёни ин мусофирати ҳафтсолаи пур аз ҳаводису матолиб ва фазилату диди хосаи муаллиф ба дарёфти дониши фузуни таърихиву географӣ, иҷтимоиву маданӣ муваффақ мешавад, ки ин худ аз муҳимтарин муҳасаноти "Сафарнома" ба шумор меравад. Дар ин асар омадааст: "Ва аз Балх то ба Рай сесаду панҷоҳ фарсанг ҳисоб кардам. Ва гӯянд аз Рай то Сана сӣ фарсанг аст. Ва аз Сана ба Ҳамадон сӣ фарсанг. Ва аз Рай ба Сипоҳон панҷоҳ фарсанг ва ба Омул сӣ фарсанг. Ва миёни Рай ва Омул кӯҳи Дамованд аст монанди гунбаде ва онро Лавосон гӯянд. Ва гӯянд бар сари он чоҳе аст, ки навшодир аз он ҷо ҳосил мешавад ва гӯянд, ки кибрид низ" [133, саҳ. 12].

Муҳаббат ба Ватан дар осори шоирони аҳди Сомонӣ низ нерӯи воқеъбинонаи қаҳрамонӣ ва ҷавонмардӣ дошт. Аз ин хотир, мафҳуми Ватан ва ватанпарастӣ ба маънавиёт ва эътиқод ворид мешавад ва ба ин восита дар зеҳнияти инсонҳо муҳаббати яздонӣ ба Ватан парвариш меёбад. Устод Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ низ аз зумраи он шоиронест, дар мавзӯи муҳаббат ба Ватан асарҳои зиёде офаридааст. Ба даҳон гирифтани худи ҳамин ибора ҳамоно ақидаи шоирро равшан мегардонид, доираи андешаи ӯро вусъат мебахшид ва ба ин восита, гӯё шукӯҳу бузургӣ шахсияти вайро фаро мегирифт. Ин ҳолат аз он муҳаббати одие, ки шахс нисбат ба маҳалу зодгоҳи

худ дорад ва ё меҳанпарастии ғуруромез ба маротиб баландтар аст. Чунончи, мафҳуми Бухоро дар ашъори Рӯдакӣ, аз ҷумла дар шеърҳои машҳури «Бӯи ҷӯи Мӯлиён ояд ҳаме», «Ҳар бод, ки аз сӯи Бухоро ба ман ояд», «Рӯй ба меҳроб ниҳодан чӣ суд, дил ба Бухорову бутони Тароз» ва ғайра чун рамзи шаҳри озодагон дар оҳангу овози муҳаббат ба ватани аҷдодӣ, ҳуввияти миллӣ, озодию истиқлол, шодбошию фараҳ ифода гардидааст. Барои собит сохтани ин фикр далел овардани шеъри машҳури «Бӯи ҷӯи Мӯлиён ояд ҳаме» кофист, ки бо шунидани он Амири Сомонӣ Насри II бетаъхир аз Ҳирот роҳи Бухороро пеш гирифта буд. Панду андарзҳои ӯ, ки дар бораи омӯзиши зиндагӣ ва ҳикматҳои ҳаёт, некӣ ва покахлоқӣ мебошанд, аҳамияти калони таълимӣ дошта, барои тарбия намудани насли наврас ва ҷавонон дар рӯҳияи инсондӯстӣ, озодандешӣ, ватандӯстӣ, ҳуввияти миллӣ, ташаббускорӣ, мавқеи шаҳрвандӣ ва амсоли инҳо хизмат мекунанд.

Дар асарҳои мутафаккирони назму насри муосири тоҷик, бахусус Мирзо Турсунзода, Боқӣ Раҳимзода, Раҳим Ҷалил, Лоиқ Шералӣ, Мӯъмин Қаноат, Фазлиддин Муҳаммадиев ва дигарон Ватани ободу зебо ва табиати беназири он хеле хуб тараннум ёфтааст. Чунончи дар шеъри “Ватан”-и Мирзо Турсунзода сатрҳои зерин омадааст:

**Ватан дар ҳар кучо омад ба сар форам ҳавои ту,**
**Ман аз он сӯйи уқёнус бишнидам садои ту.**
**Агарчӣ дар миён тӯфону мавҷи баҳрҳо буданд,**
**Вале омад ба гӯши ман садои рӯдҳои ту !**
**Ҳамеша бо Ватан будам, ҳамеша бо Ватан масрур!**

Дар таҳқиқотҳои педагогии асри XIX тамоили фаҳмиши Ватан ҳамчун арзиши маънавӣ, ахлоқӣ, ки ба хусусиятҳои миллӣ ва анъанаҳо такя менамояд, бештар ба назар мерасад. К.Д.Ушинский бачагонро ба ифтихор аз Ватан даъват намуда, ҷузъҳои онро табиат, забон, дин, адабиёт ва таърих меҳисобид. Н.Ф.Бунаков бошад, дар хонандагон тарбия намудани кӯшиши ба Ватан манфиат овардан, ки ба омӯзиши таърих, география ва забон асос ёфтааст, пешниҳод менамояд. Масъалаи муайянсозии моҳияти Ватан яке аз

вазифаҳои мубрами педагогикаи даврони шуравӣ (соли 1917–охири солҳои 80-уми асри XX) маҳсуб меёфт. Дар асарҳои В.А.Сухомлинский Ватан ҳамчун арзиши бебаҳо арзёбӣ карда шудааст [178]. Масъалаи мазкур дар асарҳои педагогони барҷастаи рус П.М.Рогачев, М.А.Свердлин муфассал баррасӣ шудааст [156,168]. Олимон сохтори Ватанро бо ҷузъҳои он чун ҳудуд, табиати азиз, забон, халқ ва маданият дар якҷоягӣ медиданд.

Солҳои 70-80-уми асри XX ба тарбияи ҳарбӣ – ватандӯстӣ диққати махсус дода мешуд. Маводҳои методӣ, ки ба тарбияи муҳофизони Ватан бахшида шуда буданд, таҳия ва нашр мегардиданд (И.II.Ануреев, А.П.Буличев, И.Н.Гавриленков, Д.Ф.Казаков, Е.Н.Климов, А.Ф.Корепин, Г.Г.Лукава, Ф.И.Мишак, Е.Ф.Никитин, В.К.Орешкин) [54].

Илми педагогика даҳсолаҳои охир дар маънидод намудани мафҳуми ватандӯстӣ муносибатҳои гуногунро зоҳир менамояд. Зеро олимони соҳаҳои мухталиф ҳамаҷониба дар сатҳи равоншиносӣ, фалсафӣ, иҷтимоиёту сиёсатшиносӣ таҳлил намудаанд. Дар педагогикаи муосир Ватанро аз нигоҳи алоқамандии пайваста бо вазъи ҷамъиятӣ–сиёсӣ ва иқтисодӣ, анъанаҳои таърихӣ–фарҳангӣ, хусусиятҳои минтақавӣ ва миллӣ арзёбӣ менамоянд [2, 4, 150].

Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ, Пешвои миллат, Президенти кишвар муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон борҳо таъкид менамоянд, ки арзишҳои ватандӯстӣ дар кӯшишҳои муттаҳиду мустаҳкам ва устувор гардонидани ҷомеа дар асоси анъанаҳои миллии таърихӣ татбиқи худро меёбад. Бозтоби илмии лаҳзаҳои ҳассосу тақдирсози тоҷикон дар асарҳои Пешвои миллат таҷассуми равшан дорад, зеро паҳлуҳои мухталифи худшиносии миллӣ, ифтихори миллӣ, ватандӯстӣ ва эҳёи хотираи таърихии тоҷиконро дар оинаи таърих инъикос намудаанд. Нуқтаи дигаре, ки боиси таҳсин аст, инъикоси воқеии раванди сулҳи тоҷикон ва наҷоти ватану миллат аз парокандагӣ мебошад. Мазмуну муҳтавои асарҳои Пешвои миллат хотирнишон аз он мекунанд, ки ҳар насл ва ҳар фарди алоҳида занҷирае дар таърихи башарият аст, ки тавассути мавҷудияти хеш гузаштаро бо оянда мепайвандад. Асарҳои

Пешвои миллат танҳо ба хотири донистани гузашта набуда, балки дурнамоест, ки роҳиояндаи давлат ва пешомадҳои давлатдориро равшан намуда, барои тақвияти ватанпарастиву кишвардорӣ, ваҳдату ягонагии миллӣ, худогоҳии миллӣ ва рушди тафаккури таърихии наслҳои оянда равона гардидааст.

Як зумра асарҳои Пешвои миллат чун “Тоҷикон дар оинаи таърих”, “Нигоҳе ба тамаддун ва таърихи ориёӣ”, “Мавлоно ва тамаддуни инсонӣ”, “Бист қадами созанда”, “Забони миллат–ҳастии миллат”, “Чеҳраҳои мондагор”, “Уфуқҳои истиқлол” арзиши баланди таърихӣ дошта, саҳифаи навро дар илми тоҷик кушодаанд ва инъикосгари таърихи гузаштаву имрӯз ва махсусан дастовардҳои замони истиқлол буда, мутолиаи онҳо барои баланд бардоштани ҳисси ватандӯстиву худшиносии миллӣ ва таҳкими ваҳдату ягонагии миллии тоҷик аҳамияти хос дорад.

Ватан ва арзишҳои ватандӯстиро таҳқиқотчиёни муосир ҳамчун мафҳуми умумипедагогӣ ва иҷтимоӣ–фарҳангӣ баҳогузорӣ намуда, бештар мазмуни аксиологиро ворид менамоянд, ки дар замони ҳозира мубрамтар мегардад (II.К.Беспятова [25], Т.С.Буторина [34], И.В.Вахрушева [37], А.Г.Голев [53], Т.О.Иванова [80], А.И.Костяев [102], Л.В.Кузнетсова [105], А.Н.Махинин [123], И.В.Метлик [124], Т.М.Толкачева [184], А.А.Яблонских [219]). Ҳамзамон андешаҳои мухталиф оид ба мазмун ва мундариҷаи ин мафҳум ба миён омадаанд. Масалан Л.В.Кузнетсова ва С.А.Шмаков [103] ба ҳайси ҷузъи асосӣ оиларо ҷудо менамоянд. Т.С.Буторина ва И.И.Валеев хусусиятҳои минтақавиро ба асос мегиранд [34,36]. К.А.Воробев ва В.И.Лутовинов ҷузъҳои зерини Ватанро чун: ягонагии иҷтимоӣ ва миллии аҳолӣ, кишвар, ҳудуде, ки таърихан он ба халқи мазкур тааллуқ дорад, муайян намуданд. Олимон ягонагии мазкурро давоми солҳои тӯлонӣ нигоҳ дошта шудани инкишофи таърихии нишондиҳандаҳои мазкур: ҳудуд, таркиби этникӣ, забон ва хусусиятҳои фарҳангӣ тавсиф менамоянд [110].

А.С.Гаязов ба аҳамияти ташаккули мафҳумҳои Ватан, давлатро дар тарбияи ватандӯстӣ ва шаҳрвандӣ диққати махсус медиҳад [50].

А.Н.Вирщиков, Г.Н.Филонов низ ба тарбияи муҳаббат ба Ватан аҳамияти махсус зоҳир намуда, қайд менамоянд, ки тарбияи ватандӯстӣ аз омӯзгорон дарки амиқи вазъи ҷамъиятӣ–сиёсӣ, иқтисодии кишвар ва ҷаҳон, ки дар системаи арзишҳои умумибашарӣ, миллӣ ва иҷтимоиву фарҳангӣ ҷойи махсус дорад, талаб менамоянд [44]. Н.А.Григорева ва Н.П.Овчинникова масъалаҳои ташаккули арзишҳои ватандӯстиро дар хонандагони синфҳои болоии муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ батафсил таҳқиқ намуда, ҷанбаъҳои педагогии ин мушкилотро коркард карданд. Мафҳуми Ватанро чунин шарҳ медиҳанд, ки он тасаввуроти инсонро дар бораи манзил, ҳамчун макони ҷомеаи хурди одамони ба ҳам наздик, ки аз оила, падару фарзандон, додару хоҳарон иборат аст, таҷассум менамояд. Ҳамзамон ба мафҳуми Ватан кишвар, ки тасаввуротро дар бораи таърих, табиат, фарҳанги минтақа ва Ватани азиз, ки арзишҳои ахлоқиву маънавии аҳолӣ, забон, таърих, фарҳанги миллиро дар бар мегирад, дохил менамоянд [57, 136].

В.А.Караковский бошад, дар канори арзишҳои умумиинсонӣ чун инсон, оила, меҳнат, дониш, фарҳанг, замин, олам ва ғайра Ватанро мегузорад, онро барои ҳар як инсон ягона ва тӯҳфаи тақдир, ки аз гузаштагон мерос мондааст, арзёбӣ менамояд [85].

Аз ҷониби А.В.Кирьякова назарияи педагогии мароқзоҳиркунии шахсият дар олами арзишҳо коркард шуда, гуруҳи арзишҳои аҳамияти иҷтимоидошта, чун инсон, ҳаёт, зебоғӣ, тафаккур, меҳнат, Ватан, ки дар ҳама давру замон майлҳои меҳварӣ маҳсуб меёбанд, дар алоҳидагӣ қайд гардидаанд [91].

Ҳамин тариқ, мундариҷаи арзишҳои ватандӯстӣ аз тағйирёбии мароқзоҳиркуниҳои идеологӣ, сиёсӣ ва иқтисодӣ, тавсифи таърихии ҳукумати давлатӣ, мушкилоти иҷтимоӣ, дарки мақсади олии инсон вобаста буданд, вале дар ҳама даври таърихӣ дар худ ғояҳои ахлоқӣ ва ҳифзи сарзамини аҷдодиро таҷассум менамуданд [40]. Таҳлили назариявии андешаҳои педагогӣ вобаста ба мушкилоти мазкур ҷузъҳои зерини мундариҷаи арзишҳои ватандӯстиро ҷудо кардан мумкин аст:

- ҷузъи сиёсӣ (тасаввурот дар бораи давлат, ватани азиз, сохти давлатӣ ва сиёсӣ);
- ҷузъи психологӣ (муносибати ҳиссиётӣ нисбат ба Ватан);
- ҷузъи фарҳангӣ–таърихӣ(анъанаҳои миллӣ, фарҳанг, таърих, расму оин);
- ҷузъи иҷтимоӣ (мафҳуми Ватан, ҳамчун ҷомеаи муайян, гуруҳи одамон);
- ҷузъи ҳудудӣ–географӣ (ҷойи таваллуд, макони зист ва Ватани хурду бузург);
- ҷузъи маънавӣ–динӣ (эътиқод ба анъанаҳои динӣ ва решаҳои динӣ).

Давоми давраҳои гуногуни таърихӣ ин ё он ҷузъиёт бартарӣ дошта, байни ҳамдигар алоқамандии ногусастанӣ доранд, бисёрҷанбаъ ва мураккабии мундариҷаву муҳтавои арзишҳои ватандӯстиро собит менамоянд.

## 1.2. Омилҳои ташаккули майли донишҷӯён ба арзишҳои ватандӯстӣ

Синну соли донишҷӯёни курсҳои поёнӣ барои ташаккули майлу рағбат ба Ватан бештар мувофиқ аст. Дар ин синну сол ҷавонон аз муқаррароти қолабӣ берун шуда, арзишҳои мавҷударо аз нав баҳогузорӣ менамоянд. Таъсисёбии системаи хусусии арзишҳо дар донишҷӯён баробари рӯй овардан ба масъалаҳои фалсафӣ, тасаввуротҳои олӣ доир ба ахлоқ, қарзи шаҳрвандӣ ва масъулиятнокӣ ба вуҷуд меояд. Дар замони муосир масъалаи тарбияи муҳаббат ба Ватан, қарзи шаҳрвандӣ, масъулиятшиносӣ дар донишҷӯён торафт мубрам гардида, маҳз аз таваҷҷуҳу эътиқоди донишҷӯён ба чунин арзишҳо, ҷаҳонбинии онҳо, рушди ояндаи иҷтимоӣ–иқтисодӣ, сиёсӣ ва иҷтимоӣ–фарҳангии ҷамъият, беҳбудӣ ва ободию гулгулшукуфоии мамлакат сахт вобаста аст.

Заминаи ташаккули эътиқоди донишҷӯён ба арзишҳо хусусиятҳои зерини синнусолӣ маҳсуб меёбанд: интихоби мавқеи дохилӣ ва гузориши арзишҳо (В.С.Мухина); рушди худогоҳӣ (И.С.Кон); ташаккули мавқеи

шаҳрвандӣ (Д.И.Фелдштейн); ҷустуҷӯи арзишҳои ҳаётан муҳим (Т.Ю.Утямишева); ташаккули эътиқоди ахлоқӣ, принсипҳо, системаи фикру мулоҳизаҳои баҳодиҳӣ (Л.И.Божович, М.Лутфуллоев); нигоҳ ба оянда (А.А.Володева, И.А.Зимняя, А.В.Мудрик); ҳиссиёти ба камолрасӣ (Л.С.Виготский); таъсис додани системаи худии арзишҳо, ки ба масъалаҳои фалсафӣ, тасаввуроти олӣ доир ба ахлоқ, қарзи шаҳрвандӣ ва масъулият-шиносӣ (К.Долджин, Ф.Райс, В.С.Собкин, Ф.Шарифзода); афзудани қобилият ба иҷрои вазифаҳои номаҳдуд (А.Б.Фелдман); қобилияти дарки ахбороти зиёд, динамизми фаъолияти маърифатӣ, ҷавоби таъҷилӣ ва ба ҳар як тағйирот зуд эътино намудан (Х.К.Безменова); таваҷҷуҳ ба технологияи муосири мултимедӣ: “фарзандони технологияи мултимедӣ”, “насли интернет”, “насли гиреҳӣ” (К.Г.Фрумкин, М.А.Дадобоев).

Мавриди зикр аст, ки ҷавонони имрӯза аз ҳамсолони қарни XX куллан фарқ мекунанд. Шароити дигари бакамолрасии донишҷӯёни муосир ба ташаккули эътиқод ба арзишҳо таъсир мерасонад, бинобар ҳамин дар доираи таҳқиқоти худ мо ба осори Н.А.Журавлева [76] такя намуда, омилҳои муайянкунандаи майли ҷавононро ба арзишҳои ватандӯстӣ дар ҷадвали зерин меорем (ҷадвали 1):

Ҷадвали 1.

**Омилҳои ташаккули майли донишҷӯён ба арзишҳои ватандӯстӣ**

| **Объективӣ** | | **Субъективӣ** |
|---|---|---|
| Шароитҳои макроиҷтимоӣ | Шароитҳои микроиҷтимоӣ | |
| Иҷтимоӣ – иқтисодӣ | Хусусияти тарбия ва таълим | Хусусиятҳои соҳаи ҳавасмандгардонии шахсӣ |
| Иҷтимоӣ – фарҳангӣ | Хусусиятҳои тафаккури арзишии ҷамъият | |
| Иҷтимоӣ – сиёсӣ ва идеологӣ | | |
| Шароитҳои маънавӣ | | |
| Меъёрҳои иҷтимоӣ | | |
| Хусусиятҳои давраи таърихӣ | | |
| Шароитҳои минтақавӣ | | |
| Арзишҳои ҷамъият | | |

Омилҳои иҷтимоӣ – иқтисодӣ бо табиати ҷамъият, ахлоқ, идеология ва

фарҳанг муайян карда мешаванд. Чи қадар тарҳи олам мураккаб бошад, ҳамон қадар раванди инъикоси он дар тафаккури ҷомеа, психологияи ҷамъиятӣ, бахусус дар шахсияти ҷавонони муосир мушкил мегардад.

Омилҳои иҷтимоӣ–сиёсӣ ва идеологӣ аз вазъи нооромии ҷаҳон, мухолифатҳои мухталиф, фавти одамон, ба миён омадани миллионҳо нафар гурезаҳо ба инкишофи сифатҳои шахсии насли ҷавон таъсири муайян мерасонанд.

Шароитҳои минтақавӣ ҳамчун омили ташаккули арзишҳои ватандӯстии донишҷӯёни муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ арзёбӣ шуда, дар хусусиятҳои мавқеи географии кишвар, ки дар маркази материки Евроосиё, ҷанубу шарқии Осиёи Миёна (Шоҳроҳи Бузурги Абрешим) ҷойгир буда, дорои анъана, забону фарҳанги бойи миллӣ, табиати нотакрор зоҳир мегардад.

Ҷавонон навгониҳои замонро хеле хуб эҳсос менамоянд ва зуд қабул менамоянд. Аз ин ҷо талабот ба созмон додани симои иҷтимоӣ–равонӣ ва равонӣ–педагогии ҷавонони муосир ба миён меояд, то методика ва воситаҳои мувофиқи ташаккули майл ба арзишҳои миллӣ дар онҳо интихоб карда шавад [112,113,115].

Вазъи имрӯзаи кишвар ва ҷаҳон бо тағйиротҳои умдаи худ барои гузаронидани таҳқиқотҳои мазкур хеле қулай аст. Ҳамзамон аҳамияти омӯзиши хусусиятҳои ҷавонони муосир дар ҳамин аст, ки ононояндаи миллатанд. Дар ҳама давраи синнусолӣ шахсият сифатҳои нав (хусусиятҳои хислат, сифатҳои иродавӣ, мавқеи ҷаҳонбинӣ, мақсадҳои ҳаётӣ, майл ба арзишҳо)–ро соҳиб мегардад, мунтазам қавиирода гашта дурнамои ҳаёти худро лоиҳабандӣ менамояд.

Мутобиқ ба гуруҳбандии Д.Ф. Илясов ва Е.Д. Селиванова хусусиятҳои ҷавонони муосирро дида мебароем.

Ҷадвали 2.

**Хусусиятҳои ҷавонони муосир**

| **Сифатҳои мусбӣ** | **Хатарҳо ба шахсият** |
|---|---|

<table>
<tr><td colspan="2">Соҳаи ҳавасмандсозӣ</td></tr>
<tr><td>- таваҷҷуҳ ба фанҳои “дӯстдошта”;<br>- бартарии талабот ба маърифат;<br>- шуғлварзӣ;<br>- ташаккулёбии нақшаҳои ҳаётӣ;<br>- худмуайянкунии касбӣ ва шахсӣ</td><td>- ҳавасмандии пасти омӯзиши фанҳои дӯстнадошта;<br>- набудани шавқу завқ;<br>- нақшаҳои ҳаётӣ аниқ муайян нагардидаанд</td></tr>
<tr><td colspan="2">Соҳаи иҷтимоӣ</td></tr>
<tr><td>- афкори озод;<br>- ҳазлу шӯхӣ;<br>- озод будан аз маҳдудият, фаъолнокии ҷамъиятӣ</td><td>- камгапӣ;<br>- ҳиссиёти баркамолӣ;<br>-мушкилоти иҷтимоӣ;<br>- зиддиятҳои байнишахсӣ, байни талаботҳо нисбат ба таълим ва фаъолияти иқтисодии фардӣ;<br>-кӯшиш ба худмухторӣ ва рушди заифи механизмҳои психикӣ;<br>- мавқеи заифи ҷамъиятӣ;<br>- ниёз доштан ба дастгирии беруна</td></tr>
<tr><td colspan="2">Соҳаи эҳсосотӣ</td></tr>
<tr><td>-таассуротнокӣ;<br>- ҳаяҷоннокӣ</td><td>- хавотирӣ;<br>- скептисизм;<br>- нигилизм</td></tr>
<tr><td colspan="2">Соҳаи иродавӣ</td></tr>
<tr><td>-гузориши мақсад зимни таҳқиқи мавзӯи ҷолиб ва аҳамиятнок</td><td>- надоштани хоҳиш ҷиҳати иҷрои кори ғайришавқовар;<br>- танбалӣ, сабукфикрӣ</td></tr>
<tr><td colspan="2">Соҳаи маърифатӣ</td></tr>
<tr><td>- зоҳир намудани таваҷҷуҳи зиёд ба ҳодисаҳои ҷолиб;<br>-кунҷкобӣ;<br>- қобилияти баланд;<br>- тафаккури интиқодӣ;<br>- доманаи фарохи донишҳо доир ба самтҳои мухталиф;<br>- тафаккури алоқавӣ;<br>- дарки воқеии ҳодисаҳо;<br>-серфаъолиятӣ</td><td>- каноргирӣ;<br>-парешонӣ;<br>-фаромӯшхотирӣ;<br>-донишҳои сатҳӣ доир ба самтҳои мухталиф;<br>- мушкилӣ нисбат ба ҷамъи маълумот</td></tr>
<tr><td colspan="2">Соҳаи шахсӣ</td></tr>
<tr><td>-худбаҳодиҳии баланд;</td><td>- худбаҳодиии паст;</td></tr>
</table>

| | |
|---|---|
| - перфексионизм;<br>- малакаи соҳиб шудан ба муваффақиятҳо дар соҳаҳои муайян; | - аз худ қаноатманд набудан;<br>- дар маркази диққат худро гузоштан, худбинӣ;<br>- дарки бошиддати атроф;<br>- ангезиши шиддатнок нисбат ба амалҳои беинсофона;<br>-инфантилнокӣ |

Маҳз дар синну соли ҷавонӣ шаклгирии устувори меҳвари майл ба арзишҳо ба миён омада, пешбурди мақсадноки муҳтавои равандҳои ҳавасмандӣ мушоҳида мегардад, механизми амалҳои бедоркунандаи шавқу ҳавас вобаста ба нақшаҳои ҳаётии донишҷӯ, худмуайянкунӣ, ҷаҳонбинӣ, системаи устувори идеалҳои ахлоқӣ ва принсипҳо, ки минбаъд рафтор, фаъолият ва муносибати ӯро нисбат ба худ ва муҳити атроф муайян менамояд [45, 102].

Маркази маърифатии ҷустуҷӯҳои ҷаҳонбинонаи ҷавононро масъалаи вобаста ба маънои ҳаёт ташкил медиҳад. Ба вуҷуд омадани системаи арзишҳои хусусии ҷавонон баробари муносибати онҳо ба масъалаҳои асосии фалсафа, тасаввуротҳо оид ба ахлоқ, қарзи шаҳрвандӣ ва масъулиятшиносӣ ташаккул меёбад [72,76]. Ин раванд бо зиддиятҳо, номувофиқатӣ ва тағйирёбандагӣ тавсиф дода мешавад [77,110,112].

Барои маънавиёти ҷавонон фаъолнокии минбаъдаи ба арзишҳои муайян нигаронидашуда хос аст [115,116,117] (интихоби тарзи ҳаётгузаронӣ, касб, доираи муошират), ки дар шароити кӯшиши бештар барои худмухторӣ, нигоҳдории ҳуқуқҳои худ дар ҷараёни фаъоли худмуайянкунӣ ба амал баровардa мешавад [3, 62, 88,95, 148].

Равоншиносон ҳисси бакамолрасии ҷавононро ҳамчун навгонӣ дар ин синну сол арзёбӣ менамоянд, ки давраи гузариш аз наврасӣ ба фаъолияти мустақил ва масъулиятноки инсон маҳсуб меёбад [2]. Дар ин давра самтгирии ҷамъиятии фаъолияти ҳаётии онҳо бештар мегардад, хоҳиши ба ҷамъият, инсонҳои дигар фоида овардан зиёд мешавад, ки ба ташаккули

арзишҳои ватандӯстӣ таъсири муассир мерасонад.

Кӯшиши ҷавонон ҷиҳати пайдо намудани мавқеъ, худро аъзои баробарҳуқуқи ҷамъият ҳисобидан онҳоро водор месозад, ки ҳисси номустақилии худро дарк кунанд ва ин ҳиссиётро бартараф намоянд. Аз ин ҷо зиддияти ҳиссиёти бакамолрасӣ ба миён меояд:

- байни хоҳиши бакамолрасӣ ва дарки он ки ин кӯшиш на дар ҳама ҷо собит мегардад;
- байни талаботҳои нави дар фаъолияти ҷавон ба миёномада ва имкониятҳои қаноатманд намудани онҳо;
- байни имкониятҳои ҷисмонӣ, зеҳнӣ ва ахлоқии нав бунёдшуда ва шаклҳои пешинаи алоқамандӣ бо атрофиён;
- байни талаботҳои ҷамъият, калонсолон нисбат ба ҷавонон ва шаклҳои бартаридоштаи рафтор;
- байни номувофиқатии ҷисмонӣ ва психикии ба камолрасии донишҷӯ ва мавқеи иҷтимоии онҳо.

Муҳассилини курсҳои поёнии муассисаҳои таҳсилоти олии кишвар маҳз дар ҳамин синну сол ҷиҳати рафтору кирдор, муносибат,ояндаи худ фикр менамоянд, ки аз инкишофи ҳиссиёташон дарак медиҳад. Аксарияти онҳо дар назди худ мақсадҳои муайян, нақшаҳои мушаххас мегузоранд. Аз ҳамин лиҳоз, дар ташаккули майл ба арзишҳои ватандӯстии донишҷӯён чунин арзишҳо монанди мақсад, ҳавасмандӣ, идеал нақши ҳалкунанда доранд.

Ҷавонони муосирро насли Интернет, насли алоқа меноманд, зеро онҳо соатҳои зиёди худро дар шабакаҳои иҷтимоӣ сарф менамоянд. Онҳо бо бозиҳои мустақим машғул мешаванд, муоширати виртуалӣ менамоянд ва ба маълумотҳои лаҳзавӣ эътиқод пайдо менамоянд. Муошират воситаи муҳими маълумот маҳсуб ёфта, ба инкишофи шахсият, ташаккули арзишҳои маънавӣ таъсири назаррас дошта, соҳаи эҳсосоти (ҳамдардӣ, эҳтироми худ)-ро рушд мебахшад [77].

Дар маҷмуъ ба донишҷӯёни курсҳои поёнӣ ташаббускорӣ, фаъолнокии ҷамъиятӣ хос аст, вале баробари ин аз ҳаёт дур будан, идеализатсия, афкори

нисбатан маҳдуд низ ба назар мерасад. Норасоии таҷрибаи ҳаётӣ ба он оварда мерасонад, ки донишҷӯёни курсҳои поёнӣ на ҳама вақт далелҳои воқеиро ба андозаи муайян ба инобат мегиранд, чизи дидаашонро ба воқеият қабул намуда баъзан ба ночорӣ меафтанд.

Синну соли ҷавонӣ–ин синни зиддиятҳои мухталиф, ки дар қутбияти ҳиссиёт ва ҳаяҷон (шарму ҳаё, эркагӣ, ҳазлу шӯхӣ, худбинӣ ва ҷасорат) зоҳир мегардад, зиддияти хоҳиш ва кӯшиш, ангезиши бевосита ва номунтазам (худро дар марказ гузоштан, дорои қобилияти худфидоӣ, вафодорӣ, худбинӣ, меркантилӣ ва идеализми барҷаста) маҳсуб ёфта, ваҷоҳаташон байни пессимизм ва оптимизм, ташаббускорӣ ва танбалӣ тағйир меёбад [220,221].

Дар асоси таҳлилҳои назариявии гузаронидашуда хатарҳои шахсияти ҷавонони муосирро муайян намудем, ки инҳо: худро дар марказ гузоштан, нигилизм, нобоварӣ, пастравии қобилияти таҳлил, мушкилӣ дар созмон додани занҷири мантиқии дурудароз, заифгардии ҳисси ҳамдардӣ, сатҳи давомоту донишандӯзӣ, сифати дониш, иродаи қавӣ надоштан, тез зери таъсир ва доми фиреб қарор гирифтан, парешонӣ, диққатнопазирӣ, ба нишондиҳандаҳои зоҳирӣ аҳамият додан ва диг. мебошанд.

Бартараф намудани ин хатарҳо дар раванди ташаккули майл ба арзишҳои ватандӯстӣ тавассути таҷрибаомӯзиҳои таълимии саҳроӣ ва комплексӣ, ки ба синну соли донишҷӯён мутобиқ гардонида шудааст, имконпазир аст.

Ҳамин тариқ, мо ташаккули арзишҳои ватандӯстии донишҷӯёни донишгоҳро дар ду ҷанбаъ: ҳамчун раванд–ин ташаккули муносибати устуворона ба табиати кишвар, таърих, фарҳанг, анъана, халқ, шахсиятҳои варзида, ғояҳои миллӣ ва ҳамчун натиҷа–ин дорои донишҳои фарох оид ба Ватан (ҷойи таваллуд, анъана, таърих, фарҳанг, хусусиятҳои табиати кишвар, мавқеи географӣ, муқаддасот, халқ, оила, давлат, ватандӯстӣ, қарз, шараф) дида баромадем.

Самаранокии раванди ташаккули арзишҳои ватандӯстӣ ҳамон вақт таъмин мегардад, ки муносибати донишҷӯён ба майлу рағбат табдил ёбад.

## 1.3. Нақши табиат ва боигариҳои моддию маънавии миллӣ дар ташаккули арзишҳои ватандӯстии донишҷӯён

Ҷавонони имрӯза чи тавре дар боло зикр шуд, аз ҳамсолони асри гузаштаи худ хеле фарқ мекунанд. Таҳқиқотҳои солҳои 90-уми қарни гузаштаи олимони соҳа нишон медиҳанд, ки дар солҳои аввали соҳибистиқлолии кишвар 25 %-и ҷавонон хоҳиши тарки Ватан доштанд [36]. Мувофиқи таҳлилҳои имрӯза айни ҳол ин нафарон хеле кам гардида, ҳамагӣ 8%-ро ташкил медиҳаду халос. Бо вуҷуди ин дар миқдори муайяни ҷавонон (аз 18 то 24 %) дараҷаи пасти ташаккули майл ба арзишҳои ватандӯстӣ дида мешавад. Ин ҳолатро чунин маънидод кардан мумкин аст, ки системаи таҳсилот имрӯз бояд ба ташаккули мафҳумҳои калидӣ, ки шахсиятро бо тақдири давлату халқ муайян ва баробар менамояд, диққати махсус равона кунад, зеро омӯзиши мафҳуми Ватан бештари маврид ғайримуташаккилона, зери таъсири раванди махсус ташкилкардашуда сурат мегирад, таъсири байниҳамдигарии субъектҳои таҳсилот бо объектҳо, бахусус бо табиат, мавзеъҳои табииву таърихӣ, ҳудудҳои махсусҳифзшаванда нисбатан заиф мебошад. Ҳамзамон мавриди зикр аст, ки масъалаи истифодаи имкониятҳою захираҳои иқтидори педагогии таҷрибаомӯзиҳои таълимии саҳроӣ дар ташаккули майл ба арзишҳои ватандорӣ ва ватанпарастӣ бапуррагӣ омӯхта нашудаанд.

Мубрамии таъсири байниҳамдигарии ташкили раванди таълим ва экспедитсияву таҷрибаомӯзиҳои саҳроӣ ҳамчун механизми иҷтимоӣ, маърифативу фарҳангӣ бо мақсади ташаккули майл ба арзишҳои ватандӯстӣ дар Консепсияи миллии тарбия дар Ҷумҳурии Тоҷикистон инъикос гардидааст ва дар он муассисаҳои таълимӣ вазифадор карда мешаванд, ки бояд дар кору фаъолияти худ табиат ва боигариҳои миллиро ба инобат гирифта бошанд.

Ҳанӯз М.И.Калинин навишта буд: “Тарбияи ахлоқӣ ба дӯст доштани кишвари худ бояд на дар мафҳуми вазифа, балки дар мавзӯъҳои мушаххасе, ки омӯзиши онҳо дар хонанда дарки боигарии моро таъмин менамояд, асос

ёбад” [84 ]. Мавсуф зикр менамояд, ки замини мо, ҷангал, кӯҳ, дарё, баҳру кӯл, марказҳои саноатӣ, яъне ҳамаи он чизҳое, ки дар маҷмӯъ мундариҷаи географияро ташкил мекунанд, бояд ба маводҳои барои тарбия равона карда шавад. Ҳамзамон тавсия медиҳад, ки омӯзиши «географияи маҳал»-и шаҳри худ, ноҳия, дар муассисаҳои таълимӣ ҷорӣ карда шавад. Ба андешаи М.И.Калинин бо омӯзиши «географияи маҳал» фаҳмиши чуқури мамлакатшиносӣ (кишваршиносӣ) сар мешавад. М.И.Калинин чунин мешуморад, ки дар география тартиб додани харитаи ноҳия - асоси омӯзиши географияи маҳалли худ гардад [84].

Суханони Калининро иқтибос меорем: “Фарз кардем, агар муассисаи таълимӣ дар ноҳияи Фрунзеи шаҳри Москва ҷойгир бошад, бигзор талабаҳо географияи ин ноҳияро хуб омӯхта, харитаи онро кашанд: хонаҳои атроф, кӯчаҳои наздиктарин, майдонҳо ва ғайраро дар харита сабт намоянд. Ҳамаи мо оиди тарбияи ватандӯстӣ суханони зиёд мегӯем. Вале ин тарбия аз омӯзиши амиқи Ватани худ оғоз меёбад. Бинобар ин, аз рӯи ин мулоҳиза низ географияи маҳаллиро омӯхтан лозим аст. Вале ғайр аз ин мақсади омӯхтани географияи маҳаллӣ он аст, ки бачаҳо дар маҳал мавқеи худро хуб муайян карда тавонанд. Онҳо ба ин кор шавқи калон зоҳир мекунанд. Ягон теппа, ҷӯйча, сой аз мадди назарашон дур намемонад. Ҳамаи инро онҳо муфассал дар харита сабт мекунанд” [84].

Муҳим будани корҳои кишваршиносиро бисёр омӯзгорон фаҳмида чӣ хел ба роҳ мондани он ва ё аз чӣ сар карданро мепурсиданд. М.И.Калинин таъкид менамояд, ки кори омӯзиши кишвари худро бояд бо асосҳои дониши географӣ ва тадқиқотӣ яъне аз харита сар намудан лозим аст. Омӯзиши мустақилонаи географияи маҳал ба хонандагон имкон медиҳад, ки дониши таҷрибавӣ гиранд. «Мақсади мо аз муассисаи таҳсилоти миёнаи умумӣ баровардани инсонест, ки маҷмӯи муайяни дониш дошта, аз он дар ҳаёт истифода бурда тавонад» - навишта буд М.И. Калинин.

Доир ба масоили омӯзиши кишваршиносӣ дар муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ асарҳои олимони хариташинос ва методистони шуравӣ:.

Н.Н.Баранский [16], А.С.Барков [17], В.П.Буданов [164], В.А.Кондаков [99,63], А.А.Половинкин [145], нақши муассир доранд. А.С.Барков [18] олим - географ, ки тамоми умрашро сарфи мактаби шӯравӣ кардааст, ба кори кишваршиносӣ таваҷҷуҳи калон зоҳир менамуд. Бо ташаббуси ӯ соли 1946 дар назди АИП РСФСР комиссия оид ба кишваршиносии мактабӣ ташкил шуд (Академияи илмҳои педагогӣ). Ба ӯҳдаи ин комиссияи илмӣ тайёр кардани мундариҷаи илмӣ - методӣ, ташкили корҳои кишваршиносӣ ва ҷамъбасти он вогузор гардида буд.

А.С.Барков дар бораи аҳамияти калони таълиму тарбиявии кишваршиносӣ қайд карда буд, ки танҳо он вақт босамар инкишоф меёбад, ки ба дониши илмӣ такя карда, ба вазифаю эҳтиёҷоти оянда марбут гардад. Кишваршиносӣ чун география усули омӯзишу маърифати ҳудуд аз ошкор сохтани робитаи мутақобилаи байни предмету ҳодиса иборат аст. Вай аҳамияти калони омӯзиши кишвари худро эътироф намуда, омӯзгоронро даъват мекард, ба фаъолияти кишваршиносон ҳамроҳ шаванд [18].

А.А.Половинкин [145] зикр менамояд, ки «Мо бояд географияи табиии кишварамонро омӯзем». Аввалан барои он ки атрофиёнамонро бидонем ва бифаҳмем, дуюм барои он ки тавассути омӯзиши объектҳои географии кишвари худ географияи табиии ҳар мамлакати дигар ва тамоми рӯи Заминро хубтар фаҳмем.

А.С.Барков [17 ] ва А.А.Половинкин [145] нақши кишваршиносиро дар фаъолияти муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ чун воситаи таълим баҳои баланд дода буданд.

В.П.Буданов дар бораи аҳамияти калони кишваршиносӣ дар таълими география сухан рондааст. Ӯ навишта буд, ки аниқу мукаммал омӯхтани маҳалли худ барои муқоиса ва идроки ашёи тасаввури дур сарчашмаи тамомнашаванда аст [196]. Н.Н.Баранский навишта буд: «Ба асоси кишваршиносӣ ҳамин мафҳум мавҷуд аст, ки ҳамаи чизи худӣ чӣ дар табиат ва чӣ дар ҳаёти шахсӣ–фаҳмотар, содатар ва аниқтар нисбати бегона ва дур»

[196, с.67]. Ҳамзамон кишваршиносӣ дар раванди омӯзиши география имкон медиҳад, ки муҳассиллин аз саҳифаҳои ҳаёти ҳақиқӣ гузаранд.

Шиносоии наздик бо ландшафти иҳотакарда, омӯзиши қонунҳои ҳаракат, сабабу натиҷаҳои алоқаи табиат дар хонандагон шавқу ҳавасро нисбати корҳои саҳроӣ-тадқиқотӣ зиёд мегардонад.

Омӯзиши табиат–ин яке аз роҳҳои дар донишҷӯён тарбия намудани ҳисси ватандӯстӣ, ахлоқи эстетикии онҳо мебошад. Зеро он ба дидан, баҳо додан ба зебогии табиати худ ва ҳис намудани он ёрӣ медиҳад. Л.Н.Толстой навишта буд: «Наход, ки одам дар атрофи табиати дилписанд зиндагӣ карда, ҳисси бадбинӣ, қасд кардан ё монанди инҳоро дар дилаш нигоҳ дорад? Ҳамаи бадиҳое, ки дар дили одам ҳаст бояд ҳангоми назар кардан ба табиат гум шавад–ин бевосита баёни зебогӣ ва некӣ мебошад»[196].

Моҳияти кишваршиносӣ дар муассисаҳои таълимӣ аз омӯзиши комплексии табиат, ҷанбаъҳои асосии инкишофу динамикаи маҳалли додашуда ва дар асоси истифодабарии методҳои фанҳои табиӣ – географии барои хонандагон дастрас иборат мебошад.

Табиати кишвар дар умум, ҷузъ (компонент)–ҳои алоҳидаи он ва алоқаи онҳо дар инкишоф, яъне аз нуқтаи назари табиӣ–таърихӣ омӯхта мешавад. Табиати кишварро ҳамчун як қисми табиати масоҳати васеъ–ноҳия, вилоят, ҷумҳурӣ, минтақаҳои табиӣ, мамлакат дидан мумкин аст. Барои ҳамин дар ҷараёни омӯзиш бояд тарҳи он аз табиати умумии ноҳияҳои калон муайян карда шавад.

Экскурсия ва сафарҳои сайёҳӣ ба кишвари худ яке аз шаклҳои паҳншудаи омӯзиши кишвар мебошад. Н.Н.Баранский гуфта буд: “Экскурсия–ин аз саҳифаи китоб гузариш ба ҳаёти географист” [196].

Таҷрибаомӯзии таълимӣ-саҳроӣ қисми ҷудонашавандаи раванди таълими ихтисосҳои табиатшиносии муассисаҳои олии касбии таълимӣ мебошад. Дар нақшаи таълимии ихтисосҳои география, география ҳифзи табиат, геоэкология, географияи сайёҳӣ ва менеҷменти саёҳати факултети геоэкология ва туризм ва туризми Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи

академик Бобоҷон Ғафуров ва ихтисосҳои география–биология, география–экологияи Донишкадаи омӯзгории Тоҷикистон дар шаҳри Панҷакент таҷрибаомӯзии таълимии саҳроӣ дар курсҳои 1 ва 2-юм ва таҷрибаомӯзии комплексии минтақавӣ дар курси 3-юм пешбинӣ шудааст, зеро табиат бевосита имконияти алоқаи воқеиро бо объектҳову маводҳои аслӣ ба амал меорад, интиқоли донишро ба муҳити таълимии ҷолиби сифатан аз аудитория бартаридошта мубаддал месозад.

Амалӣ гардонидани принсипи ватандӯстӣ–кишваршиносӣ дар таълими фанҳои табиатшиносӣ, бахусус таҷрибаомӯзии таълимӣ моҳирона ба ҳам пайвастани тарзу усулҳои гуногуни раванди таълимиро тақозо менамояд. Дар баъзе мавридҳо азхудкунии мафҳумҳои географӣ, биологӣ ва экологӣ дар раванди омӯзиш бо воситаи маводҳои кишвар ба амал меояд, дар мавридҳои дигар ҳангоми нақлу хондани адабиёт ва асарҳои илмӣ дар бораи кишвари худ ё аз сӯҳбатҳо оиди маҳалли зисти толибилмон роҷеъ ба хусусиятҳои табиат, хоҷагии халқи кишвар ва мамлакатҳои хориҷа чизҳои навро мефаҳманд. Ва ниҳоят дар истифода бурдани ашёву маводе, ки ба табиати кишвар хос аст, ё воситаҳои айёнии таълимии дар асоси маводҳои кишвар тартиб додашуда, ҳамчунин шарҳи пайдоиши номҳои географии маҳаллӣ ба азхудкунии барномаи таълимӣ мусоидат менамояд. Дар ин бобат Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ, Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон таъкид намуда буданд: “Бар асоси таҳқиқоте, ки аз ҷониби донишмандони хориҷӣ ва ватанӣ анҷом гирифтааст, ҳар як номи ҷуғрофӣ дар асоси манбаъҳои хаттӣ бояд мавриди омӯзиши илмӣ қарор дода шавад. Номҳои ҷуғрофии минтақа ба таъриху сарнавишти миллат иртибот дошта, таърихи рушду такомули забони моро инъикос менамояд...”

Дар барномаи таълимӣ низ ташкили мушоҳидаҳои мунтазами ҳодисаҳои табиат ва фаъолияти меҳнатии одамон дар маҳалли зисти хонанда тавсия шудааст. А.С. Барков низ ҳамин нуқтаи назарро чунин шарҳ дода буд: “Зодгоҳшиносӣ ё Ватаншиносӣ гуфта, дар муассисаи таълимӣ бо географияи маҳалли атроф ошно гардидан, шиносоиеро мефаҳмиданд, ки бештар ба

мушоҳидаи бевосита асос меёфт”[17]. Ҳамзамон, корҳои амалӣ дар табиат, ки иҷрои онҳо бо кишваршиносӣ робита дорад, зикр гардидаанд. Экскурсияҳои ҳатмии таълимӣ барои омӯзиши объектҳои алоҳидаи географӣ ва ё тамоми комплекси географӣ пешбинӣ шудаанд.

Вале робитаи тадрис бо кишваршиносӣ бо нишондодҳои мушаххаси мазкур қатъ намегарданд. Ҳини омӯзиши география, биология ва экология ба воситаи роҳу усулҳои гуногун маводҳои кишваршиносиро истифода бурдан мумкин аст. Масалан, кор бо харитаҳои маҳаллӣ, бо адабиёти дар кишвар таҳияшуда ё доир ба табиати кишвар бахшидашуда ба монанди Китоби Сурхи Ҷумҳурии Тоҷикистон (Ф.Раҳимӣ ва диг., 2015, 520с.), Намудҳои нодир ва маҳвшудаистодаи олами наботот ва ҳайвоноти вилояти Суғд (Т.Қ. Хабилов ва диг., 2017, 476с.) ва ғайра.

Истифода бурдани усулҳои гуногун самаранок аст, зеро донишҷӯён танҳо аз шарҳи омӯзгор бо кишварашон бапуррагӣ шинос шуда наметавонанд. Барои ин кори фаъолонаи донишҷӯ, кор бо адабиёт, харитаҳои гуногун, мушоҳидаҳои шахсӣ бевосита дар маҳал лозим аст. Мушоҳидаҳои аввалини кишваршиносӣ ҳанӯз аз муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ сар мешаванд. Хонандагони муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ тартиб додани тақвими обу ҳаворо меомӯзанд, дар майдончаҳои наздимактабӣ машғулиятҳои амалиро мегузаронанд.

Баробари донишҷӯи равияи табиатшиносии муассисаи таҳсилоти олии касбӣ шудан фаъолияти вобаста ба омӯзиши кишвар торафт мураккаб мегарданд. Донишҷӯён малакаҳои нав ба нави мушоҳидаро ҳосил менамоянд, донишашон оиди кишвари хеш афзун мегардад.

Тақсими корҳои кишваршиносӣ дар барномаи таълимии муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ ба омӯзиши мунтазами кишвари хеш, махсусан дар курси заминшиносӣ, геология, гидрология, пиряхшиносӣ, иқлимшиносӣ, ботаника, зоология, экологияи умумӣ, экологияи кишоварзӣ ва ғайра донишҷӯёнро ба мавзӯи “кишвари ман”,“вилояти ман”, “шаҳри ман ” ва “ноҳияи ман” меоварад ва минбаъд дар курси географияи иқтисодӣ ва

иҷтимоии мамлакатҳои ҷаҳон географияи табиӣ ва иқтисодии Тоҷикистон, ноҳиябандии табиӣ ва иқтисодии Ҷумҳурии Тоҷикистон, демографияи Ҷумҳурии Тоҷикистон идома медиҳанд. Зимнан маълумоти андӯхта ва малакаҳои дар раванди таҷрибаомӯзии таълимӣ ҳосилнамудаи донишҷӯён барои тавсифи географияи Тоҷикистон, олами набототу ҳайвоноти он сарчашмаи асосӣ мегардад ва барои ташаккули арзишҳои ватандӯстии онҳо таҳкурсии мустаҳкам маҳсуб меёбад. Маълумоти муфассали гирдовардаи донишҷӯ дар раванди  шинохти кишвари худ дастури иловагӣ мегардад.

Одатан дар таълими фанҳои табиатшиносӣ амалӣ гардонидани арзишҳои ватандӯстӣ–кишваршиносӣ ба ду чиз вобаста аст: аввалан бо маводҳои маҳаллӣ ғанӣ гардонидани барномаи таълимӣ ва дуюм иҷрои кори муайяни кишваршиносӣ. Хеле муҳим аст, ки ин кор бо тамоми раванди таълим робитаи узвии зич дошта, маълумоти кишваршиносӣ ҳини омӯхтани мавзӯъҳои гуногуни географӣ, биологӣ ва экологӣ маводи ибтидоӣ гардад. Агар дар рафти сӯҳбат суолҳои додаи омӯзгор узван ба мавзӯи мавриди омӯзиши барномавӣ вобаста гардад, омезише ба вуҷуд меояд, ки идроку азхудкуниро осонтар месозад.

Вобаста ба мавзӯъ, мундариҷа ва сохтори дарс маводҳои маҳаллӣ ва барномаи таълимӣ бо роҳу усулҳои гуногун ба ҳам марбут карда мешаванд. Вале он бояд ҳар чӣ беҳтару бештар ба ташаббусу мустақилият ва салоҳиятнокии донишҷӯён асос ёбад. Зеро маълумотҳое истифода мешаванд, ки донишҷӯён дар таҷрибаомӯзии таълимӣ ба туфайли меҳнати худ ба даст овардаанд (коллексияи ҷинсҳои кӯҳӣ, ҳашаротҳои хушконидашуда, гербарияи растаниҳо). Ва чӣ қадаре, ки донишҷӯён кишварашонро хуб донанд, чӣ қадаре, ки онро нағз омӯхта бошанд, дарс ҳамон қадар фаъолтар мегузарад ва маводҳои таълимӣ хубтар азхуд мешаванд. Омӯзиши табиати кишвар дар фаъолкунонии донишҷӯён ва шавқовар гузаронидани дарс аҳамияти калон дорад. Ҳангоми баёни мавзӯи дарсӣ зикри маълумоти кишвари хеш диққату мароқи донишҷӯёнро бештар месозад.

Суолҳо вобаста ба ҳодисаҳои табиӣ ё объектҳои кишвар барои муқоисаи онҳо бо ҳодисаю объектҳои мавриди омӯзиш қароргирифта бо мақсади беҳтар азхуд кардани мафҳумҳои калидӣ яке аз усулҳои маъмули ба дарс ворид кардани маводҳои кишваршиносӣ мебошад.

Чунин суолҳоро одатан вақте медиҳанд, ки зарурати пайдо кардани тасаввуроти саҳеҳ дар бораи хусусиятҳои объектҳои табиӣ, фаҳмидани сабаби ҳодисаҳо ба миён меояд.

Омӯзиши кишвар дар ҳалли масъалаҳои проблемавӣ дар раванди таълими география, биология, экология, ки ба ташаккули мафҳумҳои асосии фанҳои зикргардида нигаронида шудаанд, имконияти калон фароҳам меорад. Зимнан омӯзгор бояд гузоришу ҳалли проблемаҳоро бо азхудкунии маводҳои барномавӣ  мураттаб созад.

Барои омӯзиши проблемавӣ дар асоси маводҳои кишваршиносӣ аксаран шакли ташкили проблемавии нопурраи чораёни таълимиро истифода мебаранд. Дар ин ҳолат вазъияти проблемавӣ барои кушода додани суолномаҳои алоҳидаи (як–ду) мундарицаи мавзӯи дарс хизмат мекунад. Аҳёнан шакли проблемавии пурраи дарсро истифода мебаранд, ки дар он тамоми дарс ба ҳалли проблема дар асоси маводи кишваршиносӣ вобаста карда мешавад.

Маводҳои кишваршиносӣ ҳангоми кор бо харита, махсусан дар дарсҳо зимни омӯзиши ибтидоии он ва дар машғулиятҳо бо харитаи топографӣ аҳамияти калон дорад. Маъмулан, бо мақсади дар донишҷӯён ҳосил кардани тасаввуроти саҳеҳ дар бораи харита, аввалан бо нақшаи минтақаи таҷрибавӣ ё атрофи наздиктарини муассисаи таълимӣ кор мекунанд. Барои кор харитаи маҳал, ки онро кишваршиносон тартиб додаанд, истифода бурда мешавад. Омӯзгор диққати донишҷӯёнро ба мушоҳидаи маҳалли хеш, объектҳои шинос ҷалб мекунад, ки тасвири шартии онҳо тавассути аломатҳо дар харитаи топографӣ инъикос шудааст.

Ҳини омӯхтани иқлим кор бо харитаи иқлимӣ дониши муҳассилинро мушаххас мекунад, ҳамаи маълумоти харита бо нишондиҳандаҳои шабеҳи

кишвари хеш муқоиса карда мешавад. Дар ин маврид ифодакунандаҳои микдории ҷузъҳои иқлимӣ (ҳарорат, фишор, боришот намӣ ва ғайра), ки дар харита нишон дода шудаанд, ҳамчун нишондиҳандаҳои воқеӣ идрок мешаванд. Дар рафти кор бо харита ҷалб кардани маълумоти мушоҳидаҳои маҳаллӣ ба донишҷӯён имкон медиҳад, ки аломатҳои рамзии он, хусусиятҳои географии ин ё он ҳудудро бошуурона, пурратару чуқуртар дарк намоянд.

Бо мақсади таъмини мураттабии омӯзиши кишвар дар таълими курсҳои география, биология ва экология маҷмӯи супоришҳои китобҳои дарсӣ ва ё дастурамали таълимӣ ёрӣ мерасонад. Иҷрои онҳо имкон медиҳад, ки донишҷӯён малакаю маҳорати зарурии тавсифи ҳудудҳои географӣ, экосистема ва ё популятсияи намуди муайяни олами наботот ва ҳайвонотро пайдо кунад. Онҳо ба муқаррар намудани робитаи байни маҳалли мушаххаси географӣ ва маводҳои мавриди омӯзиши барнома кӯмак мекунанд.

Зарур аст, ки маҷмӯи супоришҳо дар давоми сол ҳам дар дарс ва ҳам берун аз он иҷро шаванд. Аксаран онҳо аз мушоҳидаи табиат дар фаслҳои гуногуни сол иборатанд. Бо ин мақсад донишҷӯёни ихтисосҳои равияи табиатшиносӣ, бахусус ихтисоси биология ба таҷрибаомӯзии мавсимӣ, ки дар доираи як ҳафта баробари бедоршавии табиат, айёми оғози кишту кор моҳи март сурат мегирад, сафарбар карда мешаванд. Ба андешаи мо, хуб мешуд, агар дар маҷмӯи супоришҳои китоби дарсӣ ё дастурамали таълимӣ–методӣ доир ба табиати маҳалли зист ва ё кишвар бештар саволҳо мураттаб мегардиданд ва ҳатман ба мушоҳидаҳои зимни таҷрибаомӯзии таълимӣ ба роҳ мондаи донишҷӯ вобаста мешуданд. Дар баробари ин, супоришҳои таҷрибаомӯзиро тарзе иҷро кардан лозим меояд, ки натиҷаашро дар дарси назариявӣ истифода бурдан имконпазир гардад.

Мувофиқи барномаи таълимӣ бо истифодаи маводҳои таҷрибаомӯзии таълимӣ супоришҳои корҳои мустақилонаи донишҷӯ (КМД) – ро низ додан мумкин аст, ки иҷрои он муҳлати муайян ва мустақилияти донишҷӯро пешбинӣ мекунад. Масалан, иншои географӣ, эссе дар бораи географияи

кишвари худ, экосистемаи маҳал, тартиб додани харита, ҷадвали муқоисавӣ, алоқамандии ҳодисаҳои табиии онро нишон додан мумкин аст.

Ба андешаи мо хуб мешуд, ки донишҷӯён дар дафтари таҷрибаомӯзии таълимӣ ҳангоми иҷроиши супориши омӯзгор доир ба объектҳои нодиру нотакрор, ёдгориҳои табиӣ, иншоотҳои бузурги саноативу тақдирсози кишвар фикру мулоҳизаҳои худро баён намоянд. Дар муассисаи таълимии давлатии “ДДХ ба номи академик Б.Ғафуров” ин дафтарҳоро “Дафтари таҷрибаомӯз” ва саҳифаи махсусро “рӯзномаи таҷрибаомӯз” меноманд, зеро ин ном донишҷӯёнро водор месозад, ки маълумотро мунтазам ва ҳар рӯз сабт кунанд.

Нашри дафтар ва ё рӯзномаи таҷрибаомӯзии таълимӣ дар муассисаи таълимӣ аҳамияти махсус дорад. Худи раванди омода сохтани дафтар ё рӯзнома, инъикоси иҷрои нақшаву супоришҳои пешбинишуда, замимаи харитаву ангора ва расмҳо барои тарбияи ватандӯстиву хештаншиносии донишҷӯён аҳамияти бағоят калон дорад. Агар рӯзнома ё дафтари таҷрибаомӯзӣ мувофиқи мавзӯи қисмҳои курси география (табиӣ ё иқтисодӣ), биология (ҳайвоноти бемуҳра ва ё муҳрадорон) бошад, манбаи иловагии дониш мегардад ва ин маводҳоро донишҷӯён ҳангоми навиштани кори курсӣ, мақолаҳои илмӣ ва ҳатто рисолаҳои хатм метавонанд мавриди истифода қарор диҳанд.

Аксаран маводҳои таҷрибаомӯзии таълимиро барои тавсифи муқоисавӣ ҳангоми омӯзиши кишвари худ истифода мекунанд. Бо ин роҳ дар бораи географияи он маҳалҳо тасаввуроти аниқ ҳосил мешавад. Масалан, ҳинни дарёи ягон ноҳия ё мамлакат (минтақа)–ро бо дарёи вилояти худ муқоиса кардан истифода мебаранд.

Барои дар раванди машғулиятҳои таълимӣ ҳангоми фаҳмонидани ҷараёни ташаккул ва робитаи мутақобилаи ҳодисаҳо мушоҳидаи дарозмуҳлати ҳодисаҳои табии маҳаллӣ (иқлимӣ, обӣ) бо мисолҳои эътимоднок собит карда метавонад. Мушоҳидаҳо ва натиҷаи онҳо ба донишҷӯён шиносанд, зеро онҳо дар рафти мушоҳида ҳодисаҳои табииро

дарк мекунанд, масалан вақте, ки онҳо мунтазам обу ҳавои кишвар ва сабабҳои тағйирёбии онро мушоҳида мекунанд, фарқи иқлими ноҳияҳои мамлакатро алоҳидаю хубтар мефаҳманд. Донишҷӯён ҷиҳати тавсиф ва қонуниятҳои умумии тараққиёти ҳодисаҳои географӣ дар муқоиса бо хусусиятҳои зуҳуроти маҳаллии ҳодисаҳои мазкур ҳисобот, маърӯзаҳои илмӣ, муаррифиҳо тайёр мекунанд, ки ба вазифаҳои таълимии омӯзиши география вобаста аст.

Ба мақсади таъмини айёният дар машғулиятҳо экспонатҳои гуногун ва асбобҳои тасвириро, ки дар асоси маводҳои кишваршиносӣ (аксҳо, расм, ҷадвал, диаграммаҳо, коллексияи ҷинсҳои кӯҳӣ, минералҳо, гербарий) мураттаб шудаанд, намоиш медиҳанд. Дар раванди дарс намоиш додани ашёи ҳангоми таҷрибаомӯзии таълимӣ ё экспедитсия гирдовардаро бо шаҳри ҷараёнҳои табиӣ алоқаманд кардан мумкин аст. Дар бораи муносибату робитаҳои мутақобилаи мураккаби инсону табиат пайдоиши номҳои маҳаллӣ низ шаҳодат медиҳанд. Номҳои объектҳои географӣ баъзан  ба шарҳ додани хусусияти табиат, хоҷагӣ, таърихи гузаштаи маҳал ёрӣ мерасонад. Маъмулан хонанда ба ҷустуҷӯи асрори номи географии маҳал мароқи калон зоҳир мекунад. Ҷамъоварии топонимикаи маҳал бо фаъолияти сермаҳсулу сермазмун вобаста аст, ҳамаи номҳоро навишта гирифта аниқ кардан лозим аст, ки оё онҳо тағйир наёфтаанд? Оё баробари номи расмӣ номи ғайрирасмӣ мавҷуд нест?

Ҳамзамон ҳангоми амалӣ гардонидани ҳадафҳои ватандӯстонаи таълим яке аз муҳимтарин қоидаҳои ташкили таҷрибаомӯзиҳои таълимӣ, банақшагирии дурнамои  мавзуъҳо мавқеи муҳим дорад. Ҷиҳати  ноил гаштан ба натиҷаи беҳтарини педагогӣ  ҳангоми банақшагирии мавзӯи таҷрибаомӯзӣ интихоби ҷиддии маводҳои кишваршиносиро амалӣ гардонидан лозим аст. Хеле муҳим аст, ки он бо дарс ҳаммавзӯъ ва ба донишҷӯён фаҳмо бошад, ба азхудкунии мафҳумҳои географӣ, биологӣ, экологӣ ёрӣ расонад, ба кушода додани моҳияти қонунҳои табиат ва ҳалли

вазифаҳои тарбиявӣ мусоидат кунад, ҳамчунин имкони истифодаи усулҳои дурусти таълимро таъмин намуда, ҷолибу мароқангез бошад.

Дар ҳар сурат мудири кафедраи пешбар, роҳбари умумӣ таҷрибаомӯзии таълимиро чунон ба нақша гирад, ки он мафҳумҳои илмӣ ва ҷамъбасти назариявии мавзуъҳоро бо мисолу хулосаҳои боэътимод таъмин намояд.

Аз ҳамин лиҳоз, зарурати мураттаб сохтани амсила (модел)-и беҳтарини раванди ташаккули арзишҳои ватандӯстии донишҷӯёни донишгоҳ дар раванди таҷрибаомӯзиҳои таълимӣ ба миён меояд.

## ХУЛОСАИ БОБИ ЯКУМ

Дар асоси таҳлилҳои назариявии гузаронидашуда хатарҳои шахсияти ҷавонони муосир муайян карда шуд, ки инҳо: экосентризм, нигилизм, скептисизм, пастравии қобилияти таҳлил, мушкилӣ дар созмон додани занҷири мантиқии дурудароз, заифгардии ҳисси ҳамдардӣ, сатҳи пешрафт, сифати дониш, иродаи қавӣ надоштан, тез зери таъсир ва манипулятсия қарор гирифтан, парешонӣ, диққатнопазирӣ, ба нишондиҳандаҳои зоҳирӣ аҳамият додан ва дигарҳо мебошанд.

Бартараф намудани ин хатарҳо дар раванди ташаккули майл ба арзишҳои ватандӯстӣ тавассути таҷрибаомӯзиҳои таълимии саҳроӣ ва комплексӣ, ки ба синну соли донишҷӯён мутобиқ гардонида шудааст, имконпазир аст, зеро ватандӯстӣ аз донистану омӯзиши кишвар сар мешавад.

Ҳамзамон, дар асоси таҳлилҳои назариявӣ муҳтавои мафҳуми майлу рағбати донишҷӯён ба арзишҳои ватандӯстӣ, ки дар ду ҷанбаъ: ҳамчун раванд ва ҳамчун натиҷа дида баромада мешавад, амиқ гардонида шуд. Майл ҳамчун раванд–ин ташаккули муносибати устувор ба табиат, ёдгориҳои табиӣ, ҳудудҳои махсусҳифзшаванда, мавҷудоти зинда, имрӯзу фардои табиати кишвар ва боигариҳои он мебошад, ки аз муносибати эҳтиромона ба арзишҳо табдил меёбад.

Майл ба арзишҳо ҳамчун натиҷа–ин доро будан ба доираи васеи донишҳо оид ба табиати кишвар, зодгоҳ (ҷойи таваллуд, анъанаҳо, таърих, фарҳанг, табиати маҳал, мавқеи географӣ, муқаддасот, хусусиятҳои миллӣ, оила, давлат, ватандӯстӣ, қарзи шаҳрвандӣ, шараф) мебошад, ки симои эстетикӣ ва ватанпарваронаро таҷассум менамояд.

Самаранокии раванди мазкур дар ҳамон ҳолат таъмин мегардад, ки муносибат ба майлу рағбат табдил ёбад. Ҷузъҳои арзишҳои ватанпарварона муайян карда шуданд: сиёсӣ (тасаввурот оид ба давлат, кишвари маҳбуб, сохти давлатдорӣ), педагогиву психологӣ (ҳисси ватандӯстӣ), фарҳангӣ–таърихӣ (анъанаҳои миллӣ, фарҳанг, анъанаҳо), географӣ–ҳудудӣ (маҳалли зист, кишвар), маънавӣ–динӣ (эътиқод ба дини анъанавӣ).

# БОБИ 2. ТАҶРИБАОМӮЗИИ ТАЪЛИМӢ-САҲРОӢ ҲАМЧУН ВОСИТАИ САМАРАНОКИ ТАШАККУЛИ МАЙЛИ ДОНИШҶӮЁН БА ВАТАН

## 2.1. Таҷрибаомӯзиҳои таълимӣ–ҷузъи муҳими раванди таълим дар муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ

Мубрам гардидани масоили имкониятҳои педагогии таҷрибаомӯзиҳои саҳроӣ ва комплексӣ дар он зоҳир мегардад, ки Пешвои миллати соҳибсаодат, Асосгузори сулҳу Ваҳдати миллӣ, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ҳамчун сарвари оқилу дурандеш ва табиатдӯст ба масъалаи ҳифзи табиати нотакрори мо ҳамеша таваҷҷуҳи хоса зоҳир намуда, таъкид бар он менамоянд, ки «…Тоҷикистони биҳиштосои мо сарзамини мардуми соҳибмаърифату меҳмоннавоз ва кишвари меваҳои шаҳдбор буда, аз нигоҳи иқлим, обу ҳаво, манзараҳои табиат, кӯҳҳои осмонбӯс, пиряххои азим, обҳои шифобахш, кӯлҳо ва чашмаҳои оби мусаффо, ҳайвоноту наботот ва урфу анъанаҳои мардумӣ дар олам нотакрор ва макони беҳтарини сайру саёҳат мебошад» [217]. Диёри бостонии мо– Тоҷикистони биҳиштосо бо табиати зебову дилрабояш таваҷҷуҳи ҳазорон сайёҳони дохиливу хориҷиро ҷалб кардааст. Сол аз сол зиёд шудани шумораи сайёҳони хориҷӣ шаҳодати беҳтар гаштани инфрасохтори соҳаи сайёҳӣ дар Тоҷикистон, бунёди меҳмонхонаҳои наву замонавӣ мавзеъҳои рекреатсионӣ, минтақаҳои осоишгоҳӣ барои сайёҳони хориҷӣ ва дохилӣ ҳамчун тӯҳфаи даврони истиқлолият маҳсуб меёбад.

Самти асосии таъсири сайёҳӣ–иқтисодиёт ба ҳисоб меравад, зеро туризм ба сифати суръатбахши рушди иқтисодии кишвар ва минтақаҳо баромад намуда, ҳамзамон худ низ соҳаи зудинкишофёбанда ва ояндадор мебошад. Аҳамияти иқтисодии туризм пеш аз ҳама дар талаботҳо ва тақозои туристӣ зоҳир мегардад ва бо ҳамин мақсад ҷиҳати тараққӣ додани соҳаи сайёҳӣ, муаррифии шоистаи имкониятҳои сайёҳии мамлакат ва фарҳанги миллӣ дар арсаи байналмилалӣ, инчунин ҷалби сармоя ба инфрасохтори

сайёҳӣ бо ташаббуси Асосгузори сулҳу Ваҳдати миллӣ, Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар миқёси мамлакат соли 2018-“Соли рушди сайёҳӣ ва ҳунарҳои мардумӣ” ва солҳои 2019–2021–“Солҳои рушди деҳот, сайёҳӣ ва ҳунарҳои мардумӣ” эълон карда шуд.

Сайёҳӣ яке аз соҳаи сердаромади иқтисодиёти кишварҳои алоҳида ба ҳисоб меравад ва дар соли 2015 дар сатҳи ҷаҳон даромади умумӣ аз сайёҳии байналмилалӣ ба 1,5 трлн. доллари амрикоӣ баробар гардид, ки тақрибан 10 фоизи маҷмӯи маҳсулоти дохилии ҷаҳонро ташкил медиҳад. Сайёҳии байналмилалӣ ҳар сол тақрибан то 4% афзоиш ёфта, теъдоди умумии сайёҳон алҳол 1,2 млрд. нафар ва шумораи ҷуғрофии ташрифоти онҳо аз 59 давлат ба 109 давлати дунё расидааст. Мавриди тазаккур аст, ки сайёҳии байналмилалӣ дар соли 2016 ба мамлакатҳои Аврупо 509 млрд. доллар, Иёлоти Муттаҳидаи Амрико 177 млрд. доллар ва Чин 57 млрд. доллар даромад бахшид, ки тақрибан 30%-и даромади соҳаи хизматрасониро ташкил медиҳад ва ҳамчун манбаи устувори иқтисодӣ арзёбӣ карда мешавад.

Мусаллам аст, ки туризм ба барқароршавии робита миёни миллатҳо мусоидат намуда, ба ҳамкории осоишта замина мегузорад ва сабаби истиқрори сулҳ мегардад. Ҳамзамон, барои ғанигардонии фарҳанги шахсӣ ҳангоми ошноӣ бо шаҳри нав, одамон, таъриху анъанаҳои онҳо, дастовардҳо дар ҷодаи санъат, меъморӣ, ҳаёти саҳнавӣ, адабиёт, мусиқӣ, мукаммалгардонии забондонӣ мусоидат намуда, ҳамдигарфаҳмӣ, ҳамбастагӣ, шарикӣ, хайрхоҳии мутақобилаи ширкаткунандагони сафари саёҳатӣ, соҳибихтиёрӣ, ҳисси масъулиятшиносӣ ва низом, муносибати дурустро нисбат ба табиат ва аҳолии маҳал рушд мебахшад.

Мавриди зикр аст, ки таҳкурсии аввалини инкишофи туризм шароити табиӣ ва географӣ мебошад. Бесабаб нест, ки туризм дар марҳалаҳои аввал дар ноҳияҳои иқлимаш мусоид ва дорои чашмаҳои шифобахш тараққӣ ёфтааст. Тирамоҳи соли 1954 якумин маротиба дар таърихи туризми Тоҷикистон алпиниада бо мақсади инкишоф додани соҳаи кӯҳнавардӣ дар

байни ҷавонони Тоҷикистон ва минбаъд якчанд мусобиқаҳои хатсайри беҳтарини ИҶШС ва чемпионати туризми ИҶШС баргузор шуда буданд.

Давоми даврони Истиқлолияти давлатӣ роҳбарияти Ҷумҳурии Тоҷикистон кӯшишҳои зиёдеро ҷиҳати беҳдошти табиати кишвар тавсеа намудаанд, ки онҳо дар мисоли иқдомҳои шоиста оид ба ҳифзи захираҳои об инъикос гардидааст. Қабули қонунҳою санадҳои меъёрии махсус дар соҳаи ҳифзи захираҳои табиӣ нишонаи сиёсати устувори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон дар самти истифодаи оқилона ва ҳифзи муҳити зист мебошад. Таърихи инсоният гувоҳӣ медиҳад, ки на ҳамаи шахсиятҳои олимақоми давлатҳои ҷаҳон қодири равона намудани ғайрати худ ва тавоноии давлат баҳри ҳифзи муҳити зист будаанд.

Аз маълумотҳои оморӣ ва сарчашмаҳои илмӣ бармеояд, ки алҳол дар Тоҷикистон зиёда аз 37 асноди меъёриву ҳуқуқӣ оид ба ҳифзи захираҳои табиӣ ва истифодаи самараноки он мавриди амал қарор гирифтааст. Мутахассисон ва олимони соҳаи табиатшиносӣ исбот намудаанд, ки танҳо дар давраи Истиқлолияти давлатӣ шумораю масоҳати ҳудудҳои махсус ҳифзшаванда аз қабили Боғҳои миллӣ, мамнуъгоҳҳо, парваришгоҳҳо ва ғайра хеле афзоиш ёфтааст. Таваҷҷуҳи хоса нисбати объектҳои нодири табиӣ ба монанди кӯли Сарез, мавзеи Сафеддара, дараи Варзоб ва дигар мавзеъҳои тамошобоби кишвар мусоидат намуд, ки дар Тоҷикистон шароити зарурӣ барои қабули сайёҳони хориҷӣ омода гардад. Ҳамзамон, кишвари кӯҳсори мо минтақаҳои гуногуни сайёҳӣ дар мавзеъҳои Искандаркӯл, Ҳафткӯл, Шаҳристон, Панҷакент, Саразм, Варзоб, Ромит, Балҷувон ва ғайра дорад, ки имконияти рушди самтҳои гуногуни сайёҳиро аз қабили сайёҳии экологӣ, таърихӣ, этнографӣ ва геологиро доро мебошад.

Табиати нотакрори Тоҷикистон барои барқарорнамоии нерӯи равонию ҷисмонии инсон тавассути истироҳати бофароғат дар шароити муҳити табиӣ имконият фароҳам овардааст. Сайёҳони хориҷа аз табиати биҳиштосои кишварамон лаззат мебаранд. Оҳангҳои форами табиӣ–садои рудхонаю шаршараҳо, хондани паррандагон, садои ларзидани баргҳои дарахтон ва

гиёҳҳо, нигоҳ кардан ба тулуъ ва ғуруби офтоб, фориғ шудан аз мушкилиҳои рӯзмараи шаҳр, накҳати гулҳою гиёҳҳо, гирифтани нафаси тозаи табиӣ, садои мавҷи кӯлҳо, обанборҳо, шаршараҳо ва ғайра аз бемориҳои гуногун наҷот мебахшанд ва солимии маънавии инсонро қавӣ мегардонад. Бо мақсади дастгирии давлатии туризми экологӣ дар моддаи 7-уми Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи туризм» ҷиҳати фароҳам овардани шароити мусоид барои рушди ин намуди туризм ва истифодаи тамоми имкониятҳо барои ҳифзи ноҳияи ташрифотӣ, барқароркунии боигариҳои табиӣ, фарҳангию таърихӣ таъкид рафтааст.

Мавриди зикр аст, ки яке аз муаммоҳои асосии рушди соҳаи сайёҳӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон камшумор будани мутахассисони босалоҳияти касбӣ ва норасогии савияю маҳорати роҳбаладон, хуб надонистани забонҳои хориҷӣ, номукаммалии раванди тарғиботӣ ва сабабҳои дигар мебошад. Иқдоми Пешвои муаззами миллат барои ҳамаи табақаҳои ҷомеаи меҳнатқарини кишвар такони бузурге барои рушди соҳаи сайёҳӣ ва инфрасохторҳои он гардид. Пешвои миллат дар Паёми худ Ҳукумати Ҷумҳуриро вазифадор намуданд, ки якҷоя бо вазорату идораҳои марбута ва мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатӣ бо мақсади боз ҳам рушд додани соҳа имкониятҳои мавҷударо васеъ истифода бурда, инфрасохтори сайёҳиро инкишоф диҳанд, сифати хизматрасониро баланд бардоранд, раванди танзими давлатӣ ва дастгирии сайёҳиро густариш бахшанд, ҷалби ҳарчи бештари сармоя ва омода намудани кадрҳои болаёқатро дар ин самт таъмин намоянд.

Муассисаи давлатии таълимии "Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи академик Бобоҷон Ғафуров" баҳри таъмини иҷрои нақшаи чорабиниҳои Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷиҳати рушди соҳаи сайёҳӣ тадбирҳои зиёдеро амалӣ менамояд, ки нишонаи дастгирии доимии устодони Донишгоҳ аз сиёсати дохилӣ ва хориҷии роҳбарияти олии кишвар мебошад. Алҳол, дар факултети геоэкология ва туризми Донишгоҳ зиёда аз 80 нафар донишҷӯён бо ихтисоси "географияи сайёҳӣ ва менеҷменти саёҳат" таҳсил менамоянд,

ки бо итминони комил метавон изҳор намуд, ки онон захираҳои кадрии рушди соҳаи сайёҳӣ хоҳанд шуд.

Дар ин замина роҳандозӣ шудани экспедитсияи илмӣ - тадқиқотӣ таҳти роҳбарии доктори илмҳои геоэкология, профессор Абдураҳимов С.Я. [1] бо хатсайри Хуҷанд – Истаравшан – Айнӣ -Душанбе – Файзобод – Роғун – Ҳоит–Тоҷикобод – Лахш – Мук – Сариосиёб – Ҳавзаи дарёи Муксу - қисми шимолии қаторкӯҳи Пётри I – Душанбе - Хуҷанд бо фарогирии ду гуруҳи донишҷӯёни ихтисосҳои география, географияи сайёҳӣ ва менеҷменти саёҳат барои аз худ кардани тадқиқотҳои комплексии географӣ истифодаи методи муқоисавӣ-географӣ, таҳлили маводҳои оморӣ, тартиб додани харитаҳо дар асоси маълумотҳои саҳроӣ кӯмак намуд. Ҳайати экспедитсияро 16 нафар ташкил мекарданд ва дар "Соли рушди сайёҳӣ ва ҳунарҳои мардумӣ" ба онҳо муяссар гардид, то аз манзараҳои кӯҳии қисми шимолии қаторкӯҳи Пётри I, ки дар байни мутахассисон ҳамчун макони туристӣ нуфуз пайдо кардааст, боздид ба амал оваранд ва бо қонуниятҳои ҷойгиршавии сарватҳои табиӣ, таъсири муносибати инсон ва техника ба олами зинда, ҳудудҳои муҳофизаткунанда, ёдгориҳои ландшафтӣ, гидрологӣ, биологӣ, зоологӣ, минерологӣ, петрографӣ, геоморфологӣ ва ғайра аз наздик ошноӣ пайдо намоянд.

Шиносоии наздик бо ландшафти иҳотакарда, омӯзиши қонунҳои ҳаракат, сабабу натиҷаҳои алоқаи табиат дар хонандагон шавқу ҳавасро нисбати корҳои саҳроӣ–тадқиқотӣ зиёд мегардонад.

Дар аввал аъзоёни экспедитсия кори худро аз мавзуъҳои содда оғоз менамоянд. Ба монанди омӯзиши растаниҳои шифобахш, обҳои маъданӣ ҷинсҳои кӯҳӣ, минералҳо ва ғайра. Аз рӯи дараҷаи донишҳои назариявӣ ва заминаи таҷрибаомӯзиҳои таълимӣ бо оҳистагӣ мавзӯъҳоро мушкил менамоянд. Масалан омӯхтани чарогоҳҳои кӯҳӣ, таҳқиқоти дарёҳои хурд, истифодабарии онҳо ва ғайра. Экспедитсия роҳбар–методисти таҷрибадорро талаб менамояд.

Таҷрибаҳо нишон медиҳанд, ки экспедитсия шавқу завқи маърифатии донишҷӯёнро афзун месозад. Пеш аз ҳама, ҳар як иштирокчӣ бояд мақсад ва

вазифаҳои экспедитсияро дарк намояд, аҳамияти илмӣ–таҳқиқотии онро донад.

Тайёрӣ ба экспедитсия се ҷанбаи асосиро дар бар мегирад:

а) ташкилӣ;

б) моддӣ;

в) таълимӣ.

Зимни омодагӣ ба экспедитсия омӯзгор - роҳбалад донишҷӯёнро бо мундариҷаи экспедитсия шинос намуда, мақсади таҳқиқотиро мегузорад. Ҳангоми тайёрӣ ба экспедитсия вазъи саломатии донишҷӯён ба инобат гирифта мешавад. Иштирокчиёни экспедитсияро муайян карда, вазифаҳоро байни аъзоён ва ё зергуруҳҳо тақсим мекунанд. Масъалаи таъминоти иқтисодии экспедитсия низ хеле муҳим аст, зеро проблемаи озуқа, ташкили фонди маблағ, таҷҳизоту лавозимоти заруририро пешбинӣ менамоянд.

Омодагӣ ба экспедитсия–ин аз худ намудани харита–схемаи сафар (хатсайр), муайян намудани нуқтаҳои бошишгоҳӣ, аз куҷо бояд экспедитсия сар шавад, интихоби объектҳои муҳим барои экспедитсия: чашма, наҳр, дарё, кӯл, роҳ, пайроҳа, кӯҳ, дашт, иншоотҳои иқтисодӣ, объектҳои табиӣ, таърихиву муқаддас ва ғайра мебошад. Инчунин дар экспедитсия машварату роҳбаладии роҳбар–мушовир доир ба методикаи гузаронидани мушоҳида, ченкунӣ, расмгирӣ, ҷамъ намудани маводҳо барои коллексия, гербарий муҳим арзёбӣ карда мешавад. Дар ин ҷо донишҷӯён бо тарзи ҳаётгузаронӣ дар шароити бошишгоҳии сайёҳат шинос мешаванд, аз ҷумла чӣ хел ва дар куҷо рост кардани хайма, гиронидани оташ, тайёр кардани хӯрок, ёрии аввалини таъҷилӣ ва ғайра.

Дар интиҳои экспедитсия ба роҳбалад–мушовир лозим аст, ки вазъи иҷроиши нақшаи таълимии ҳар як дастаи экспедитсиониро бодиққат аз назар гузаронида, ба омӯзишу пайгирии адабиётҳо, маводи экспедитсия ва объекти тадқиқот диққати худро равона созад.

Донишҷӯён дар шароити таҷрибаомӯзиҳои таълимӣ–саҳроӣ методи қабулкуниро аз худ менамоянд. Лекин дар бештари ҳолатҳо дар раванди

экспедитсия ҳангоми мушоҳидаҳоро ба рӯзномаи экспедитсионӣ инъикос намудан дар шароити саҳро донишҷӯён душворӣ мекашанд. Бояд гуфт, ки мувофиқи матлаб ба роҳ мондани қайди рӯзномаҳои экспедитсионӣ дар аввал содда намояд ҳам, вале дар асл кори хеле мушкил аст. Рӯзномае, ки донишҷӯён дар экскурсияҳои оддӣ менависанд, аз ҷиҳати шакл ва ҳам аз рӯи мазмуну сохт аз рӯзномаҳое, ки дар экспедитсия навишта мешаванд фарқ мекунанд. Агар дар саёҳати экскурсионӣ навиштани рӯзномаҳо бо шакли ҳикояи бадеӣ–географӣ сурат гирад, яъне аз мушоҳидаҳо, ҳиссиётҳои шахсӣ ва ҳодисаҳои шавқовар иборат бошанд, пас дар рӯзномаҳое, ки аз ҷониби иштирокчиёни экспедитсия бурда мешавад, бо мақсади илмӣ–тадқиқотӣ ҷавоб ба саволу супоришҳо, хулоса, натиҷаи мушоҳида ва дигар навиштаҳо иборатанд, бо тариқи харитаву ангора, схема ва расмҳо акс меёбанд. Ба андешаи мо, мушкилии корбарӣ бо рӯзномаро ба ҳисоб гирифта, ташкили кори амалии аъзоёни экспедитсияро дар машғулиятҳои амалии фанҳои бунёдӣ (вобаста ба кафедраи пойгоҳӣ ва ихтисоси донишҷӯ) ба инобат гирифтан лозим аст.

Ба ҳамин монанд, дар канори ин экспедитсияҳо моҳи июни соли 2019 донишҷӯёни курси 3-юми ихтисосҳои “экология” ва “агроэкология” барои тақвияти донишҳои назариявӣ ва бо амалия пайваст намудани он ба хатсайри “Хуҷанд – Шаҳристон – Душанбе – Норак - Данғара– Фархор – Васеъ – Кӯлоб – Дашти Ҷум – Хуҷанд” равона гардиданд. Таҷрибаомӯзиҳои зикршуда дар ҳалли масъалаҳои омӯзиши қонуниятҳои табиат, нигоҳдории баробарвазнии табиӣ, сарфакорона истифодабарии сарватҳои табиӣ, ҳифзи муҳити атроф, рушди соҳаи сайёҳӣ, бахусус сайёҳии экологӣ, фарҳангӣ кӯмак мерасонад. Зеро дарк кардан, аз худ намудани усулҳои сарфакорона истифодабарии сарватҳои табиии қаламрави кишвар вазифаи муқаддаси ҳар як шаҳрванди диёри азизамон, кишвари кӯҳҳои осмонбӯс–Тоҷикистон мебошад. Зимни таҷрибаомӯзӣ таъсири амалиётҳои бисёрсолаи геоэкологии гуногуннамудии сарватҳои табиӣ омӯхта шуд. Ҷараёнҳои геодинамикӣ ва фишори табиию техногенӣ дар ҳар як сатҳи гуногуннамудии сарватҳои

табиии ҳудуди вилояти Суғд пуршиддат ва гуногун мегардад таҳлил гардид. Омӯзиши ҷараёнҳои геодинамикӣ нишон дод, ки тағйирёбии иқлим, оқибгардии пиряхҳо ва фаъолияти техногении инсон ба ҳамдигар зич алоқаманд аст, мувофиқат мекунад. Аз ин нуқтаи назар ҳалли проблемаҳои инноватсионии истифодабарии гуногуннамудии сарватҳои табиӣ, идоракунӣ ва пешгӯии он дар ҳудуди вилояти Суғд ва дигар ноҳияҳои Тоҷикистон дар мадди аввал меистад, муайян ва муқаррар карда шуд. Асосҳои топографии маҳал, баҳои сифатӣ ба сарватҳои табиии Қаромазори ғарбӣ ва Қаромазори шарқӣ, экспедитсияҳои илмӣ, мониторинги маълумотдиҳӣ дар водии Зарафшон, таҳлили идоракунии сарватҳои табиӣ дар ҳудуди маҳал–шаҳри Хуҷанд ва кӯҳи Мевағул, истифодаи маводҳои саҳрой барои сохтани каталоги офатҳои табиӣ, муайн кардан ва таҳлили заминҳои вайроншуда нишон дода шуд.

Илми геоэкология дар зери омилҳои идоракунии манбаи маълумотдиҳии асосию ибтидой, нишондиҳандаҳои миқдорӣ ва сифатии офатҳои табиӣ ва техногенӣ; паҳншавии сарватҳои техногенӣ–партовҳои саноати кӯҳӣ, мигратсияи металлҳои вазнин, имкон медиҳад, ки натиҷаи самаранокии истифодаи он дар иҷрои корҳои илмӣ-тадқиқотӣ ва истифодаи он дар муассисаҳои олӣ амалӣ гардад ва дар раванди таълим пешниҳод шавад. Ин натиҷаҳо баробари аҳамияти фундаменталӣ ва амалӣ доштан дар тарбияи ватандӯстиву ҳуввияти миллӣ, хештаншиносиву худогоҳӣ заминаи устувор мегузоранд. Дар ҳисоботи худ яке аз таҷрибаомӯзон навиштааст: “...роҳбарамон, профессор Абдураҳимов С.Я. зикр мекунанд: «Табиат низ қалб дорад. Муҳити табиие, ки атрофи моро иҳота мекунад, худ мўъҷизаест ва  ҳатто як пора санге, ки ба чашми инсон ҳамчун ҷинси кӯҳӣ ё ашёи хоми истеҳсолӣ ба назар мерасад, гӯё таппиши қалб дорад ва онро на ҳар як шахс метавонад фаҳмад ва гӯш диҳад. Танҳо шахсе, ки табиати диёрро дӯст медорад, ҳар сангу гили онро эҳтиёт мекунад, метавонад қалби табиатро  гӯш кунад…» [1]. Донишҷӯ изҳор менамояд, ки баъди шунидани суханони устодаш меҳру муҳаббаташ нисбати табиати Ватан бештар гардида, кӯшиш

ба харҷ медиҳад, то ба қалби табиат гӯш диҳад ва ҳамаи ҳиссиёти табиатро эҳсос намояд.

Инчунин, дар ҳамкорӣ бо Раёсати ҳифзи муҳити зисти вилояти Суғд ва зерсохторҳои он дар шаҳру ноҳияҳо, филиали Суғдии ИИИ “Зироаткор”, филиали Суғдии ИИИ “Боғпарвар” шартномаи тарафайн ҷиҳати гузаронидани таҷрибаомӯзии истеҳсолӣ ба расмият дароварда шудааст ва донишҷӯёни шуъбаҳои рӯзона ва ғоибона дар як сол давоми 4–9 ҳафтаи таълимӣ дар ин мақомот таҷрибаомӯзӣ мекунанд. Дар рафти таҷрибаомӯзӣ донишҷӯён бо технологияи парвариши зироатҳо ва дарахтони мевадиҳанда, сабзавотҳо, дар гузаронидани санҷишҳо, рейдҳо ва рейдҳои фаврӣ, тартиб додани санадҳои санҷишӣ, протоколи ҳуқуқвайронкунии маъмурӣ ва ғайра шинос мешаванд ва дар тартибдиҳии онҳо бевосита иштирок менамоянд.

Барои гузаронидани таҷрибаомӯзии истеҳсолӣ ва корҳои лабораторӣ бо муассисаву ширкатҳои сайёҳии кишвар шартномаҳои дарозмуддат ва ҳамкории доимӣ ба роҳ монда шудааст. Масалан, Маҷмааи “Қалъаи Хуҷанд”, шуъбаи рушди сайёҳии МИҲД вилояти Суғд, ширкати туристии “Зарафшон-тур”, “Вояш-тур”, “Авесто-тур” “Биби-тур”, маҷмааи туристии “Охтанги”-и ноҳияи Шаҳристон, пойгоҳи туристӣ-алпинистии “Артуч” ва ғайраҳо.

Бо мақсади баланд бардоштани соҳаи сайёҳӣ дар вилоят бо супориши Раиси вилояти Суғд, муҳтарам Раҷаббой Аҳмадзода, бо дастгирии Мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии вилояти Суғд, бахши шуъбаи рушди сайёҳӣ дар вилояти Суғд саёҳати дохилӣ ва лагери экологӣ дар мавзеъҳои сайёҳии вилоят аз қабили пойгоҳи кӯҳнавардию сайёҳии “Артуч” ташкил карда шуд.

Яке аз масъалаҳои муҳиме, ки Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ, Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон борҳо таъкид менамоянд, омӯзиши сабабҳои ақибгардии пиряхҳои Тоҷикистон ва таъсири гармшавии иқлим ба шумор меравад, ки ҳамин раванди ташкили корвони саёҳати фарҳангии донишҷӯён ба ҷойҳои таърихиву фарҳангӣ ва боздид аз ёдгориҳои нодири табиати Тоҷикистон барои ошноии мутахассисони соҳа ба масъалаи мазкур ёрмандӣ намуд.

Чи тавре қайд намуда будем “...табиат бевосита имконияти алоқаи воқеиро бо объекту маводи аслӣ ба амал меорад, интиқоли донишро ба муҳити таълимии ҷолиби сифатан аз аудитория бартаридошта мубаддал месозад” [61, с. 207 ].

Олимон ва муҳассилини факултети таърих ва ҳуқуқ ҷиҳати ташкили корвони саёҳати фарҳангии донишҷӯён ба ҷойҳои таърихиву фарҳангӣ корҳои муайянеро ба анҷом расониданд. Дар кафедраи таърихи Ватан ва археология мунтазам дар доираи машғулиятҳои КМРО (берун аз ҷадвал), КМД ва таҷрибаомӯзии таълимӣ (археологӣ - этнографӣ, осорхонавӣ - бойгонӣ) бо донишҷӯёни ихтисосҳои таърих, таърих ва ҳуқуқ, таърих (бостоншиносӣ) экскурсияҳо ба мавзеъҳои таърихӣ ва осорхонаҳо баргузор мегарданд.

Нақшаи таҷрибаомӯзиҳои таълимӣ дар асоси Фармоиши Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон аз 29 декабри соли 2017, №977 “Дар бораи Соли рушди сайёҳӣ ва ҳунарҳои мардумӣ эълон намудани соли 2018” таҳия гардида, мақсади он ҳарчӣ бештар шинос намудани донишҷӯён бо ёдгориҳои таърихӣ, меъморӣ, мавзеъҳои сайёҳӣ ва марказҳои ҳунарҳои мардумӣ ба ҳисоб мерафт. Дар маҷмуъ, метавон таъкид кард, ки дар факултети таърих ва ҳуқуқ 20 маротиба экскурсияҳо бо донишҷӯён ба мавзеъҳои таърихӣ, аз ҷумла Осорхонаи Ҷумҳурияии академик Бобоҷон Ғафуров (н. Бобоҷон Ғафуров), Маҷмааи таърихӣ–фарҳангии “Қалъаи Хуҷанд”, Осорхонаи таърихии вилояти Суғд, Ёдгории Муғтеппа, Осорхонаи таърихии Истаравшан, Мақбара ва масчиди Ҳазрати Шоҳ, ёдгории меъмории мадрасаи Султон Абдулатиф (Кӯк-гумбаз), маҷмааи Сари мазор, масчид ва мазори Сабристони деҳаи Ругунди Истаравшан, маҷмааи фарҳангии Қасри Арбоб, мазори деҳаи Овчи–Қалъачаи ноҳияи Бобоҷон Ғафуров ва ёдгориҳои таърихии гирду атрофи он, Осорхонаи таърихи тиб дар Осоишгоҳи Зумради Исфара, мадрасаи Мирраҷаб Додхоҳи Конибодом, Қалъаи Қаҳ-Қаҳа, Чилҳуҷра, Чилдухтарон, ёдгории Модагурги ноҳияи Шаҳристон, Ёдгориҳои таърихии шаҳри Хуҷанд-маҷмааи таърихии Шайх Маслиҳаддин, маҷмааи

Исмоили Сомонӣ, маҷмааи таърихӣ-фарҳангии Истиқлол, Осорхонаи шахсии «Хона-музеи Усмонов Нозимҷон» дар ҷамоати Ёва, ноҳияи Бобоҷон Ғафуров гузаронида шуданд.

Дар факултетҳои забонҳои хориҷӣ ва забонҳои шарқи донишгоҳ ба донишҷӯён забони англисӣ, олмонӣ, арабӣ, хитоӣ, форсӣ ва ӯзбекӣ омӯзонида мешаванд, ки дар оянда ҳамчун тарҷумонҳо ва ҳам роҳбалад метавонанд фаъолият баранд. Бар замми ин, бархе аз ширкатҳо барои тарҷумонии онҳо музди муайян низ пардохт менамоянд, ки ин барои боз ҳам ба забономӯзӣ дил бастани ҷавонон кӯмак мерасонад.

## 2.2. Имкониятҳои педагогии таҷрибаомӯзиҳои таълимӣ–саҳроӣ дар ташаккули майлу рағбат ва эҳтиром ба арзишҳои ватандӯстӣ

Дар таҳқиқоти мо таҷрибаомӯзиҳои таълимии саҳроӣ ва комплексӣ аз дидгоҳи педагогӣ ҳамчун воситаи самараноки ташаккули майли донишҷӯён ба Ватан ҳамчун арзиш дида баромада мешавад. Таҷриба бо маънои томаш ин таҷрибаи ҷамъовардашуда, маҷмӯи усулҳо ва малака дар ин ё он соҳаи фаъолият мебошад. Воҳидҳои сохтории таҷриба инҳоанд: фаъолияти мақсаднок; воситаи таҷриба; объекти фаъолияти амалӣ.

Таҷрибаомӯзиҳо ба табиат барои татбиқи амалии донишҳои назариявӣ нақши муассир дошта, имкон медиҳанд, ки мавҷудот ва ҳодисаҳои табиӣ аз наздик омӯхта шаванд. Дар педагогика истифодаи таҷрибаомӯзиҳои саҳроӣ ва комплексӣ баҳри васеъ намудани ҷаҳонбинии шахсият, ташаккули муносибати муҳассилин нисбат ба арзишҳои табиӣ ва иҷтимоӣ нигаронида шудааст. Таҷрибаомӯзиҳои таълимии саҳроӣ ва комплексӣ гузашта ва имрӯзи табиати кишварро кушода медиҳанд, арзишҳои табиӣ, иҷтимоиву фарҳангӣ, чун Замин–хонаи мо, олами атроф, фаъолияти инсон (антропогенӣ), муносибати шахсият ба табиат ва меъёрҳои он, Ватани маҳбуб қабул ва тасдиқ менамоянд.

Таҷрибаомӯзиҳои таълимии саҳроӣ ва комплексӣ ҷузъи

ҷудонашавандаи раванди таълим маҳсуб ёфта ҳамчун фаъолияти мушаххас, таҳти талаботҳои стандарти давлатӣ, нақша ва барномаи таълимӣ сурат мегирад. Он фаъолияти амалии аслӣ, воқеӣ, коммуникативӣ ва маърифатӣ мебошад. Мундариҷа ва шакли гузаронидани таҷрибаомӯзиҳои таълимии саҳроиву комплексӣ дар барномаҳои таълимиву корӣ инъикос меёбад. Таҳлили назариявии мундариҷа, шакл ва хатсайрҳои интихобшуда имкон дод, ки бо мақсади муайян намудани хусусияти маърифатӣ доштани фаъолияти донишҷӯён барномаи кории намунавии худро коркард кунем ва собит намоем, ки иқтидори педагогии таҷрибаомӯзиҳои таълимии саҳроӣ ва комплексӣ воситаи самараноки ташаккули арзишҳои ватандӯстӣ дар донишҷӯён аз ҳисоби мубрамгардонии захира ва имкониятҳои он маҳсуб меёбад. Дар раванди таҳқиқот имкониятҳои зерини педагогии таҷриба-омӯзиҳои таълимии саҳроӣ ва комплексӣ, ки бартарии ташаккули майли донишҷӯёнро ба Ватан ҳамчун арзиш муайян менамоянд, рӯйи кор омаданд:

- аксиологӣ (интиқоли арзишҳо ва таърихи табиат, ки дар ҷараёни шаклгирии объектҳои табиӣ, натиҷаи ҳодисаҳои табиӣ, ёдгориҳои табиӣ, изу акси мавҷудоти зинда, сарчашмаҳои ибтидоӣ зоҳир мешавад);
- маърифатӣ (донишандӯзӣ зимни такя ба сарчашмаҳо, объектҳои табии аслӣ, эҳсосоти баланд аз иншоотҳои табиӣ, чун шаршара, дарё, пирях, ғор, чашма ва ғ.), хусусияти маърифатии ҳодисаҳои табиӣ, ҳавасмандӣ ҷиҳати таҳқиқоти мустақилона, фаъолияти эҷодӣ));
- иҷтимоикунанда (муносибат нисбат ба ёдгориҳои табиӣ, дарки шахсии ҳодисаҳои табиӣ, инъикоси мушкилоти ҷамъияти муосир ва минтақаҳои алоҳида);
- ахборотӣ–мундариҷавӣ (мувофиқат ба стандарти давлатии таҳсилоти олии касбӣ, алоқаи байни фанҳо, вариативнокии раванди таълим дар таҷрибаомӯзиҳои таълимии саҳроӣ ва комплексӣ);
- эҷодӣ–арзишӣ (таъсири субъективу объективии муассисаи таълимӣ ва мавзеъҳои табиӣ, мамнуъгоҳу парваришгоҳҳо, боғҳои миллӣ, ки дар асоси ҳамкории дуҷониба ба роҳ монда мешавад);

- ташкилӣ–вазифавӣ (омӯзгору донишҷӯ, фазогӣ–объектӣ, муҷаҳҳаз будан бо маводҳои техникии коркарди натиҷаи таҷрибаомӯзиҳои таълимии саҳроӣ ва комплексӣ).

Муфассалтар бобати кушода додани мазмун ва муҳтавои имконниятҳои педагогии таҷрибаомӯзиҳои таълимиву саҳроӣ ва комплексӣ меистем. Захираи аксиологӣ дар интиқоли таҷрибаи илмиву фарҳангӣ, ки дар ландшафт, объектҳои табиӣ, ёдгориҳои табииву таърихӣ маҳфузанд, зоҳир мегардад. Табиати зебову нотакрор, мавзеъҳои аз тарафи инсон тағйир-наёфта бобати таҳаввулоти табиати кишвари азиз маълумоти муқоисавӣ медиҳанд ва мушкилоти замонавиро мубрамтар мегардонанд.

Объектҳои табиӣ, кӯҳу дара, қуллаҳои барфпӯшу пиряххо, чашмаву дарё, шаршараву кӯлҳо, боигариҳои табиӣ, канданиҳои фоиданок ва ғ. бешубҳа муносибати арзишнокро нисбат ба табиати Ватан фароҳам меоранд.

Омӯзиши сохти геологии Тоҷикистон, маълумотҳои палеонтологӣ оид ба давраҳои таърихии шаклгирии релефи мамлакат, доир ба геохронологияи кишвар, ҳодисаҳои табиии таърихӣ маълумот медиҳанд.

Таҷрибаомӯзии таълимии саҳроӣ ва комплексӣ ҳамчун ҷузъи муҳими раванди таълим дар ду давра: мавсимӣ ва асосӣ ба роҳ монда шуда, дарсҳои назариявии аудиториро пурра мегардонад. Дар мавзеи табиӣ ва объекти иқтисодӣ фазои таълимӣ ташаккул ёфта, муҳассиллинро ба мустақилият, донишандӯзии ҷолибу шавқовар ва фаъолияти эҷодӣ раҳнамун месозад.

Имкониятҳои педагогии таҷрибаомӯзии таълимии саҳроӣ ва комплексӣ шароит фароҳам меоваранд, ки раванди таълими таҷрибаомӯзиҳои саҳроӣ дар фазои табиии таълимӣ, ки муҳассиллинро ба муносибати арзишнок нисбат ба табиати кишвар талқин медиҳад, дида бароем. Раванди таълим зимни таҷрибаомӯзиҳои саҳроӣ нисбатан озод буда, донишандузӣ тавассути такя ба манбаъҳои табиӣ сурат мегирад ва муҳассиллинро ба хулосабарории мустақилона водор месозад.

Ҳамин тариқ, раванди таълим дар таҷрибаомӯзиҳои саҳроӣ ва

комплексӣ тавассути фаъолияти мақсадноки оила, муассисаи таълимӣ, масъулони ҳудудҳои табиии муҳофизатшаванда, объектҳои табиӣ, объектҳои иқтисодӣ ба роҳ монда шуда, бевосита дар мавзеъҳои табиӣ ва корхонаҳои иқтисодӣ, иншоотҳои бузург сурат мегирад, ки ландшафти табиӣ, минтақаҳои мухталифи иқлимӣ, релефи гуногун, технологияи истеҳсолот диққати муҳассиллинро ба худ ҷалб менамоянд.

Ба андешаи мо, табиат дар канори муҳити таълимӣ воситаи самараноки таълим ва тарбия маҳсуб ёфта, имкониятҳои пуриқтидори педагогии ташаккули арзишҳои ватандӯстии донишҷӯёнро дорост.

## 2.3. Таснифи модели сохторӣ – вазифавии майли донишҷӯён ба Ватан ҳамчун арзиш тавассути таҷрибаомӯзиҳои таълимии саҳроӣ

Дар ҷараёни тадқиқотҳои саҳроӣ ва камералӣ (коркарди маводҳое, ки дар раванди тадқиқотҳои саҳроӣ ва махсус ҷамъоварӣ шудааст), таҳлили адабиёт ва дигар амалиёти тадқиқотӣ маълумоти бисёр ва гуногун ҷамъ оварда мешавад. Маълумот - далелҳои ба қайд гирифташуда, тавсифи ҳодисаҳои олами воқеӣ ё ғояҳо мебошад, ки барои мураттабсозӣ ва қайди амиқ пурарзиш ҳисобида мешавад. Н.Н.Баранский гуфта буд: “Тадқиқотҳои саҳроӣ–ин аз саҳифаи китоб гузариш ба ҳаёти географӣ мебошад”[196]. Бахусус барои донишҷӯёни ихтисосҳои табиатшиносӣ ташкили таҷрибаомӯзии таълимӣ–саҳроӣ яке аз воситаҳои алоқаманд намудани назария бо амалия мебошад, ки дар раванди он маълумотҳои зиёдеро ҷамъ оварда, коркарди онҳоро ба роҳ мондан мумкин аст.

Коркарди маълумот имкон медиҳад, ки ахбор гирифта шавад. Аксари онҳо дар маводҳои гуногун сабт карда мешаванд. Қисме аз онҳо дар рӯзномаи саҳроӣ навишта шуда, қисми дигар дар шакли қоғазӣ сабт мегардад. Баробари рушди технологияи иттилоотӣ имконият пайдо шуд, ки маълумот дар таҷҳизоти электронии хотирадор нигоҳ дошта шавад. Вазифаи тадқиқотчӣ ҷамъоварии ҳамаи маълумотҳо дар як ҷой ва дар

шакли барои истифодаи минбаъда қулай: гузаронидан, маънидод кардан, коркарди дастӣ ё системаи компютерӣ имконпазир ва мувофиқ бошад.

Таваҷҷуҳи географон танҳо ба ҳамон маълумотҳое равона карда мешавад, ки ба объектҳои географӣ тааллуқ доранд. Маълум аст, ки объекти географӣ–ин ҷузъи пурра, нисбатан устувори сатҳи Замин аст ва мавқеи доимиву сарҳади муайян дорад. Пайдоиши объектҳои географӣ метавонад гуногун бошад: табиӣ (материкҳо, уқёнусҳо, баҳрҳо, дарёҳо, кӯҳҳо, кӯлҳо, марғзорҳо, ҷангалзорҳо ва ғайра) ва антропогенӣ (шаҳру деҳот, бинову иншоотҳо, майдону боғҳо, заводу фабрикаҳо, роҳҳои автомобилгард ва ғайра).

Маълумоти географӣ–ин ахборест, дорои нишондод оид ба ҷойгиршавии географӣ ва хусусиятҳои объектҳои табиӣ ё сунъӣ, марзи онҳо дар Замин мебошад. Он асосан аз чор ҷузъ иборат аст: 1) мавқеи ҷойгиршавӣ; 2) хусусият ва тасниф; 3) муносибати фазоӣ; 4) вақт.

Мавқеи географӣ–ин объектҳо дар фазо бо координатаҳои географӣ ишора карда мешаванд (арз/тӯл).

Хусусиятҳо–ин нишондиҳандаҳои хоси объекти географист, ки танҳо ба он мансуб аст. Онҳо имконият медиҳанд, ки як объект аз дигараш фарқ карда шавад ё монандии он бо объектҳои дигар муайян гардад.

Муносибатҳои фазоӣ бошанд, ҷойгиршавии объектҳоро нисбати якдигар нишон медиҳанд: самти як объект нисбати объекти дигар (шимолтар, ҷанубтар, дар паҳлӯ ва ғайра), масофаи байни объектҳо, мансубияти як объект ба объекти дигар (масалан деҳа–қисми ноҳия, ноҳия–вилоят, вилоят–ҷумҳурӣ ва ғайра). Таснифи муваққатӣ дар шакли муҳлати гирифтани маълумот зоҳир мегардад. Ин хеле муҳим аст, чунки давоми муҳлати муайян объект ё хусусиятҳои он тағйир ёфта метавонад.

Ҳамин тавр, зимни ҷамъоварии маълумотҳои географии ягон маҳал ҷараёни нигоҳдорӣ, коркард, шарҳдиҳӣ, интиқол бояд дар чунин сатҳ ташкил гардад, ки ҳамаи маълумотҳо оид ба ҷойгиршавӣ ва хусусиятҳои асосии объекти географӣ ҳатман нигоҳ дошта шуда бошанд.

Ҷадвали 3.

| Ҷузъҳои маълумоти географӣ | Объекти географӣ |
|---|---|
| Мавқеи ҷойгиршавӣ | Дараи Сабз (парваришгоҳ дар ноҳияи Шаҳристон) |
| Хусусият ва тавсиф | Ҳудудҳои табиии махсус муҳофизатшавандаи вилояти Суғд |
| Муносибати фазоӣ | Арчазори кӯҳӣ, дорои ландшафти бойю гуногунранг, экосистема ва олами набототу ҳайвонот |
| Таснифи муваққатӣ | Дар ин ҷо се намуди арча: зарафшонӣ (Juniperus seravschanika), туркистонӣ (Juniperus turkestanika), нимдоирашакл (Juniperus semiglobesa) ба назар расид. |

Хусусиятҳои объектҳои географӣ дар тавсифоти миқдорӣ ва сифатӣ зоҳир мегарданд. Маълумоти миқдорӣ–маълумоте, ки дар мафҳумҳо, истилоҳҳои муайянкунандаи бузургӣ истифода бурда мешавад. Масалан, бо ишораи: $20^{o}$ С - $27^{o}$ С; 6995 м; 696 мм сутунчаи симобӣ; 7 нафар/дар $км^{2}$ ва ғайраҳо.

Маълумоте, ки дар шакли миқдорӣ пешниҳод шудааст, аз майли субъективии мушоҳидачӣ кам вобастагӣ дорад.

Масалан, як шахс метавонад бигӯяд, ки дар маҳалли аҳолинишин ҳаво хеле гарм аст, вале шахси дигар мегӯяд, ҳаво андаке гарм аст. Ин боиси маълумоти сифатии номувофиқ мегардад. Шкалаи ҳароратсанҷ, ки $30^{o}$С нишон медиҳад, ин маълумоти воқеии санҷидашуда мебошад. Бо вуҷуди ин маълумоти миқдорӣ на ҳама вақт метавонад ахбори зиёдро доро бошад.

Ҳамон хусусиятҳои объекти географӣ, ки бо рақам ишора кардан номумкин аст, маълумоти сифатӣ маҳсуб меёбад. Онҳо ба таснифот, хусусият ва табиати чизҳо, масалан: калон, хурд, гарм, тафсон, хунук, сахт, мулоим, тез, суст, дароз, кӯтоҳ ишора мекунанд. Баробари пайдоиш ва

рушди таҷҳизотҳои нави ченкунанда бисёри тавсифоти сифатӣ метавонад ба миқдорӣ гузарад. Масалан, рангҳоро бо рақам ишора кардан мумкин аст. Маълумоти миқдорӣ муайян мекунад, сифатӣ тавсиф медиҳад. Онҳо байни ҳам алоқаманд буда, якдигарро пурра мекунанд.

Ҷадвали 4.

| **Хусусиятҳои объектҳои географӣ** | **Иқтибос аз матн** |
|---|---|
| Маълумотҳои миқдорӣ | Мавқеи географӣ: $39^{0}37^{1}$ $34^{11}$ арзи шимолӣ ва $68^{0}$ $40^{1}26^{11}$ тӯли шарқӣ |
| Маълумотҳои сифатӣ | Иқлими минтақа муътадили континенталии куҳӣ, ки баробари баландӣ тағйир меёбад. |

Маълум аст, ки маълумотҳои географӣ коркард карда мешаванд ва он ҷараёни амалиёти муназзами башаклдарории мавод ҷиҳати истифодаи қулайи минбаъдаи он махсуб меёбад.

Дар натиҷаи ҷустуҷӯй ва ҷамъи ахбор маълумоти зиёдеро ба даст овардан мумкин аст. Онҳо аз ҳамдигар бо шакл, ҳаҷм ва мазмун фарқ мекунанд.

Як гурӯҳи маълумот метавонад, иттилои барзиёдро дарбар гирифта бошад, дигараш мумкин, ки нопурра аст. Гузашта аз он, маълумотҳо дар интиқолдиҳандаҳои мухталиф сабт гардидаанд, ки зимни истифодабарӣ мушкилотро ба миён меоранд. Аз ин лиҳоз, ҳар як муҳаққиқ баҳри сарҷамъ ва банизомдарории маълумотҳо кӯшиш менамояд.

Банизомдарорӣ ё худ тасниф ин ба шакли қулай даровардани маълумот мебошад. Сараввал ҳамаи маълумотҳоро мутобиқ ба мавзӯъҳои муайян гурухбандӣ кардан лозим аст. Масалан, оид ба тавсифи минтақа маълумоти зиёд ҷамъ овардан мумкин аст. Агар худи тадқиқотчӣ низ дар бораи ин минтақа мақолаҳои илмӣ дошта бошад, пас маълумотҳо боз ҳам афзун мешаванд. Бар замми он, натиҷаҳои мушоҳида, назарсанҷӣ, мусоҳиба ва таҳқиқотҳои саҳроӣ ба инобат гирифта мешаванд. Аз ин рӯ,

тадқиқотчӣ ҳамаи маълумоти ҷамъшударо мувофиқи нишонаҳои муайян гуруҳбандӣ мекунад. Ҳар як гуруҳ номгузорӣ карда мешавад. Аз ҷумла, “Мавқеи географӣ”, ”Релеф”, ”Иқлим”, “Захираҳои табиӣ”, ”Аҳолӣ”, “Хоҷагӣ”, “Мавзеъҳои рекреатсионӣ”, “Экология” ва ғайра. Номгузорӣ ва миқдори гуруҳҳои мавзӯӣ ба мақсади мушаххаси тадқиқот вобаста аст. Ҳамон як маълумот дар тадқиқотҳои гуногун метавонад ба гуруҳҳои мухталиф ворид шавад.

Гуруҳбандӣ имконият медиҳад, ки маълумоти зарурӣ интихоб, дақиқии он санҷида ва ҳатто пурра гардонида шавад. Яке аз сабабҳои асосии гуруҳбандӣ ин фароҳам овардани имконият барои бемушкилӣ аз манбаи умумӣ дарёфт намудани маълумоти зарурӣ мебошад.

Агар маълумот дар маводҳои гуногуншакл қарор гирифта бошад, пас онро таҳрир карда, ба як шакл даровардан лозим аст. Зимни таҳрир маълумоти якчанд сарчашмаҳоро бо ибораҳои начандон зиёд баён кардан мувофиқи матлаб мебошад. Иқтибоси фароху доманадорро дар шакли мухтасар овардан зарур аст.

Дар натиҷаи коркард маълумот шакли дигарро мегирад: ҷадвал, матн, маводҳои графикӣ ва ғ. Маълумоти ҷамъшударо ба шакли матн даровардан низ мумкин аст. Ин интиқоли моддии андеша маҳсуб ёфта, бояд махсус коркард карда шавад, мавзӯъ дошта бошад ва ғояҳои муаллифро амалӣ намояд. Ҷузъҳои матн байни ҳам алоқамандии мантиқӣ доранд. Маводҳои бадеии ҷамъовардаи тадқиқотчӣ низ коркардталаб буда, дар асоси он матнҳои дуюмдараҷа омода карда мешаванд. Ба он феҳристи адабиёт, мини–матнҳо (матнҳои хурд) дар шакли ёддошт, реферат, фишурда, тақриз мисол шуда метавонанд. Зимни тайёр кардани матнҳои хурд ҳаҷми матн ихтисор (фишурда) карда мешавад.

Дар асоси баъзе маълумотҳо маводи графикӣ тартиб дода мешавад. Шакли графикӣ сохтор, ҳаракат ва алоқамандии объекту ҳодисаҳои табииро аёнтар ифода менамояд ва барои муқоиса ҳам қулай аст. Маводи графикӣ–ин инъикоси хусусияти объектҳо ба воситаи хат, ранг, шакли

геометрӣ, расм ё харитасхема мебошад. Маводи графикӣ танҳо барои ифодаи вазъи умумӣ (на ҷузъӣ) истифода мешавад. Гузашта аз он, маводи графикӣ ҳуҷҷатҳои матнӣ ва дар ҷадвал бударо пурра мегардонад. Донишҷӯён ҳанӯз аз давраи таҳсил дар муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ медонанд, ки ба тарзи графикии пешниҳоди иттилоот харита, схема, профил (бурриш), диаграмма, график дохил мешаванд.

Ҳамаи маълумотҳои географӣ, биологӣ ва экологӣ баъди банизомдарорӣ бо мақсади натиҷабардорӣ таҳлил карда мешаванд. Таҳлил –раванди тақсимкунии моддӣ ва маънавии объекти том (предмет, ҳодиса, ҷараён) ба ҷузъ (нишона, хусусият, муносибат) бо мақсади омӯзиш мебошад. Таҳлил бо мақсади омӯзиши пурра ва мукаммал, муайян намудани табиат ва қонуниятҳои он гузаронида мешавад. Иттилоот–натиҷаи дигаргунсозӣ ва таҳлили маълумот зимни иҷрои супоришҳои мушаххас мебошад. Иттилоот барои афзун намудани дониш дар бораи объект ва ҳодисаҳои муҳити атроф, нишондиҳанда, хусусият ва ҳолати ҳозираи онҳо зарур аст. Барои гирифтани иттилоот оид ба зичии аҳолӣ ва дараҷаи шаҳришавӣ (урбанизатсия) барӯйхатгирии аҳолӣ ва ё дар идораҳои оморӣ бақайдгирӣ мегузаронанд. Натиҷаҳоро ба ҷадвал ворид менамоянд (коркарди маълумотҳо). Сипас аз рӯйи формулаҳои математикӣ ҳисоб мекунанд (таҳлили миқдории маълумот). Натиҷаҳои тадқиқотро ба матн ва амсилаҳои графикӣ табдил медиҳанд. Минбаъд маълумот бо тафсири рақамӣ, далелу исботҳо маънидод карда мешавад, ки дар ҳисоботҳои таҷрибаомӯзии таълимӣ–саҳроӣ, корҳои курсӣ, рисолаҳои дипломӣ ва хатм инъикоси худро ёфта метавонад.

Дар раванди таҷрибаомӯзии таълимии саҳроӣ донишҷӯёни ихтисоси “экология”, “агроэкология” ва “география-биология”-и факултети геоэкология ва туризми ДДХ ба номи академик Бобоҷон Ғафуров ва ихтисосҳои география–биология, география–экологияи Донишкадаи омӯзгории Тоҷикистон дар шаҳри Панҷакент маълумоти мухтасар оид ба таркиб, қонуниятҳои ҷойгиршавӣ, хусусиятҳои асосии экологияи олами

растанӣ ва ҳайвонот, методҳои илмӣ–тадқиқотиро оид ба экологияи организмҳои маҳалли зисти хеш азхуд менамоянд. Ин барои бомуваффақият иҷро намудани барномаи таҷрибаомӯзӣ ва дар оянда гузаронидани корҳои тадқиқотӣ–КИТД дар ҷараёни корҳои мустақилона кӯмак мекунад.

***Бо ҳамин мақсад мо нақшаи иҷроиши яке аз корҳои амалии раванди таҷрибаомӯзиро мисол меоварем:***

*1. Таснифи шароити табиӣ-географии маҳал*

Мавқеи табиӣ–географии маҳалли таҷрибаомӯзиро тасниф кунед.

- мавқеи географӣ;
- иқлим;
- хок;
- наботот ва ҳайвонот;
- таъсири антропогенӣ.

***Омӯзиши гуногунсифати сенопопулятсияи организмҳои зинда дар хушкӣ***

1. Шароити муҳити зисти популятсияи интихобнамударо муайян кунед ва омилҳои ба он таъсиркунандаро тасниф диҳед. Масоҳати ишғолкардаи популятсияро қайд кунед.

2. Популятсияеро интихоб намуда муайян кунед, ки дар марзҳои гуногун миқдори онҳо чӣ гуна тағйир меёбад.

3. Зичии популятсияро дар марзи интихобкарда муайян намоед.

4. Организмҳои зиндаи марзи интихобшудаи маҳалли худро омӯхта типи паҳншавии фардҳоро дар фазо муайян кунед.

5. Популятсияи бештар паҳншударо интихоб карда ба 3 – давраи инкишоф (прегенеративӣ, генеративӣ, постгенеративӣ) баҳо диҳед. Фардҳои ба ин давраҳои инкишоф хосбударо ҷудо карда муайян кунед, ки популятсия дар кадом ҳолати инкишоф карор дорад.

6. Ба марзи тадқиқотӣ баҳои экологӣ диҳед.

***Омӯзиши аҳамияти экологии организмҳои зиндаи хок***

1. Ҷадвали “Микдори намояндагони гуруҳи асосии ҳайвоноти хокӣ дар майдони 1 метри мураббаъ”–ро аз назар гузаронед.

2. Ҷадвалро таҳлил намуда, дар асоси он хулосабарорӣ кунед.

3. Ба гурӯҳҳои асосии ҳайвоноти хокии марзи тадқиқшаванда вобаста ба намуди биотоп маълумот диҳед.

***Миқдори намояндагони гуруҳи асосии ҳайвоноти хокӣ дар майдони 1 метри мураббаъ***

***Ҷадвали 5.***

| № | Биотоп | Ҳашарот ва зочаҳои он | Кирми борон | Энхитренҳо | Пойдумон | Кана | Нематодҳо |
|---|---|---|---|---|---|---|---|
| 1 | Ҷангал | 3000 | 78 | 3500 | 40 000 | 80 000 | 6 млн |
| 2 | Марғзор | 4500 | 97 | 10 500 | 20 000 | 40 000 | 5 млн |
| 3 | Киштзор | 1000 | 41 | 2 000 | 10 000 | 10 000 | 4,5 млн |

1. Бо маълумотҳои ҷадвали “Тағйирёбии мавҷудияти микроорганизмҳо дар 1 грамм хоки хушк” шинос шуда, онро таҳлил намоед.

2. Дар асоси хулосаҳоятон дар мавзеи мушоҳидавӣ давоми мавсими сол нишондиҳандаҳо чӣ гуна тағйир меёбанд шарҳ дода, онро ба шароити муҳити атроф алоқаманд намоед.

***Тағйирёбии мавҷудияти микроорганизмҳо (млн) дар 1 грамм хоки хушк***

***Ҷадвали 6.***

| № | Шароит, организм | Баҳор | Тобистон | Тирамоҳ | Зимистон |
|---|---|---|---|---|---|
| **Бешаи заранг** | | | | | |
| 1. | Бактерияҳо | 58,4 | 40,5 | 23,5 | 55,1 |
| 2. | Актиномисетҳо | 4,8 | 2,8 | 2,2 | 2,7 |
| 3. | Замбуруғҳо | 0,45 | 0,28 | 0,25 | 0,43 |
| 4. | Намӣ, % | 41,4 | 29,1 | 25,9 | 36,4 |
| **Бешаи булут** | | | | | |
| 5. | Бактерияҳо | 27,4 | 13,2 | 13,4 | 40,1 |
| 6. | Актиномисетҳо | 3,8 | 2,3 | 1,6 | 1,2 |
| 7. | Замбуруғҳо | 0,43 | 0,29 | 0,49 | 0,65 |
| 8. | Намӣ, % | 39,7 | 29,9 | 31,4 | 31,3 |

***Омӯзиши таъсири ҳаракати ҳаво ба растаниҳо***

1. Дар маҳалли тадқиқотӣ бо истифодаи растаниҳои дарахтӣ самти шамолро дар мавсими сол муайян кунед.

2. Дар асоси самти расиши навдаҳо дар шохсори растании дарахтӣ ва шакли шохсор таъсири ҳаракати ҳаворо муайян кунед.

3. Дар растании мушоҳидашаванда таъсири шамол дар чӣ зоҳир шудааст, таҳлил кунед (шакли шохсор, рушди навдаҳо, барг ва ғ.)

4. Ҳодисаҳои хушкшавӣ, паканагӣ, хобиши растанӣ, деформатсияи тана ва шохсор, растаниҳои зери таъсири бод шикастаро шарҳ диҳед ва мавқеи шамолро дар он нишон диҳед.

5. Раванди анемофилия ва анемохорияро муайян намуда, онро тавзеҳ диҳед ва хусусиятҳои мутобиқ шудани растаниҳоро ба он муайян кунед.

***Муҳити зист - системаи ягонаи экосистемаҳо***

1. Марзҳои табиӣ ё обҳавзаи дар маҳалли зистатон мавҷуд будаpо интихоб намуда, ба хусусияти соҳил ва нишондиҳандаҳои органолептикии таҳшинии он тавсиф диҳед (лойқа, қум ва ғ.).

2. Гуруҳҳои экологии растаниҳои экосистемаи обиро муайян кунед.

3. Қабатнокии (яруснокии) растаниҳои обҳавзаро муайян кунед.

а) яруси I–растаниҳои дар рӯи об буда;

б) яруси II–растаниҳои қабатҳои болоии об;

в) яруси III–растаниҳои чуқурии об;

г) яруси IV–растанихои қадпасти наздик ба қаъри об;

д) яруси V–растаниҳои бентосӣ;

е) шакли ҳаёти организмҳоро дар ярусҳо ба инобат гирифта баҳои экобиоморфологӣ диҳед.

4. Таркиби намудии ҳайвонотҳои экосистемаи обро муайян кунед, аҳамияти онҳоро дар табиат ва хоҷагӣ тавзеҳ диҳед.

5. Ду намуди организмҳои дар экосистемаи об мавҷудбудаpо интихоб намуда мутобиқати онҳоро дар муҳити зист омӯзед. Муайян кунед, ки кадом омилҳои экологӣ барои инкишофи онҳо таъсир мерасонад.

6. Ба намудҳои муносибати организмҳо дар экосистемаи об (рақобат, симбиоз, муталистӣ ….) баҳо дихед.

7. Схемаи занҷири ғизоиро дар экосистемаи об тартиб диҳед.

8. Продутсентҳо, консументҳо ва редутсентҳои экосистемаи обро муайян кунед.

9. Исбот кунед, ки обҳавза экосистемаи табиӣ ё сунъӣ аст.

10. Чунин тарзи омӯзишро дар муҳитҳои гуногун дида бароед.

11. Нишондиҳандаҳои органолептикии обро муайян кунед.

***Минтақанокии макроэкосистема***

1. Оид ба минтақанокии макроэкосистема баҳои экологӣ дихед.

2. Яруснокиро дар макроэкосистема муайян карда, ба шаклҳои ҳаётии организмҳои зинда, гуруҳҳои экологӣ, таъсири фаъолияти инсон баҳо диҳед.

3. Растаниҳои марзи муайянро интихоб карда, сохти узвҳои сатҳизаминии онҳоро омӯзед.

4. Аз рӯи сохти морфологӣ объекти тадқиқотиро мутобиқи категорияи шаклҳои ҳаётӣ мувофики таснифоти И.Г. Серебряков тавсиф диҳед.

5. Муайян кунед, ки шаклҳои ҳаётии растаниҳо ба кадом шароити муҳит мутобиқ шудаанд.

6. Ба шаклҳои ҳаётии ҳашарот аз рӯи таснифоти В.В. Яхонотов маълумот дихед.

7. Муайян кунед, ки шаклҳои ҳаётии растаниҳо ба кадом шароит мутобиқ шудаанд.

8. Типи чаманзорро муайян карда, ба мавқеи ҷойгиршавии марзи он тавсиф диҳед (релеф ва омилҳои ба он таъсиркунанда).

9. Ба таркиби намудии организмҳои зинда баҳо дихед.

10. Муайян кунед, ки гуруҳҳои экологӣ вобаста ба муҳити зист ва хусусиятҳои хоси онҳо ҳаёт мебаранд. Масалан: гигрофит, гелофит, гигрофит, мезофит, ксерофит ва ғайра.

11. Ба ду намуди растанӣ ё ҳайвоноти маҳалли зисти худ баҳои биоморфологӣ диҳед.

12. Муносибатҳои экологиро дар ин экосистема муайян кунед.

13. Хусусияти мутобиқшавии рақобатро мувофиқи маълумоти С.А.Северсов муайян кунед.

14. Тарзи ҳаётгузаронии организмҳо ва намудҳои онҳо дар табиат:

ҳаёти алоҳида (ҷудогона), оилавӣ, тӯда, села, рамаро тавсиф диҳед.

15. Ба муносибати байнинамудӣ маълумот диҳед.

16. Муайян кунед, ки дар марзи тадқиқшаванда кадом намуди муносибати байнинамудӣ мушоҳида мешавад ва ин муносибатҳоро шарҳ дихед.

17. Шаклҳои ҳаётии растаниҳои маҳалли тадқиқотиро дар асоси таснифоти Раункиер муайян кунед. Бо гурӯҳҳои растаниҳо шанос шавед, хусусиятҳои хоси ҳар як гурӯҳро шарҳ диҳед. Намуди зоҳирии растаниҳоро бо хусусиятҳои биологии онҳо вобаста кунед.

Барои иҷрои вазифаи мазкур ба расми схемавии ин таснифот такя намоед.

***Омӯзиши омехташавии оптимумҳои экологӣ дар зери таъсири рақобатнокӣ***

1. Расми пешниҳодшударо оид ба “Маҳсулнокии хӯшадорони марғзорӣ вобаста ба хобиши обҳои зеризаминӣ” аз назар гузаронед.

2. Дар маҳалли тадқиқотӣ оптимуми физиологии кишти як намудии растаниро мушоҳида намуда, онро шарҳ диҳед.

3. Дар асоси мушоҳида дар кишти омехтаи намудҳо рақобати растаниҳо барои об чӣ гуна оқибат дорад, таҳлил ва хулосабарорӣ намоед.

4. Барои хулоса кардан аз расми пешниҳодшуда истифода баред.

***Омехташавии оптимумҳои рақобатнокӣ. Маҳсулнокии хӯшадорони марғзорӣ вобаста аз чуқурии хобиши обҳои зеризаминӣ***

5. Оид ба системаи решаи растаниҳо (тирреша ва патакреша) маълумот диҳед (аз расм истифода баред)

6. Аз байни растаниҳои мушоҳидашудаи маҳалли тадқиқотӣ растаниҳои тирреша ва патакреша доштаро ҷамъ намуда, қисмҳои решаро муайян намоед.

7. Дар асоси қоидаи гербариясозӣ аз намунаҳои мазкур гербария созед.

***Омӯзиши тағйирёбии ҳарорат ва таъсири он ба растанӣ***

1. Тағйирёбии ҳарорати қисмҳои растаниро вобаста ба давраҳои инкишофашон таҳлил намоед.

2. Шарҳ диҳед, ки барои чӣ вобаста ба давраҳои инкишофи растанӣ ва қисмҳои он фарқи ҳарорат ба назар мерасад.

3. Барои хулосабарорӣ ба расми зерин такя кунед.

## Тағйирёбии ҳарорати қисмҳои растанӣ

### *Омӯзиши ба ҳарорат устувории барги растанӣ*

1. Ҷадвали устувории баргҳоро нисбат ба ҳарорат аз назар гузаронед ва бо он шинос шавед.

2. Дар марзи тадқиқотӣ ду намуди растании мушоҳидавиро интихоб кунед, ки ҷои рушди онҳо гуногун бошад.

3. Барои намудҳои мушоҳидашудаи растанӣ ҳарорати пасттарин ва баланди зарароварро муайян кунед.

4. Хулосаи худро дар рӯзнома қайд кунед.

5. Ин дараҷаи устувории растанӣ ба ҳарорат бо ареали паҳншавии он чӣ гуна алоқамандӣ дорад, шарҳ диҳед.

**Ба ҳарорат устувории баргҳо (Лархер 1978)**

*Ҷадвали 7.*

| № | Растаниҳо | Ҳарорате, ки дар он зарарбинӣ оғоз мeёбад | |
|---|---|---|---|
| | | Паст | Баланд |
| 1 | Минтақаҳои наздисоҳилии дорои зимистони мулоим | - 6 - 15 | 50 – 55 |
| 2 | Дарахтон ва буттаҳои тобистонии сабз бо ареали васеъ | -20 - 40 | Наздик ба 50 |
| 3 | Алафӣ | - 10 – 20 | 40 – 52 |
| 4 | Сӯзанбарги ҳамешасабз | - 40 пасттар | 44 – 50 |
| 5 | Буттаҳои алпӣ | - 20 - 70 | 48 – 54 |
| 6 | Алафзори баландкӯҳ ва Арктика | - 30 - 196 | 44 – 54 |

### *Омӯзиши равшанӣ ва вазифаҳои ҳаётии растанӣ*

1. Фардҳои ду намуди растаниро интихоб кунед, ки мавқеи рушди онҳо вобаста ба дараҷаи равшаннокӣ фарқ кунад.

2. Дар фардҳои гуногуни намуди растаниҳо равандҳои зеринро мушоҳида намуда, мухтасар тавсиф диҳед.

а) таъсири равшанӣ ба репродуктсия.

б) таъсири равшанӣ ба самти расиши растанӣ.

в) таъсири равшанӣ ба раванди ташаккулёбии узвҳои генеративӣ.

3. Гуруҳҳои экологии растаниҳоро вобаста ба омили равшанӣ: гелиофитҳо ва стасиофитҳо тавсиф дода, хусусиятҳои хоси онҳоро шарҳ диҳед.

***Омӯзиши хусусияти барг ҳамчун системаи оптикӣ***

1. Бо ҷадвали "Нури равшаниро фурӯ бурдани барги растаниҳо ба ҳисоби фоиз аз нури умумӣ"–шинос шавед.

2. Дар намуди растаниии мушоҳидашаванда хусусияти баргро ҳамчун системаи оптикӣ шарҳ диҳед.

3. Мавқеи хусусияти оптикии баргро дар рушди растании мушоҳидашаванда арзёбӣ намоед.

4. Хулосаи худро дар рӯзнома қайд кунед.

***Нури равшаниро фурӯ бурдани барги растаниҳо дар ҳудуди 400-720 нм, ба ҳисоби фоиз (%) аз нури умумӣ***

***Ҷадвали 8.***

| **Растаниҳо ва шароити зисти онҳо** | **Гузаронандагӣ** | **Инъикоскунӣ** | **Фурӯбарӣ** |
|---|---|---|---|
| *Алафӣ:* | | | |
| Дар ҷойҳои кушод | 10,8 | 11,0 | 78,2 |
| Дар паноҳи ҷангал | 13,5 | 10,0 | 76,0 |
| *Дарахт ва буттаҳо:* | | | |
| Дар ҷойҳои кушод | 8,0 | 11,5 | 80,5 |
| Дар паноҳи ҷангал | 10,0 | 12,5 | 77,5 |
| *Растаниҳои обӣ:* | | | |
| *Баргҳо дар болои об:* | | | |
| Шинокунанда | 8,2 | 11,9 | 79,9 |
| Зериобӣ | 8,6 | 12,6 | 78,8 |
| Мезофитҳо | 21,2 | 12,4 | 66,4 |
| Ксерофитҳо | 12,0 | 10,0 | 78,0 |
| Суккулентҳо | 8,0 | 11,0 | 81,0 |

***Мушоҳидаи ҷойгиршавии барг дар навдаи болиғ***

1. Дар растаниҳои дарахтӣ ва алафии мушоҳидашуда қонунияти асосии ҷойгиршавии барг (эквидистантнокӣ)-ро муайян кунед.

2. Дар ҳолати мушоҳида шудани саҳфаи барг аҳамияти экологии онро шарҳ диҳед.

***Муайян намудани сохти морфологии растаниҳои мушоҳидашуда***

Шаклҳои саҳфаи барг ва рангдоршавии растаниҳои мушоҳидавиро муайян кунед. Дар ин раванд аз расми пешниҳодшуда ва растаниҳои зимни таҷрибаомӯзӣ гирд овардашуда истифода бурда мешавад.

***Омӯзиши дараҷаи чангнокии ҳаво ва тавсифи он***

1. На кам аз ду нуқтаи мушоҳидаро интихоб кунед (бо ҳаракати кам ва ҳаракати бештари нақлиёт), ки дар он ҳар сол омӯзиши ҷараёни нақлиёти автомобилӣ гузаронида мешавад.

2. Муайянкуниро дар ҳамон як мӯҳлат гузаронед: мушоҳидаҳои ҳаррӯза аз соати 14 то 15 дар давраҳои гуногун.

3. Дар ҷадвал нишондиҳандаи миёнаи суръатнокии ҷараёни нақлиётро дар давраи мушоҳида қайд кунед.

4. Дараҷаи чангнокии ҳаворо аз таъсири нақлиёт муайян кунед.

***Фаъолияти инсон ва таъсири он ба табиат***

1. Оқибатҳои таъсири фаъолияти инсон: обёрӣ, хушконидани ботлоқ, обхезиро ҳамчун омили несту нобудкунандаи растаниҳо тавсиф диҳед.

2. Ин намудҳои фаъолият барои нобуд шудани наботот чӣ гуна мавқеъ дорад таҳлил намуда, хулосаи худро ба дафтар қайд намоед.

3. Фаъолиятҳои зерин, мақсад, моҳият ва оқибати экологии онро ба наботот таҳлил кунед:

а) бойгардонии флора;

б) ихтисори ареалҳо

4. Таъсири заминкобӣ, партовҷойҳо ва қитъаҳои вайроншудаи замин, сохтани агрофитосенозҳои сунъиро ба пӯшиши растанӣ тавсиф диҳед.

5. Оқибати экологии онро ба муҳит ва пӯшиши растанигӣ шарҳ диҳед.

6. Инсон бевосита бо шудгор намудани замин, буридани беша, чаронидани чорвои хонагӣ, дарави алаф дар чарогоҳҳо ба растаниҳо таъсир мекунад. Ин фаъолиятҳо ба растаниҳо чӣ гуна оқибати экологӣ дорад, шарҳ диҳед.

7. Исбот кунед, ки фаъолияти инсон ба гомогенизатсияи системаи биосферӣ меоварад.

8. Чорабиниҳои барқарор намудани ҳолати табииро ҳамчун мутахассиси оянда пешниҳод кунед.

Яке аз корҳои амалии раванди таҷрибаомӯзиро мавриди омӯзиш қарор дода, андешаамонро чунин баён медорем, ки раванди таҷрибаомӯзӣ, ки бевосита дар муҳити табиӣ зимни омӯзиши олами растаниву ҳайвонот, пӯшиши хокӣ, захираҳои обӣ мегузарад, дорои имкониятҳои фарох буда, нисбат ба аудиторияи таълимӣ барои дарсҳои таҳқиқотӣ бештар мувофиқ аст, зеро объекти аслии табиӣ барои гузаронидани таҳқиқотҳои воқеӣ қулай мебошад. Муҳассиллин имкон пайдо намуданд, ки худашон мустақилона муҳит ё объекти табииро таҳқиқ намоянд ва дар охири таҷрибаомӯзӣ хулосаи зарурӣ бароранд. Ин худ аз ҳосил шудани донишҳои нав шаҳодат медиҳад.

Аз раванди иҷрои кори амалии дар боло зикршуда бармеояд, ки ҳар як объекти табиӣ аз намуди зоҳирӣ, таркиб, хусусиятҳои физикавию химиявӣ таҳлил ва ташхис карда шуд. Методи таҳқиқотӣ имкон дод, ки бо сарчашмаҳои воқеӣ: ҷинси кӯҳӣ, минерал, хок, об, растанӣ, ҳайвонот ва ғайра самаранок кор карда шавад, ҳамзамон алоқамандии сабаб ва натиҷа муайян гардад. Методи таҳқиқотӣ зимни истифодабарии асбобҳои дақиқи картографӣ, обуҳавосанҷӣ, гузаронидани бурриши тектоникӣ самараи хуб дод.

Методи проблемавӣ ин гузоштани вазифа ва ё масъалаи маърифатӣ вобаста ба ҳодисаҳои табиат мебошад, ки зуд ва бо тарзи оддӣ ҳалли он номумкин аст. Донишҷӯ ин ё он далелро маънидод карда наметавонист, вале дар ин маврид таҷрибаомӯзии таълимии саҳроӣ ва комплексӣ ҷиҳати ноил шудан ба ин мақсад ва ҷустуҷӯи роҳи ҳалли вазъи проблемавӣ кӯмак

расонид.

Дар доираи методи проблемавӣ донишҷӯён аз наздик бо шароитҳои географии кишвар ошно гардиданд, ба минтақаҳои табиӣ–географӣ, иқтисодӣ–географӣ ташриф оварданд. Шароитҳои табиӣ–географии танҳо вилояти Суғдро таҳқиқ намуда, проблемаи гузошташударо ҳал кардан номумкин аст, зеро Тоҷикистон вобаста ба кишвари кӯҳсор буданаш табиати гуногун дорад. Методи проблемавӣ ба донишҷӯён имкон дод, ки мустақилона дар фаъолияти маърифатии худ вазифаҳоро мураттаб созанд, ба нақша гиранд, роҳи самараноки ҳалли онҳоро дарёфт ва алоқамандии сабабу оқибати ҳодисаҳоро муайян намоянд.

Дар таҳқиқоти мо истифодаи намудҳои зерини методи проблемавӣ ба назар расид: эҷодиёти илмӣ (ҷустуҷӯ ва ҳалли масъалаҳои назариявӣ вобаста ба дарки муҳтавои ҳодиса, объекти табиӣ ва ё иқтисодӣ), эҷодиёти амалӣ (ҷустуҷӯ ва ҳалли масъалаҳои амалӣ, ки ба самти фаъолияти аҳамияти иқтисодиву иҷтимоидошта нигаронидашуда), эҷодиёти графикӣ (дар асоси объектҳои маҳал тарҳрезӣ намудани нақшаи маҳал, харитаи географии он). Эҷодиёти илмӣ бештар зимни коркарди маълумотҳои камералӣ (муаррифӣ, навиштани ҳисобот), эҷодиёти амалӣ зимни кор бо асбобҳои картографӣ ва обуҳавосанҷӣ (дар баландиву теппа, доманакӯҳу кӯҳҳо, чашмаву рӯдҳо), эҷодиёти графикӣ дар мураттабсозии нақша ва ё харитаи маҳал, моделиронии географӣ зоҳир гардиданд.

Методи эвристикӣ ё худ методи ҷустуҷӯӣ ба методи таҳқиқотӣ наздик буда, дар навбати худ омодабошии ҷиддӣ ва асоснокро талаб намуд ва дар фаъолияти ҷустуҷӯӣ, эҷодии азхудкунии  ҷузъӣ, зинавии дониш ва тарзи фаъолият зоҳир гардид. Муҳим он аст, ки аз гузориши мунтазами проблема, мураттабсозии зиддиятҳо таркиб ёфта, ҷустуҷӯи фаъоли ҳалли масъала, худнамоии эҷодии максималии донишҷӯ эҳсос гардид. Методи эвристикӣ ба донишҷӯён имкон дод, ки мустақилона мақсадҳоро ба нақша гиранд, роҳи ҳалли масъалаҳоро интихоб кунанд, ба фаъолияти худ баҳогузорӣ намоянд, аз имкониятҳои таҷрибаомӯзии таълимии саҳроӣ ва комплексӣ истифода

баранд, ки ҳамаи он дар маҷмуъ ба рушди ҳавасмандӣ ҷиҳати азхудкунии географияи кишвар мусоидат намуд.

Методи эвристикӣ зимни муайян намудани намуду оилаи растаниҳо, ҷинсҳои кӯҳӣ, минералҳо, таснифоти онҳо айён гардид ва ба донишҷӯён имконият дод, ки ба таври эвристикӣ фаъолият намоянд. Дар ин самт таҳқиқи мустақилонаи растаниҳо, ҳашаротҳо, минералҳо ва ё ҷинсҳои кӯҳии зимни таҷрибаомӯзии саҳроӣ дарёфтшуда мисол шуда метавонад.

Методи муколама дар таҷрибаомӯзии таълимии саҳроӣ ва комплексии муосир мавриди истифода қарор гирифт ва дар он зоҳир гардид, ки вазифаву масъалаҳоро тавре гузоштан лозим буд, то ки ҳар як андешаи навбатӣ аз гузашта бараояд ва идома ёбад. Донишҷӯён ба гуруҳҳо тақсим шуда, ҳар як гуруҳ бояд нуқтаи назари худро оид ба ин ё он ҳодисаи табиӣ мураттаб карданд ва онро муаррифӣ намуданд. Ин метод ба рушди коммуникативии донишҷӯён, банақшагирӣ ва банизомдарории фаъолияти онҳо мусоидат кард, боназардошти андешаҳои тарафайн ва дар асоси созишкорӣ барои нуқтаи назари худро нисбат ба ин ё он проблема изҳор намуданашон имконият фароҳам овард.

Методи рушди тафаккури интиқодӣ имкон дод, ки донишҷӯён ба ҳар гуна тасдиқот бо назари танқидӣ муносибат намоянд. Баробари он нисбати ҳар як ғояи нав омода ва кушода буданд, ки дар ташаккули арзишҳои ватандӯстиву кишваршиносии донишҷӯён нақши муассир гузошт. Қобили қабул аст, ки методи мазкур аз се давра иборат аст: ташкилӣ, дарккунӣ ва андешаронӣ, ки бо механизми ташаккули майл (ҷустуҷӯ, баҳодиҳӣ, интихоб, лоиҳабандӣ) муқоиса карда шуд.

Дар давраи ташкилӣ донишҳои кишваршиносии географӣ, биологӣ ва экологии донишҷӯён, тасаввурот дар бораи табиати Ватани азиз, мамлакат мубрам гардонида шуд, зеро завқи шахсӣ дар муносибати арзишнок нисбати табиати Ватан ташаккул ёбад.

Дар давраи дарккунӣ донишҷӯ дар асоси объекти табиӣ бо ҳодисаҳои табиӣ алоқамандиро пайдо намуд, маълумоти навро бо донишҳои худ

муқоиса кард, мавқеи худ ва муносибати арзишнокро нисбат ба проблемаи гузошташуда муайян сохт.

Давраи андешаронӣ (рефлексия) дар азхудкунӣ ва мустаҳкамгардонии донишҳо оид ба табиати диёр, ташаккули арзишҳои ватандӯстӣ зоҳир гардид.

Мавриди зикр аст, ки дар татбиқи таҷрибаомӯзии таълимии саҳроӣ методҳои проблемавӣ, эвристикӣ, таҳқиқотӣ, муколама, рушди тафаккури интиқодӣ дар алоҳидагӣ кам дучор мешаванд. Таҷрибаҳо нишон медиҳанд, ки дар бештари маврид зимни таҷрибаомӯзии таълимии саҳроӣ бо мақсади ташаккули босамари донишҳои кишваршиносӣ якчанд методҳоро дар ҳамбастагӣ истифода мебаранд.

**Амсилаи сохторӣ – вазифавии ташаккули арзишҳои ватандӯстӣ дар донишҷӯёни муассисаҳои таҳсилоти олӣ**

**Мақсад:** Ташаккул додани майл ба арзишҳои ватандӯстӣ дар донишҷӯёни муассисаҳои таҳсилоти олӣ

**Принсипҳо:** аксиологӣ, фардӣ, рефлексивӣ, лоиҳавӣ, фаъолнокии эҷодӣ

**Муносибат:** фаъолиятнокӣ

**Давраҳо:** азхудкунӣ, дигаргунсозӣ, лоиҳакашӣ

**Механизмҳо:** ҷустуҷӯ, баҳодиҳӣ, интихоб, лоиҳа

**Имкониятҳои педагогии таҷрибаомӯзиҳои таълимии саҳроӣ ва комплексӣ**

**Методҳо:** проблемавӣ, эвристикӣ, таҳқиқотӣ, муколама, рушди тафаккури интиқодӣ

**Захираҳо:** аксиологӣ, маърифатӣ, иҷтимоикунанда, иттилоотӣ–муҳтавоӣ, эҷодӣ–арзишӣ, ташкилӣ–вазифавӣ

**Шартҳои педагогӣ:** амалигардонии имкониятҳои педагогии таҷрибаомӯзии таълимӣ–саҳроӣ дар якҷоягӣ бо иқтидору захираҳои он;

Майлу рағбати донишҷӯён ба ватандӯстӣ ҳамчун арзиш давра ба давра ва бо махсусиятҳои механизми якҷояи арзишҳо амалӣ карда мешавад.

**Меъёрҳо:** маърифатӣ, эҳсосотӣ, фаъолнокӣ

**Натиҷа:** майлу рағбати донишҷӯён ба арзишҳои ватандӯстӣ

Коркард ва мураттабсозии амсилаи ташаккули майл ба арзишҳои ватандӯстӣ дар донишҷӯён тавассути таҷрибаомӯзиҳои таълимии саҳроӣ ва комплексӣ тақозо менамояд, ки мақсад мушаххас гардонида шуда, фаъолияти муайяни педагогӣ барои ноил шудан ба натиҷаи самарабахш равона карда шавад.

Ҷузъи мақсадноки амсила (модел)-и сохторӣ–вазифавӣ мақсади меҳварии таҳқиқот–ташаккули майл ба арзишҳои ватандӯстиро инъикос намуда, мақоми идоракунӣ дорад ва омили муайянкунандаи ҷузъҳои мундариҷавӣ ва натиҷавӣ, муайянкунандаи алоқамандии байниҳамдигарии онҳо маҳсуб меёбад.

Ҷузъи мақсадноки амсила (модел)-и сохторӣ–вазифавии ташаккули майл ба арзишҳои ватандӯстӣ дар вазифаҳои зерин мушаххас гардонида мешаванд:

- васеъ гардонидани донишҳои кишваршиносӣ, мушаххасгардонии тасаввурот оид ба моҳият ва ҷузъиёти арзишҳои ватандӯстӣ, пешниҳоди вариантҳои ояндаи шахсият ва касбияти бо тақдири Ватан пайваст;
- инкишофи муносибатҳои арзишманд нисбат ба Ватан, ки фаъолнокии мавқеи ҳаётӣ, сатҳи ватанпарастӣ, дарки мусбӣ ва эҳсосоти баланд, эҳтиром нисбат ба табиати кишвар ва боигариҳои он;
- ворид намудан ба фаъолияти фоиданоки ҷамъиятӣ, аҳамияти иҷтимоидошта, бойгардонии таҷрибаи фаъолияти созанда нисбат ба Ватан, табиати зебоманзари он.

**Мақсад:** Ташаккули майл ба арзишҳои ватандӯстӣ




**Давраҳо**: азхудкунӣ – дигаргунсозӣ – лоиҳакашӣ

**Имконияҳои педагогии таҷрибаомӯзии таълимӣ**

| **Методҳо** | **Захираҳо** | **Меъёрҳо** |
|---|---|---|
| -проблемавӣ;<br>-эвристикӣ;<br>-таҳқиқотӣ;<br>-муколама;<br>-рушди тафаккури интиқодӣ | -аксиологӣ;<br>-маърифатӣ;<br>-иҷтимоикунонӣ;<br>-иттилоотӣ–муҳтавоӣ;<br>-эҷодӣ–арзишӣ;<br>-ташкилӣ–вазифавӣ | -маърифатӣ;<br>-эҳсосотӣ;<br>-фаъолнокӣ |

**Шартҳои педагогӣ:** амалигардонии имкониятҳои педагогии таҷрибаомӯзии таълимӣ дар якҷоягӣ бо иқтидору захираҳои он

**Натиҷа:** майлу рағбати донишҷӯён ба арзишҳои ватандӯстӣ

Расми1. **Амсилаи сохторӣ–вазифавии ташаккули арзишҳои ватандӯстӣ дар донишҷӯён**

Коркарди амсилаи сохторӣ–вазифавии ташаккули арзишҳои ватандӯстӣ дар донишҷӯён дар асоси муносибати фаъол (Л.С.Виготский, С.Л.Рубинштейн), ки шакли гуногуни ташкили таҷрибаомӯзиро мутобиқ ба хусусиятҳои донишҷӯёни муосир тарҳрезӣ шудааст. Дар амсила (модел)-и коркардшуда муносибати фаъол дар асоси принсипҳои аксиологӣ, фардият, рефлексивӣ, фаъолнокии эҷодӣ муваффақ гардиданро ба мақсади таҳқиқот таъмин менамояд.

*Принсипҳои аксиологӣ* бо дарки ҷузъҳои арзишҳои ватандӯстӣ, амиқгардонии аҳамияти он барои донишҷӯ тавсиф меёбад, ҷаҳонбинии устувор ва системаи арзишҳои ташаккулёфтаро тақозо менамояд.

Қоидаҳое, ки аз принсипи мазкур бармеоянд:

- ташаккули донишҳои ба шахсият нигаронидашуда, ки ба таҷрибаи донишҷӯён ва объектҳои табиӣ такя менамояд;
- интихоби таҷрибаомӯзии таълимии саҳроӣ ва комплексӣ, ки ҷиҳати ташаккули муносибати эҳтиромона ба Ватан шароит фароҳам меоварад;
- таъмини фаъолияти ҳамбаста бо ёдгориҳо ва объектҳои муҳими географӣ.

*Принсипи фардикунонӣ* талабот, имконот ва қобилияти ҳар як донишҷӯро ба инобат мегирад.

Қоидаҳое, ки аз принсипи мазкур бармеоянд:

- интихоби таҷрибаомӯзии таълимии саҳроӣ ва комплексӣ боназардошти имкониятҳои таълимии муҳассиллин;
- мувофиқгардонии мундариҷаи фаъолияти берун аз аудиторӣ вобаста ба завқи маърифатии донишҷӯён;
- фароҳам овардани шароитҳо барои худнамоии эҷодӣ ва рушди фардии ҳар як донишҷӯ.

*Принсипи рефлексивнокӣ* аз донишҷӯи муосир қобилияти худбаҳодиҳиро талаб менамояд ва ба қабули қарорҳои беҳтарин ва интихоби роҳи дурусти ҳаётӣ талқин менамояд. Қоидаҳои бо принсипи рефлексивнокӣ алоқаманд инҳоанд:

- ҷустуҷӯи мустақилона, аз ҷониби донишҷӯ ҳаллу фасл карда тавонистани мушкилоти географӣ ва экологӣ, такя ба таҷрибаи устодон, ки барои дар ҷаҳони муосир раҳгум нагардидан имконият фароҳам меоварад ва ҳақиқатро дарёфт намуда тавонистан;
- дарки рефлексивии мавқеи географии кишвар, шароитҳои табиии он, ки зимни иштирок дар таҷрибаомӯзии таълимии саҳроӣ ва комплекӣ таъмин мегардад;
- истифодаи диагностикаи рефлексивӣ.

Принсипи лоиҳанокӣ бошад, муносибати навро аз донишҷӯ талаб менамояд: кӯшиш ба оянда, созмон додани дурнамои ҳаётӣ ва лоиҳабандии фаъолияти касбии оянда, ки бо тақдири Ватани азиз алоқаманд аст. Чуноне ки дар Паёми солонаи Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон «Дар бораи самтҳои асосии сиёсати дохилӣ ва хориҷии ҷумҳурӣ» (21.12.2021) омадааст: “...захираҳои бузурги ашёи хоми ватанӣ имкон медиҳанд, ки тавассути коркарди пурраи маъдан, аз ҷумла металлҳои рангаву қиматбаҳо, инчунин, коркарди маҳсулоти кишоварзӣ ва растаниҳои шифобахш, соҳаҳои саноати металлургия, сабуку хӯрокворӣ ва дорусозӣ рушд намуда, дар натиҷа ҳаҷми истеҳсоли маҳсулоти содиротӣ ва ивазкунандаи воридот афзоиш ёбад ва саноатикунонии босуръати мамлакат таъмин карда шавад”. Тахассуси донишҷӯёни мавриди таҳқиқ қароргирифта аз ҷумла агроэкология, биология, биология ва химия ба ҳар як донишҷӯи ба нангу номус, ватандӯсту ватанпарвар, ки нисбат ба тақдируояндаи ватанаш бетараф нест, имкон фароҳам меоварад, ки дар татбиқи ин ҳадафи стратегии кишвар саҳмгузор бошад.

Қоидаҳое, ки аз принсипи мазкур бармеоянд:

- ташаккули ҳавасмандӣ ба рафтори мусбӣ нисбат ба Ватан бо роҳи воридсозии донишҷӯён ба фаъолияти аҳамияти иҷтимоидошта (аксияҳои экологӣ);
- интихоби таҷрибаомӯзии таълимӣ–саҳроӣ ба объектҳои муҳими географӣ, ёдгориҳои табииву таърихӣ, иншоотҳои тақдирсоз.

*Принсипи фаъолнокии эҷодӣ* мавқеи фаъоли ҳаётии донишҷӯро нисбат ба Ватан, кӯшиш ба ҷустуҷӯи мустақилонаи ҳалли мушкилот, зоҳир намудани завқи донишандӯзиро инъикос менамояд.

Қоидаҳое, ки аз принсипи мазкур бармеоянд:

- ташкил ва нигоҳдории муҳити эҷодӣ дар фаъолияти таълимӣ ва берун аз он;
- фароҳам овардани шароит барои фаъолияти эҷодӣ, ҷустуҷӯйӣ ва таҳқиқотӣ барои донишҷӯён;
- бедор намудани завқи иштирок дар фаъолияти аҳамияти иҷтимоидошта, мураттабсозии лоиҳаҳои илмӣ–эҷодӣ, ихтироъкориву инноватсия вобаста ба ҳифзи муҳити зист, беҳтар намудани вазъи экологии шаҳру деҳот, ҳалли мушкилоти иҷтимоӣ–иқтисодӣ ва сиёсии кишвар.

Дар таҳқиқоти мо захираҳои зерини имкониятҳои педагогии таҷриба-омӯзии таълимии саҳроӣ ва комплексӣ, ки ташаккули майли донишҷӯёнро ба ватандӯстӣ ҳамчун арзиш муайян менамоянд, мавриди баррасӣ қарор гирифтанд:

- аксиологӣ (интиқоли арзишҳо ва таҷрибаи омӯзиши таърихи таҳаввули табиат, ки дар объектҳои табиӣ инъикос гардидаанд, воқеӣ, аслӣ ва дастрасии сарчашмаҳо);
- маърифатӣ (азхудкунии донишҳо бо такя ба манбаъҳо, таъсири эҳсосноки ҳодисаву объектҳои табиӣ, дарки баланд, иттиллоънокӣ, дастрасӣ, озод будан, хусусияти ғайриоддӣ доштани раванди таълим, ҳавасмандӣ дар ҷустуҷӯи донишҳои нав ва фаъолияти эҷодӣ);
- иҷтимоикунанда (такя ба талаботҳои экологии замон, ҷанбаи шахсии қабули раванди таҳаввули табиат, инъикоси таъсири техногенӣ ба табиат ва ҳудудҳои минтақа);
- иттилоотӣ–муҳтавоӣ (инъикоси стандарти давлатии таҳсилоти олии касбӣ дар таҷрибаомӯзиҳои таълимии саҳроӣ ва комплексӣ, ҳамгироии байнифаннӣ ва гуногуннамудии раванди таълим дар таҷрибаомӯзӣ);
- эҷодӣ–арзишӣ (таъсири субъективию объективии муассисаи таълимӣ

ва минтақаи таҷрибаомӯзӣ, масъулони ҳудудҳои табиии ҳифзшаванда, минтақаҳои таҷрибавӣ–таълимӣ, раёсати ҳифзи муҳити зист, барномасозии ҳамҷояи манфиатнок,);

- ташкилӣ–вазифавӣ (кадрӣ, фазогӣ–объектӣ, таъмини моддӣ–техникии таҷрибаомӯзиҳои таълимии саҳроӣ ва комплексӣ)

Захираҳои номбаршуда имкониятҳои вогузоршударо инъикос менамоянд: аксиологӣ (талабот нисбат ба алоқамандӣ бо арзишҳои табиӣ–иқтисодӣ); маърифатӣ (донишандӯзӣ оид ба табиати Ватани азиз дар заминаи сарчашмаҳои табиӣ); иҷтимоикунонӣ (тариқи харитаи географӣ, ки мавқеи географӣ, зичии аҳолӣ, марказҳои саноатиро инъикос намуда, барои дар ҷаҳони имрӯза мавқеи худро муайян намудани донишҷӯ шароит фароҳам меорад); иттилоотӣ–муҳтавоӣ (гуногуннамудии интихоб дар шакли таҷрибаомӯзӣ); эҷодӣ–арзишӣ (таъсири эҷодии байниҳамдигарии муассисаи таълимӣ ва минтақаи таҷрибаомӯзӣ, масъулони ҳудудҳои табиии ҳифзшаванда); ташкилӣ–вазифавӣ (фазогӣ–объектӣ ва таъмини моддӣ–техникии таҷрибаомӯзиҳои таълимии саҳроӣ ва комплексӣ).

Муносибати фаъол дар амсилаи сохторӣ–вазифавии ташаккули майли донишҷӯён ба ватандӯстӣ ҳамчун арзиш тавассути таҷрибаомӯзии таълимии саҳроӣ ва комплексӣ истифодаи методҳои зеринро тақозо менамояд: проблемавӣ, ҷустуҷӯйӣ, таҳқиқотӣ, муколама ва рушди тафаккури интиқодӣ.

Методи таҳқиқотӣ яке аз методҳои маъмул маҳсуб ёфта, созмон додани шакли таҳқиқотии раванди таълимро дар ҷараёни таҷрибаомӯзиҳои таълимии саҳроӣ ва комплексӣ пешбинӣ менамояд ва хусусияташ дар он аст, ки дар рафти ҳалли як мушкилот доимо мушкилотҳои нав ба миён меоянд [20,22].

Раванди таълим дар муҳити табиӣ зимни таҷрибаомӯзиҳои таълимии саҳроӣ ва комплексӣ дорои имкониятҳои фарох буда, нисбат ба аудиторияи таълимӣ барои дарсҳои таҳқиқотӣ бештар мувофиқ аст, зеро объекти аслии табиӣ барои гузаронидани таҳқиқотҳои воқеӣ қулай аст. Муҳассиллин имкон пайдо менамоянд, ки худашон мустақилона муҳит ё объекти табииро

таҳқиқ намоянд ва дар охири таҷрибаомӯзӣ хулосаи зарурӣ бароранд. Ин худ аз ҳосил шудани донишҳои нав шаҳодат медиҳад [I49].

Ҳар як объекти табиӣ аз намуди зоҳирӣ, таркиб, хусусиятҳои физикавию химиявӣ таҳлил ва ташхис карда мешавад. Методи таҳқиқотӣ имкон медиҳад, ки бо сарчашмаҳои воқеӣ: ҷинси кӯҳӣ, минерал, хок, об, растанӣ, ҳайвонот ва ғайра самаранок кор карда шавад, ҳамзамон алоқамандии сабаб ва натиҷаро муайян намоянд. Методи таҳқиқотӣ зимни истифодабарии асбобҳои дақиқи картографӣ, геодезӣ, обуҳавосанҷӣ, гузаронидани бурриши тектоникӣ самараи хуб медиҳад.

Методи проблемавӣ ин гузоштани вазифа ва ё масъалаи маърифатӣ вобаста ба арзишҳои ватандӯстӣ мебошад, ки зуд ва бо тарзи оддӣ ҳалли он номумкин аст. Донишҷӯ ин ё он далелро маънидод карда наметавонад, вале дар ин маврид таҷрибаомӯзии таълимии саҳроӣ ва комплексӣ ҷиҳати ноил шудан ба ин мақсад ва ҷустуҷӯи роҳи ҳалли вазъи проблемавӣ метавонад кӯмак расонад.

Дар доираи методи проблемавӣ донишҷӯён аз наздик бо шароитҳои географии кишвар ошно мегарданд, ба минтақаҳои табиӣ–географӣ ва иқтисодӣ–географӣ ташриф меоваранд. Шароитҳои табиӣ–географии танҳо вилояти Суғдро таҳқиқ намуда, проблемаи гузошташударо ҳал кардан номумкин аст, зеро Тоҷикистон вобаста ба кишвари кӯҳсор буданаш табиати гуногун дорад. Методи проблемавӣ ба донишҷӯён имкон медиҳад, ки мустақилона дар фаъолияти маърифатии худ вазифаҳоро мураттаб созанд, ба нақша гиранд, роҳи самараноки ҳалли онҳоро дарёфт ва алоқамандии сабабу оқибати ҳодисаҳоро муайян намоянд.

Дар таҳқиқоти мо намудҳои зерини методи проблемавӣ фарқ карда мешаванд: эҷодиёти илмӣ (ҷустуҷӯ ва ҳалли масъалаҳои назариявӣ вобаста ба дарки муҳтавои арзишҳои ватандӯстӣ), эҷодиёти амалӣ (ҷустуҷӯ ва ҳалли масъалаҳои амалӣ, ки ба самти фаъолияти аҳамияти иҷтимоидошта нисбат ба Ватан нигаронида шудааст), эҷодиёти графикӣ (дар асоси объектҳои маҳал тарҳрезӣ намудани нақшаи маҳал, харитаи географии он). Эҷодиёти

илмӣ бештар зимни коркарди маълумотҳои камералӣ (муаррифӣ, навиштани ҳисобот), эҷодиёти амалӣ зимни кор бо асбобҳои картографӣ ва обуҳавосанҷӣ (дар баландиву теппа, доманакӯҳу кӯҳҳо, чашмаву рӯдҳо), эҷодиёти графикӣ дар мураттабсозии нақша ва ё харитаи маҳал, моделиронии географӣ зоҳир мешавад.

Методи ҷустуҷӯйӣ ба методи таҳқиқотӣ наздик буда, дар навбати худ омодабошии ҷиддӣ ва асоснокро талаб менамояд ва дар фаъолияти ҷустуҷӯйӣ, эҷодии азхудкунии ҷузъӣ, зинавии дониш ва тарзи фаъолият зоҳир мегардад. Муҳим он аст, ки аз гузориши мунтазами проблема, мураттабсозии зиддиятҳо таркиб ёфта, ҷустуҷӯи фаъоли ҳалли масъала, худнамоии эҷодии максималии донишҷӯ эҳсос гардад. Методи эвристикӣ ба донишҷӯён имкон медиҳад, ки мустақилона мақсадҳоро ба нақша гиранд, роҳи ҳалли масъалаҳоро интихоб кунанд, ба фаъолияти худ баҳогузорӣ намоянд, аз имкониятҳои таҷрибаомӯзии таълимии саҳроӣ ва комплексӣ истифода баранд, ки ҳамаи он дар маҷмуъ ба рушди ҳавасмандӣ ҷиҳати азхудкунии географияи кишвар мусоидат менамояд.

Методи ҷустуҷӯйӣ зимни муайян намудани ҷинсҳои кӯҳӣ, минералҳо таснифоти онҳо айён мегардад ва ба донишҷӯён имконият медиҳад, ки ба таври эвристикӣ фаъолият намоянд. Масалан, таҳқиқи мустақилонаи минералҳо ва ё ҷинсҳои кӯҳии зимни таҷрибаомӯзии саҳроӣ дарёфтшуда.

Методи муколама дар таҷрибаомӯзии таълимии саҳроӣ ва комплексии муосир мавриди истифода қарор гирифтааст ва дар он зоҳир мешавад, ки вазифаву масъалаҳоро тавре гузоштан лозим аст, то ки ҳар як андешаи навбатӣ аз гузашта барояд ва идома ёбад. Донишҷӯён ба гуруҳҳо тақсим шуда, ҳар як гуруҳ бояд нуқтаи назари худро оид ба ин ё он ҳодисаи географӣ мураттаб кунанд ва онро муаррифӣ намоянд. Ин метод ба рушди коммуникативии донишҷӯён, банақшагирӣ ва банизомдарории фаъолияти онҳо мусоидат мекунад, боназардошти андешаҳои тарафайн ва дар асоси созишкорӣ нуқтаи назари худро нисбат ба ин ё он проблема изҳор намуданашон имконият медиҳад.

Методи рушди тафаккури интиқодӣ имкон медиҳад, ки ба ҳар гуна тасдиқот бо назари танқидӣ муносибат намоянд. Баробари он нисбати ҳар як ғояи нав омода ва кушода бошанд, ки дар ташаккули арзишҳои ватандӯстии донишҷӯён нақши муассир дорад. Қобили қабул аст, ки методи мазкур аз се давра иборат аст: даъват, дарккунӣ ва андешаронӣ, ки бо механизми ташаккули майл (ҷустуҷӯ, баҳодиҳӣ, интихоб, лоиҳабандӣ) муқоиса карда мешавад.

Дар давраи даъват донишҳои кишваршиносии географии донишҷӯён, тасаввурот дар бораи Ватани азиз, мамлакат мубрам гардонида мешавад, завқи шахсӣ, ки муносибати арзишнокро нисбати Ватан муайян менамояд, ташаккул меёбад.

Дар давраи дарккунӣ донишҷӯ дар асоси объекти табиӣ бо ҳодисаҳои табиӣ алоқамандиро пайдо менамояд, маълумоти навинро бо донишҳои доштааш муқоиса мекунад, мавқеи худ ва муносибати арзишнокро нисбат ба проблемаи гузошташуда муайян месозад.

Давраи андешаронӣ  дар азхудкунӣ ва мустаҳкамгардонии донишҳо оид ба Ватан, ташаккули арзишҳои ватандӯстӣ зоҳир мегардад.

Мавриди зикр аст, ки дар татбиқи таҷрибаомӯзии таълимии саҳроӣ методҳои проблемавӣ, эвристикӣ, таҳқиқотӣ, муколама, рушди тафаккури интиқодӣ дар алоҳидагӣ кам дучор мешаванд. Дар бештари маврид зимни таҷрибаомӯзии таълимии саҳроӣ бо мақсади ташаккули самараноки майли донишҷӯён ба Ватан ҳамчун арзиш якчанд методҳоро дар ҳамбастагӣ истифода мебаранд.

Шартҳои педагогӣ, ки натиҷанокии ташаккули майли донишҷӯёнро ба Ватан ҳамчун арзиш тавассути таҷрибаомӯзии таълимии саҳроӣ ва комплексӣ муайян менамоянд, тарҳрезӣ шуданд:

- татбиқи иқтидори педагогии таҷрибаомӯзии таълимии саҳроӣ ва комплексӣ;
- ташкили системаи таъсири байниҳамдигарии эҷодӣ–арзишии муассисаи таълимӣ ва масъулони ҳудудҳои табии ҳифзшаванда, мавзеъҳои дорои ёдгориҳои табииву таърихӣ, корхонаҳои истеҳсолӣ.

Майли донишҷӯён ба Ватан ҳамчун арзиш давра ба давра (азхудкунӣ, табдилдиҳӣ, худлоиҳабандӣ) амалӣ гардида, бо хусусиятҳои механизми арзишии якҷоякардашуда (ҷустуҷӯ, баҳодиҳӣ, интихоб, лоиҳа) ба роҳ монда мешавад.

Ҷузъи натиҷаноки амсилаи сохторӣ–вазифавӣ динамикаи ташаккули майли донишҷӯёнро ба Ватан ҳамчун арзиш тавассути таҷрибаомӯзии таълимии саҳроӣ ва комплексӣ дар бар гирифта, аз рӯи меъёрҳои маърифатӣ (фаҳмиши мазмуни мафҳуми Ватан, ҷузъҳои он, донистани географияи кишвар, муқаддасот), эҳсосӣ (дараҷаи дарки қарзи шаҳрвандӣ ва ватандӯст будани худ, баҳодиҳии фаъолият ва рафтори худ дар муносибат ба Ватан, эҳсосоти бо мафҳуми Ватан алоқаманд), фаъолнокӣ (андозаи иштирок дар фаъолияти аҳамияти иҷтимоидошта, нишон додани мустақилият, ташаббускорӣ), мутобиқатӣ ба нишондиҳандаҳо, сатҳи ташаккулёбии хориқаи омӯхташавандаро (баланд, миёна ва паст) ҳамчун натиҷаи асосии таҳқиқоти баррасишаванда арзёбӣ менамояд.

Собит гардид, ки амсилаи коркардшудаи ташаккули арзишҳои ватандӯстии донишҷӯёни донишгоҳ дар раванди таҷрибаомӯзиҳои таълимӣ дар заминаи муносибати фаъол дар ҳамгироии ҷузъҳои сохтории ба ҳам алоқаманд (мақсад, мундариҷа, натиҷа) ва тавсифоти вазифавӣ (ахборотӣ, баҳодиҳӣ, ҳавасмандкунонӣ), имконияти пешгӯӣ кардани (вобаста ба вазифаҳо, принсипҳо, давраҳо, мазмун), натиҷанокии татбиқи мақсади лоиҳавиро (ташаккули майли донишҷӯён ба Ватан ҳамчун арзиш) дар асоси истифодаи иқтидори педагогии таҷрибаомӯзии таълимии саҳроӣ ва комплексӣ фароҳам меоварад.

# ХУЛОСАИ БОБИ ДУЮМ

Собит гардид, ки имкониятҳои педагогии таҷрибаомӯзиҳои таълимии саҳроӣ ва комплексӣ воситаи самараноки ташаккули арзишҳои ватандӯстӣ дар донишҷӯён гардида, тавассути мубрамгардонии захира ва иқтидори мувофиқ: аксиологӣ (интиқоли арзишҳо ва таърихи табиат, ки дар ҷараёни шаклгирии объектҳои табиӣ, натиҷаи ҳодисаҳои табиӣ, ёдгориҳои табиӣ, изу акси боқимондаи мавҷудоти зинда, сарчашмаҳои ибтидоӣ зоҳир мешавад); маърифатӣ (донишандӯзӣ зимни такя ба сарчашмаҳо, объектҳои табии аслӣ, эҳсосоти баланд аз иншоотҳои табиӣ, чун шаршара, дарё, вулқон, чашма ва ғ.), хусусияти маърифатии ҳодисаҳои табиӣ, ҳавасмандӣ ҷиҳати таҳқиқоти мустақилона, фаъолияти эҷодӣ)); иҷтимоикунанда (муносибат нисбат ба ёдгориҳои табиӣ, дарки шахсии ҳодисаҳои табиӣ, инъикоси мушкилоти ҷамъияти муосир ва минтақаҳои алоҳида); ахборотӣ–мундариҷавӣ (мувофиқат ба стандарти давлатии таҳсилоти олии касбӣ, алоқаи байни фанҳо, вариативнокии раванди таълим дар таҷрибаомӯзиҳои таълимии саҳроӣ ва комплексӣ); эҷодӣ–арзишӣ (таъсири субъекту объективии муассисаи таълимӣ ва мавзеъҳои табиӣ, мамнуъгоҳу парваришгоҳҳо, боғҳои миллӣ, ки дар асоси ҳамкории дуҷониба ба роҳ монда мешавад); ташкилӣ–вазифавӣ (омӯзгору донишҷӯ, фазогӣ–объектӣ, муҷаҳҳаз будан бо маводҳои техникии коркарди натиҷаи таҷрибаомӯзиҳои таълимии саҳроӣ ва комплексӣ) амалӣ мегардад.

Барои амиқу дақиқ намудани мундариҷаи таҷрибаомӯзиҳои таълимии саҳроӣ ва комплексӣ ва дар асоси фаъолияти маърифатии муҳассиллин таснифоти таҷрибаомӯзиҳо: табиӣ, иқтисодӣ ва комплексӣ мавриди омӯзиш қарор гирифт.

Исбот гардид, ки амсилаи сохторӣ–вазифавии ташаккули майл ба арзишҳои ватандӯстӣ тавассути таҷрибаомӯзиҳои таълимии саҳроӣ ва комплексӣ алоқамандии ҷузъҳои сохторӣ (мақсад, мундариҷа, натиҷа) ва вазифаҳои он (ахборотӣ, баҳодиҳӣ, ҳавасмандгардонӣ)-ро инъикос менамояд. Ҳамзамон дорои муносибати фаъол ва принсипҳо (аксиологӣ,

фардӣ, рефлексивӣ, лоиҳанокӣ, фаъолонокии эҷодӣ) буда, мантиқан давра ба давра ноил шудан ба натиҷаро тавассути механизми ҷустуҷӯ, баҳодиҳӣ, интихоб ва лоиҳабандӣ талаб менамояд, ки имкони пешгӯии дараҷаи хориқаи омӯхташавандаро дорад.

# БОБИ 3. ФАЪОЛИЯТИ ОЗМОИШӢ ҶИҲАТИ ТАТБИҚИ ШАРТҲОИ ПЕДАГОГИИ ТАШАККУЛИ АРЗИШҲОИ ВАТАНДӮСТИИ ДОНИШҶӮЁН ДАР РАВАНДИ ТАҶРИБАОМӮЗИҲОИ ТАЪЛИМӢ

## 3.1. Мухтаво ва методҳои корҳои озмоишӣ ҷиҳати татбиқи шартҳои педагогии ташаккули арзишҳои ватандӯстии донишҷӯён дар раванди таҷрибаомӯзиҳои таълимӣ (дар мисоли МДТ "ДДХ ба номи акад.Б.Ғафуров")

Натиҷаҳои дар бобҳои якуму дуюми диссертатсия овардашуда, зарурати тафсири мантиқӣ ва методҳои ба роҳ мондани корҳои озмоиширо ҷиҳати амалигардонии шартҳои педагогии ташаккули арзишҳои ватандӯстии донишҷӯёни донишгоҳ дар раванди таҷрибаомӯзиҳои таълимӣ, баҳодиҳии оптималии самаранокии татбиқи онро боз ҳам мубрам мегардонад.

Корҳои озмоишӣ дар факултетҳои геоэкология ва туризм, биология ва химияи Муассисаи давлатии таълимии "Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи академик Бобоҷон Ғафуров", факултети табиатшиносӣ ва тарбияи ҷисмонии Донишкадаи омӯзгории Тоҷикистон дар шаҳри Панҷакент гузаронида шуданд. Дар маҷмуъ 435 нафар донишҷӯён ва 23 нафар омӯзгорон, роҳбарони таҷрибаомӯзиҳои таълимии саҳроӣ ва комплексӣ иштирок намуданд. Барои мураттаб сохтани маълумоти воқеӣ ва ҳамаҷониба оид ба донишҷӯёни муосир ба сифати пойгаҳи таҳқиқот муайян карда шуданд:

- донишҷӯёни курсҳои 1-3–юми ихтисосҳои география, геоэкология, география–биология, экологияи умумии факултети геоэкология ва туризми Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи академик Бобоҷон Ғафуров;
- донишҷӯёни курсҳои 1-3–юми ихтисосҳои биология, биология ва химияи факултети биология ва химия Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи академик Бобоҷон Ғафуров;
- донишҷӯёни курсҳои 1-3–юми ихтисосҳои география–биология, география–экологияи факултети табиатшиносӣ ва тарбияи ҷисмонии Донишкадаи омӯзгории Тоҷикистон дар шаҳри Панҷакент;

- минтақаи таҷрибавӣ–таълимии донишгоҳ дар мавзеи “Палос”-и ноҳияи Бобоҷон Ғафуров.

Мавриди тазаккур аст, ки дар ташкили таҳқиқот ба мантиқи кори озмоишӣ, гузориши мақсад, вазифа, асосноккунӣ ва апробатсияи асосҳои меъёриву ташхисӣ, ки динамикаи раванди ташаккули арзишҳои ватандӯстиро тавассути таҷрибаомӯзиҳои таълимии саҳроӣ ва комплексӣ муайян намуда, муқоисаи маълумотҳои нақшавӣ ва зимни таҳқиқот ба дастомадаро боназардошти пешгӯиҳои интизоршаванда таъмин менамоянд ва тавассути татбиқи давраҳои гузаронидани корҳои озмоишӣ ба амал баровашда мешаванд.

Муайян намудани мантиқи корҳои озмоишӣ ҷиҳати татбиқи шартҳои педагогии ташаккули арзишҳои ватандӯстии донишҷӯёни донишгоҳ дар раванди таҷрибаомӯзиҳои таълимӣ дар партави татбиқи амсилаи сохторӣ - вазифавии раванди омӯхташаванда имкониятҳои пешгирии саривақтии хатарҳои дар ҷараёни таҳқиқотҳои таҷрибавӣ ба вуқуъ пайвастшавандаро инъикос менамоянд, роҳҳои камгардонӣ ва бартарафсозиро пешгӯӣ менамоянд.

**Барномаи кори озмоишӣ оид ба ташаккули арзишҳои ватандӯстии донишҷӯёни донишгоҳ дар раванди таҷрибаомӯзиҳои таълимӣ**

***Ҷадвали 9.***

<table>
<tr><th>Вазифаҳо</th><th>Мазмуни кор</th><th>Методҳои таҳқиқот</th></tr>
<tr><td colspan="3">Давраи мушаххас</td></tr>
<tr><td rowspan="2">Гузаронидани таҳлили проблемаи таҳқиқот дар таҷрибаомӯзии таълимии муосир, омӯзиши санадҳои меъёрӣ – ҳуқуқии батанзимдарорандаи ташкил ва таъсири байниҳамдигарии муассисаи таълимӣ ва масъулони ҳудудҳои табиии ҳифзшаванда</td><td>Таҳлили хориҷаи омӯхташаванда, барномаи таълимии таҷрибаомӯзии таълимии саҳроӣ ва комплексӣ</td><td rowspan="3">Умуминазариявӣ: омӯзиши санадҳои меъёрӣ – ҳуқуқӣ, таҳлили назариявии адабиёти илмӣ мутобиқи проблемаи таҳқиқот, ҷамъбаст, индуксия, дедуксия; ташхисӣ: назарсанҷӣ,</td></tr>
<tr><td rowspan="2">Муайян намудани потенсиали педагогии таҷрибаомӯзии таълимӣ – саҳроӣ ва комплексӣ дар ҳамбастагии имконият ва захираҳо</td></tr>
<tr><td>Муайян намудани потенсиали</td></tr>
</table>

| | | |
|---|---|---|
| педагогии таҷрибаомӯзии таълимӣ – саҳроӣ ва комплексӣ дар ҳамбастагии имконият ва захираҳо, ки ташаккули босуботи майли донишҷӯёнро ба Ватан ҳамчун арзиш таъмин менамояд. | | тестгузаронӣ, мушоҳида, таҳлил; озмоишӣ: озмоиши мушаххас |
| Муайян намудани *меъёрҳои* ташаккули арзишҳои ватандӯстии донишҷӯёни донишгоҳ | Муайян намудани меъёрҳои ташаккулёбии арзишҳои ватандӯстии донишҷӯёни донишгоҳ дар раванди таҷрибаомӯзиҳои таълимӣ | |
| Муайян намудани *сатҳи* ташаккули арзишҳои ватандӯстии донишҷӯён | Ба амал татбиқ намудани воситаҳои меъёрӣ – ташхисӣ, асосноккунии тавсифоти дараҷавии ташаккули арзишҳои ватандӯстии донишҷӯёни донишгоҳ дар раванди таҷрибаомӯзиҳои таълимӣ | |
| **Давраи ташаккулёбӣ** | | |
| Коркард ва таъйиди амсилаи сохторӣ - вазифавии ташаккули майли донишҷӯён ба Ватан ҳамчун арзиш тавассути таҷрибаомӯзиҳои таълимии саҳроӣ ва комплексӣ | Таъйиди амсилаи сохторӣ вазифавии ташаккули майли донишҷӯён ба Ватан ҳамчун арзиш тавассути таҷрибаомӯзиҳои таълимии саҳроӣ ва комплексӣ | Ташхисӣ: назарсанҷӣ, тестгузаронӣ, мушоҳида, таҳлили фаъолияти таълимӣ ва берун аз он; озмоишӣ: озмоиши |

| | | |
|---|---|---|
| Таъйиди шартҳои педагогии таъмини самаранокии ташаккули арзишҳои ватандӯстии донишҷӯёни донишгоҳ дар раванди таҷрибаомӯзиҳои таълимӣ.<br>Муайян намудани хатарҳои ба ҷараёни ташаккули арзишҳои ватандӯстии донишҷӯёни донишгоҳ дар раванди таҷрибаомӯзиҳои таълимӣ таъсир мерасонанд, роҳҳои кам гардонидани ин хатарҳо | Таъйиди шартҳои педагогие, ки ташаккули босуботи арзишҳои ватандӯстии донишҷӯёни донишгоҳ дар раванди таҷрибаомӯзиҳои таълимӣ таъмин менамоянд.<br>Муайян намудани хатарҳои ба ҷараёни ташаккули арзишҳои ватандӯстии донишҷӯёни донишгоҳ дар раванди таҷрибаомӯзиҳои таълимӣ таъсири манфӣ мерасонанд, роҳҳои кам гардонидани ин хатарҳо, ҷустуҷӯи роҳҳои маҳдудсозии ин хатарҳо | ташаккулёбӣ |
| **Давраи баҳодиҳӣ** | | |
| Баҳодиҳӣ ба самаранокии татбиқи амсилаи сохторӣ - вазифавии ташаккули арзишҳои ватандӯстии донишҷӯёни донишгоҳ дар раванди таҷрибаомӯзиҳои таълимӣ | Муайян намудани сатҳи ташаккули арзишҳои ватандӯстии донишҷӯёни донишгоҳ дар раванди таҷрибаомӯзиҳои таълимӣ | Ташхисӣ: назарсанҷӣ, тестгузаронӣ, мушоҳида, таҳлили фаъолияти таълимӣ ва берун аз аудиторӣ;<br>Оморӣ: таҳлили сифатӣ ва миқдории натиҷаҳои таҳқиқот, оморӣ, коркарди математикӣ, тафсири графикии маълумотҳои озмоишӣ |
| Ҷамъбасти маълумотҳои таҷрибавӣ, ишора намудани дурнамои таҳқиқоти оянда аз рӯйи масъалаи мазкур | Таҳлили муқоисавии сифатӣ ва миқдории натиҷаҳои таҳқиқот:<br>Тафсири натиҷаҳои озмоиш; пешгӯӣ ва татбиқи амалии хулоса ва натиҷаҳои проблемаи таҳқиқот; тарҳрезии таҳқиқоти диссертатсионӣ | |

Дар рафти таҳлили назариявӣ ва омӯзиши таҷрибаи амалии вобаста ба

проблемаи таҳқиқ механизми раванди майли донишҷӯён ба Ватан ҳамчун арзиш дар алоқамандии ҷузъҳо: (ҷустуҷӯ–соҳиб шудан ба донишҳо оид ба Ватан; баҳодиҳӣ–ҳосил шудани муносибати арзишнок нисбат ба Ватан; интихоб–таносуби вазъи беруна ва андешаҳои шахсӣ, пеш аз амал кардан; проексия–созмон додани мақсади дилхоҳ, ташаккули рафтори арзишнок).

Сатҳи ташаккулёбии арзишҳои ватандӯстии донишҷӯёни донишгоҳ дар асоси маҷмӯи меъёрҳо ва нишондиҳандаҳои ба он мувофиқ муайян карда мешавад:

- *маърифатӣ* (фаҳмиши мазмуни мафҳуми Ватан ва ҷузъҳои он, донистани географияи кишвар);
- *эҳсосӣ* (дараҷаи шаҳрвандӣ, худогоҳу ватандӯст ҳисобидани худ, арзёбии эҳсосоти муносибат нисбат ба Ватан);
- *фаъолнокӣ (ҳаҷми иштирок дар фаъолияти аҳамияти иҷтимоидошта).*

*Ҳамин тариқ, воситаи ташхис ба иҷрои мақсадҳои зерин нигаронида шуда буд:*

- *таҳқиқи фаҳмиши донишҷӯёни муосир нисбати мазмуни мафҳуми Ватан;*
- *муқаррар намудани муносибати донишҷӯён нисбат ба арзиши Ватан;*
- *таҳлили рафтори донишҷӯён дар муносибат нисбат ба Ватан.*

Дар давраи озмоиши мушаххас бо мақсади таҳқиқоти тасаввуроти донишҷӯён оид ба арзишҳои ватандӯстӣ маҷмӯи маводҳои ташхисии зерин мавриди истифода қарор гирифтанд.

Аз рӯи меъёрҳои маърифатӣ:

- нишондиҳандаи “фаҳмиши мафҳуми Ватан, ҷузъҳои он” (пурсиш “Ватан чист?”, пурсиши афкор оид ба омӯзиши Ватан, кишвар, зодгоҳ, назарсанҷӣ “Ман Ватанамро чӣ гуна мехоҳам бубинам?”(мафҳуми Ватан ба ҷузъҳо ҷудо карда шудааст, ки донишҷӯён бояд барои худ муҳимтаринашро интихоб намоянд);
- нишондиҳандаи “донишҳои географӣ оид ба марзу буми кишвар, муқаддасот” (тест ҷиҳати омӯзиши сатҳи донишҳои кишваршиносии географӣ оид ба Ватан).

Аз рӯи меъёри эҳсосӣ:

- нишондиҳандаи “дараҷаи дарки шаҳрвандӣ, ватандӯстӣ” (пурсишнома “Бо чӣ ифтихор мекунам”);

- нишондиҳандаҳои “арзёбии эҳсосии ангезандаи фаъолият, рафтор нисбат ба Ватан” (истифодаи арзишҳои муҳими иҷтимоӣ ва минбаъд муқоисаи он бо натиҷаҳои таҳқиқоти А.В.Кирякова);

- нишондиҳандаи “ангезиши эҳсосӣ вобаста ба мафҳуми Ватан” (тести морфологӣ оид ба арзишҳои ҳаётӣ (В.Ф.Сопов, Л.В.Карпушина), тести М.Рокич «Майл ба арзишҳо»).

Аз рӯи меъёрҳои фаъолиятӣ:

- нишондиҳандаи “андозаи иштирок дар фаъолияти аҳамияти иҷтимоидошта” (контент–таҳлили эссеи донишҷӯён дар мавзӯи “Рафтори ман дар муносибат нисбат ба Ватан, табиати зебоманзари он”);

- нишондиҳандаи “намоиши мустақилият, ташаббускорӣ дар фаъолият нисбат ба Ватан ва муҳити табиии он” (таҳлили портфолиои донишҷӯ).

Маълумотҳои ба даст овардашуда бояд санҷидашаванда, маводҳо тафсири равшан дошта бошанд, ки хулосаҳои даркориро собит намоянд.

Фаҳмиши гуногуни мазмуни арзишҳои ватандӯстӣ зарурати истифодаи муносибати тафриқавӣ ва муайян намудани шкалаи дараҷавии баҳои майли донишҷӯёнро ба Ватан ҳамчун арзиш, ки дараҷаҳои паст, миёна ва баландро доро буда, дониши муҳассиллинро дар бораи Ватан ва кишвари худ, сатҳи ҷузъии арзишҳои ватандӯстӣ, фаъолнокии мавқеи шаҳрвандӣ ва ватандӯстиро инъикос менамояд, талаб мекунад (ҷадвали 10).

**Сатҳи ташаккулёбии арзишҳои ватандӯстии донишҷӯёни донишгоҳ дар асоси маҷмӯи меъёрҳо ва нишондиҳандаҳои ба он мувофиқ**

Ҷадвали 10.

| **Меъёрҳо ва нишондиҳандаҳо** | | | **Дараҷаи нишондиҳанда** |
|---|---|---|---|
| Маъри фатӣ | Фаҳмиши мазмуни | Фаҳмиши амиқи мазмуни мафҳуми Ватан, қобилияти ҷудо карда | баланд |

| | | | |
|---|---|---|---|
| | мафҳуми Ватан ва ҷузъҳои он | тавонистани тавсифоти асосӣ ва ҷузъҳои он | |
| | | Фаҳмиши мазмуни асосии мафҳуми Ватан, вале надоштани қобилияти ҷудо карда тавонистани тавсифоти асосӣ ва ҷузъҳои он | миёна |
| | | Фаҳмиши ноамиқи моҳияти мафҳуми Ватан, надоштани қобилияти ҷудо карда тавонистани ҷузъҳои он | паст |
| | Донистани географияи кишвари худ, мавқеи иқтисодӣ – географӣ ва сиёсӣ | Системаи ташаккулёфта ва сатҳи баланди дониш оид ба географияи кишвари худ, мавқеи иқтисодӣ – географӣ ва сиёсӣ | баланд |
| | | Бартарии донишҳо оид ба ба географияи кишвари худ, мавқеи иқтисодӣ – географӣ ва сиёсии Ватан, вале хусусияти порчавӣ (канда - канда) мушоҳида карда мешавад. | миёна |
| | | Донишҳои оддӣ ва ибтидоӣ оид ба Ватан мавҷуд нестанд. | паст |
| Эҳсосотӣ | Дараҷаи даркёбии худ чун шаҳрванд ва ватанпарвар | Аъзои комилҳуқуқи ҷамъият ҳисобидани худ, донистани ҳуқуқ ва уҳдадориҳои шаҳрвандӣ | баланд |
| | | Донистани ҳуқуқ ва уҳдадориҳои асосии худ | миёна |
| | | Қабул накардани уҳдадориҳои худ дар муносибат нисбат ба Ватан | паст |
| | Баҳои эҳсосотии ангезандаи фаъолият ва рафтор нисбат ба Ватан | Фаъолияти баланд ва намоён дар самти ватандӯстӣ, хоҳиши ба кишвар ва ҷомеа манфиат бахшидан | баланд |
| | | Бартарии талаботи ба ватанпарварӣ нигаронидашуда вобаста ба вазъият | миёна |
| | | Мавҷуд набудани хоҳиш ва талабот ба фаъолияти ба самти ватандӯстӣ | паст |

| | | | |
|---|---|---|---|
| | | нигаронидашуда | |
| | Ангезиши эҳсосотӣ вобаста ба мафҳуми Ватан | Ангезиши эҳсосотии баланд ҷиҳати пешрафту ободӣ ва корҳои созандагӣ ва ё нобарорӣ дар Ватан, ифтихор аз дастовардҳо, пайвастагӣ бо Ватани худ | баланд |
| | | Муносибати на он қадар баланди эҳсосотӣ нисбат ба Ватан, табиати он | миёна |
| | | Муносибати пассивона, манфӣ нисбат ба Ватан | паст |
| Фаъолиятӣ | Андозаи иштирок дар фаъолияти аҳамияти иҷтимоидошта | Иштироки фаъолона дар гуруҳи табиатдӯстон, аксияҳои экологӣ | баланд |
| | | Иштирок дар фаъолияти аҳамияти иҷтимоидошта (гуруҳи табиатдӯстон, аксияҳои экологӣ), танзими рафтор дар асоси талаботҳои калонсолон ва ҳавасмандии беруна | миёна |
| | | Хоҳиш надоштан ва канорагирӣ аз иштирок дар фаъолияти аҳамияти иҷтимоидошта (гуруҳи табиатдӯстон, аксияҳои экологӣ), зоҳир намудани хунукназарӣ дар муносибат | паст |
| | Нишон додани мустақилият, ташаббус ва эҷодкорӣ дар фаъолият нисбат ба Ватан | Нишон додани мустақилият ва эҷодкорӣ дар аксияҳо ва ташаббусҳои шаҳрвандӣ ва ватанпарварӣ | баланд |
| | | Набудани ташаббускорӣ, мустақилият дар фаъолият вобаста ба шароит | миёна |
| | | Набудани ташаббускорӣ, мустақилият, хусусияти расмӣ доштани фаъолият | паст |

Меъёрҳои муайяншуда, сатҳ ва нишондиҳандаҳои ба онҳо мувофиқ, ки дараҷаи ташаккулёбии майли донишҷӯёнро ба Ватан тавассути таҷрибаомӯзиҳои таълимии саҳроӣ ва комплексӣ байни ҳамдигар алоқаманд

буда, ҳар яке дигарашро тақозо менамояд.

Сатҳи ташаккулёбии арзишҳои ватандӯстии донишҷӯёни донишгоҳро дар раванди таҷрибаомӯзиҳои таълимӣ тавсиф медиҳем.

*Сатҳи баланди ташаккулёбии майли донишҷӯён ба Ватан ҳамчун арзиш бо донишҳои мукаммал ва тасаввурот оид ба географияи кишвар, табиат ва иқтисодиёти он*; дарки мусбӣ, обуранги эҳсосотӣ, муносибати эҳтиромона ба давлат; сатҳи баланди ватандӯстӣ, иштироки фаъолона дар аксияҳои ҷамъиятӣ–сиёсӣ, иҷтимоӣ, экологӣ, ҳаракатҳои волонтёрӣ *тавсиф дода мешавад*.

*Сатҳи миёнаи ташаккулёбии майли донишҷӯён ба Ватан ҳамчун арзиш чунин тавсиф дода мешавад, ки дар умум муҳассилин сатҳи зарурии маърифатнокиро оид ба Ватан нишон дода метавонанд, тасаввурот ва дониши онҳо устувор аст, донишҷӯён ҳамчун шаҳрванди комилҳуқуқ ва мустақил баромад мекунанд, вале мавқеи фаъолонаро дар муносибат ба Ватан зоҳир намекунанд, дар шинохт ва арзёбии мавқеи шахсии худ мушкилӣ мекашанд.*

*Сатҳи пасти ташаккулёбии майли донишҷӯён ба Ватан ҳамчун арзиш бо донишҳои сатҳӣ (рӯякӣ) дар бораи Ватан, муносибати ноустувор ва номунтазам нисбат ба Ватан тавсиф дода мешавад. Андешаҳои худпарастона, мавқеъгирии пассивона, манфӣ ё муносибати тунд нисбат ба Ватан бартарӣ дорад.*

Барои муайян кардани дараҷаи ташаккули майл ба Ватан ҳамчун арзиш дар донишҷӯи муосир аз рӯйи маводҳои ташхисии пешниҳодшуда бо донишҷӯёни курсҳои 1-2 таҳқиқот гузаронида шуд.

Дар таҳқиқоти мо муқоисаи донишҷӯён дар марҳалаи то таҷрибаомӯзии таълимии саҳроӣ ва комплексӣ ва баъд аз он мавриди таҳлил қарор гирифт, то таъсири таҷрибаомӯзии таълимии саҳроӣ ва комплексиро ба дараҷаи ташаккулёбии майли муҳассилин ба Ватан ҳамчун арзиш муайян карда тавонем.

Меъёри маърифатӣ, нишондиҳандаи “фаҳмиши мазмуни мафҳуми Ватан, ҷузъҳои он”. Ба донишҷӯён супориш дода шуд, ки ба саволи “Ватан

чист?” ҷавоб гуфта бошанд. Дар пурсиш 268 нафар донишҷӯён ширкат варзиданд.

Мавриди зикр аст, ки донишҷӯён пеш аз ҳама алоқамандии мафҳуми Ватанро бо модар, падар, ки “бо он фахр мекунам”, “барояш мубориза мебарам ва ҷон нисор мекунам”, давлате, ки “бароям савод бахшид ва имкон дод, ки ба ҳаёт татбиқ намоям”, “ҷое, ки зиндагӣ ва кор мекунам, манфиат мебахшам”, “тамоми халқи кишвари ман” таъкид менамоянд. Таваҷҷуҳовар он аст, ки донишҷӯён бо Ватан алоқамандии маънавиро (14%) мебинанд (андешаҳои хос: “Ватанро ба чизе нигоҳ накарда дӯсташ медорӣ”, “ин ҷо ситораҳо дигар хел медурахшанд”, “Ватанро бо тамоми ҳастият дӯст медорӣ”, “ин замини муқаддас аст”), ки муносибати арзишмандро нисбат ба мафҳуми мазкур собит менамояд. Ҳамзамон Ватан ҳиссиёти ба доираи дури воқеият хосро ба миён меорад: ватанпарастӣ (10%), шараф (9%), қарзи шаҳрвандӣ (18%). Аз ин рӯ, донишҷӯён Ватанро бо маънои сиёсӣ низ шарҳ медиҳанд ва бо мавқеи фаъоли шаҳрвандӣ алоқаманд мекунанд.

Бо мақсади муайян намудани идеал ва арзишҳои муосир дар донишҷӯён вобаста ба мафҳуми Ватан таҳқиқот гузаронида, дар рафти он андешаи муҳассиллин оид ба масъалаи “Ман Ватанамро чӣ гуна дидан мехоҳам?” санҷида шуд. Қобилияти баланди андешаронӣ донишҷӯёнро водор месозад, ки на танҳо оид ба маънии ҳаёти шахсии худ, балкиояндаи Ватани худ, чигунагии он фикр кунанд. Имкониятҳоро бо воқеият муқоиса, зиддиятҳои арзишҳои анъанавӣ ва ҷаҳони муосирро дарк намуда, боварӣ ҳосил мекунанд, ки ҳақиқат аз идеал дур аст ва мушоҳидакорони мунаққиди ҳолатҳои мухталиф мегарданд.

Бархе аз донишҷӯён ба ақидаҳои бегона, ғояҳои экстремистӣ диққати худро равона месозанд. Аз ин рӯ, ҷиҳати пешгирии ҳама гуна нофаҳмиҳо ба масоили омӯхтани идеал ва арзишҳои насли ҷавон аҳамияти махсус зоҳир намудан лозим аст. Таҳқиқоти мазкур дар вазъи имрӯзаи мураккаби сиёсӣ, ки ҷавонон доимо дар ҷустуҷӯи муайяни маънавиётанду насли калонсол ба

ҷузъ қаҳрамониҳои замони гузашта чизи дигаре пешниҳод карда наметавонанд, аҳамияти махсус пайдо менамояд.

Идеалҳо метавонанд ҳамчун меъёри баҳодиҳии рафтори худ ва дигарон баромад кунанд. Локин маънои онро надорад, ки донишҷӯ дар ҳаёти ҳаррӯзаи худ таҳти ҳидояти ин идеалҳо корбарӣ намояд. Шарти муҳими амали идеалҳо азхудшавӣ, қабули шахсии онҳост.

Дар рафти таҳқиқот ба донишҷӯён интихоби як ва ё якчанд варианти ҷавобҳо (сатҳи баланди рушди иқтисодӣ, мавқеи муайян дар сатҳи ҷаҳон, давлати кӯҳҳои бузург, гуногуннамудии идеологӣ ва сиёсӣ, озодии баён, риояи ҳуқуқ ва озодиҳои шахсият, ҳифзи арзишҳои анъанавӣ, муваффақиятҳои илму техника, сатҳи баланди ҳаётгузаронӣ, табиати бою гуногунранг) ва ё ақидаи дигари шахсӣ пешниҳод шуд. Ҳамагӣ дар таҳқиқот 250 нафар донишҷӯёни МДТ "Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи академик Бобоҷон Ғафуров" ва 68 нафар донишҷӯёни ихтисосҳои география–биология, география–экологияи Донишкадаи омӯзгории Тоҷикистон дар шаҳри Панҷакент иштирок намуданд.

- сатҳи баланди рушди иқтисодӣ
- мавқеи муайян дар сатҳи ҷаҳон
- давлати кӯҳҳои бузург
- табиати бою гуногунранг
- мавқеи пешбар дар соҳаи об
- озодии баён, риояи ҳуқуқ ва озодиҳои шахсият, ҳифзи арзишҳои анъанавӣ
- ҷамъияти дорои ахлоқи баланд
- сатҳи муваффақи ҳаётгузаронӣ
- гуногуннамудии идеологӣ ва сиёсӣ
- дигарҳо

Таҳлили маълумотҳои ба дастомада нишон медиҳанд, ки 18%-и пурсидашавандагон ҳамаи вариантҳои пешниҳодшударо интихоб намуданд, 29% бо андешаҳои худ пурра гардониданд, 28 % як варианти асосиро

алоҳида қайд карданд. Аксарияти донишҷӯён (82%) Ватани худро чунин дидан мехоҳанд, ки сатҳи муваффақи ҳаётгузаронӣ барои тамоми мардум муҳайё бошад. Ҳамзамон пурсидашавандагон посуххояшонро чунин маънидод намуданд, ки интихоби андешаи мазкур бештар ба бухронҳои иқтисодӣ алоқаманд мебошад. 81%-и донишҷӯён ба рушди иқтисодии кишвар (иҷрои ҳадафҳои стратегӣ) диққати махсус доданд, ки ин гуфтаҳоро бори дигар собит менамояд.

Байни арзишҳои муайянкунандаи идеали Ватан бошад, риояи ҳуқуқ ва озодии шахсият (69%) ва озодии баён (50%) аҳамияти махсус пайдо мекунад. Натиҷаҳои бадастомада шаҳодати мавқеи шаҳрвандии фаъоли донишҷӯёни муосир, бетараф набудани онҳоро нисбат ба тақдири Ватан, иштироки фаъолона дар корҳои ҷамъиятиву сиёсӣ мебошад.

Маводҳои таҳқиқотӣ нишон доданд, ки 60 %-и донишҷӯён Ватани худро ҳамчун кишвари устувору пойдор ва 45 % қайд карданд, ки дар арсаи ҷаҳонӣ ҳамчун кишвари сайёҳӣ, дорои табиати бою гуногунранг, иқдомҳои вобаста ба об мавқеи пешбарро ишғол кардааст.

Далели мазкур ба таваҷҷуҳи Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷиҳати рушди соҳаи сайёҳӣ ва ҷалби зиёди сайёҳони хориҷӣ ба кишвар вобастагии ногусастанӣ дорад. Воқеан ҳам, диёри мо бо кӯлу дарёҳои зебо, кӯҳу пуштаҳои ҳамешабаҳор, гулу буттаҳо ва гиёҳҳои шифобахшаш дар дунё камназир аст. Ин аст, ки ҳар сол шаҳрвандони зиёди давлатҳои сайёра моро тамошо карда, бо таассуроти хубу хотироти фаромӯшношуданӣ ба ватанашон бармегарданд.

Мавриди тазаккур аст, ки ба коҳишёбии арзишҳои маънавӣ дар ҷаҳони муосир нигоҳ накарда, барои донишҷӯён ҳифз ва нигоҳдории арзишҳои анъанавӣ (52%) ва сатҳи баланди ахлоқи ҷамъиятӣ (53%) муҳим арзёбӣ карда мешавад. Баробари он алоҳида қайд кардан зарур аст, ки танҳо 6%-и пурсидашавандагон муваффақиятҳои соҳаи илму техникаро омили муҳими рушди босуботи кишвар ҳисобидаанду халос.

Андешаҳои донишҷӯёнеро, ки варианти дигари ҷавоби худро

пешниҳод карданд, аксарият соҳаи сиёсиро фарогир буда, таъсири омилҳои берунаро ба майли ҷавонон ба арзишҳо таъкид менамоянд.

Ба фикри донишҷӯён хусусиятҳои асосии муайянкунандаи идеали Ватан: "давлати соҳибистиқлол", "сохти давлатдорӣ", "эҳтироми анъанаҳои миллӣ", "сатҳи баланди маориф", "табиати бою гуногунранг" маҳсуб меёбад.

Ҳамин тариқ, натиҷаҳои таҳқиқоти андешаҳоро оид ба Ватан таҳлил карда метавон чор гуруҳи омилҳоро ҷудо кард, ки соҳаҳои сиёсат, иқтисодиёт, иҷтимоиёт ва маънавиётро фарогиранд ва ҳар яки онҳо аз рӯи сатҳи аҳамиятнокӣ мухталифанд. Маълумотҳои ба даст овардашуда шаҳодати онанд, ки барои донишҷӯён омилҳои сиёсӣ ва иқтисодӣ бештар муҳим арзёбӣ карда мешавад.

*Меъёрҳои маърифатӣ, нишондиҳандаи "донишҳои географӣ, мавқеи географӣ, шароитҳои табиӣ ва иқтисодӣ - географии кишвар".* Барои муайян намудани сатҳи ташаккули майли ҷавонон ба арзишҳои ватандӯстӣ тест қабул карда шуд, ки дар рафти он 50 саволнома вобаста ба масъалаҳои калидии географияи Тоҷикистон, хусусиятҳои табиӣ ва иқтисодии он, таърихи омӯзиши табиати кишвар то замони имрӯза пешниҳод шуда буданд. Азбаски сатҳи донишҳои географӣ шарти муҳими ташаккули муносибати арзишманд ба Ватан маҳсуб меёбанд, пас донишҳои гирифта ва азхудшуда моҳияти қабули роҳи ҳалли масъала шуда метавонанд. Натиҷаҳои ба дастомада аз сатҳи кофии дониши донишҷӯён оид ба географияи кишвари худ, саҳми олимони рус дар омӯзиши табиат ва сарватҳои табиии Тоҷикистон, хусусиятҳои табиати мамлакат далолат медиҳанд. Вале дониши онҳо ҳар ҷо канда–канда, дорои доғҳои сафед аст. 12%-и донишҷӯён олимоне, ки дар омӯзиши табиат ва сарватҳои табии Тоҷикистон саҳм гузоштаанд, номбар карда наметавонанд. Донишҷӯён дар маънидод кардани мафҳумҳои калидии вобаста ба шароитҳои табиӣ ва иқтисодӣ–географии Тоҷикистон мушкилӣ мекашанд, дар тавсифи сохти геологии кишвар, ҷадвали геохронологӣ, шинохти намуди минерал ва ё ҷинси кӯҳӣ

ошуфтаҳоланд.

*Марҳалаи муайяни озмоиш нишон дод, ки донишҷӯён дар умум дониши кофӣ оид ба географияи Ватан, табиати рангини он доранд. Лекин 20,1%-и донишҷӯён донишҳои пароканда ва нисбатан маҳдудро оид ба географияи Ватани худ нишон доданд. 20,8%-и донишҷӯён сатҳи нокифояи тасаввуротро оид ба* шароитҳои табиӣ ва иқтисодӣ–географии Тоҷикистон соҳибанд. Натиҷаи ташаккулёбии майли донишҷӯён ба Ватан ҳамчун арзиш дар ҷадвали 11 инъикос ёфтааст.

Ҷадвали 11.

**Натиҷаи ташаккулёбии арзишҳои ватандӯстии донишҷӯёни донишгоҳ (аз рӯйи меъёрҳои маърифатӣ, %)**

| № | Нишондиҳандаҳо | Давраи муайяни озмоиш | | |
|---|---|---|---|---|
| | | баланд | миёна | паст |
| 1. | Шарҳ дода тавонистани мафҳуми Ватан ва мавқеи географии он | 35,4 | 44,5 | 20,1 |
| 2. | Донистани шароитҳои табиӣ ва иқтисодӣ – географии Тоҷикистон, таърихи омӯзиши табиати кишвар, ёдгориҳои табиӣ | 39,4 | 39,8 | 20,8 |

**Диаграммаи 1. Сатҳи ташаккулёбии арзишҳои ватандӯстии донишҷӯёни донишгоҳ, %**







*Меъёри эҳсосӣ, нишондиҳандаи “дараҷаи дарки худ ҳамчун шаҳрванд ва ватандӯсту хештаншинос”. Пурсишнома “Ман бо чӣ аз Ватанам фахр мекунам”.* Муҳим он аст, ки мо муайян карда тавонем, то кадом объекту иншоотҳо боиси ифтихор аз Ватану ватандории ҷавонони муосир мегарданд.

Ҳанӯз В.И.Дал ба мафҳуми “ифтихор” мазмуни манфии ахлоқӣ додааст, вале аллакай аз асри XVIII сар карда маънои мусбӣ гирифт ва бо зуҳури қавии ҳисси худшиносӣ омезиш ёфт [62, 190, 202]. Имрӯз зери мафҳуми ифтихор ҳиссиёти мусбии обурангдор, ки бартарии эҳтироми худ, худбоварӣ, арзишнокиро инъикос менамояд, фаҳмида мешавад [183]. Ифтихор–ин ҳисси хурсандӣ, қаноатмандии амиқ, ки шахс ҳангоми дидани муваффақияти худ ё каси дигар, дастовардҳои ин ё он соҳаро аз сар мегузаронад, маҳсуб меёбад.

*Дар доираи таҳқиқот ба донишҷӯён пешниҳод шуд, ки ба саволи зерин: “Ман бо чӣ аз Ватанам фахр мекунам” посух гардонанд. Ҳамагӣ 200 нафар донишҷӯёни факултетҳои геоэкология ва туризм, биологияву химия фаро гирифта шуданд. Натиҷаи таҳлили посуххҳои донишҷӯён 10 гурӯҳи муҳим, ки барои ҷавонони муосир арзишманд маҳсуб меёбанд, ҷудо карда шуданд (Президент, давлат, анъанаҳои миллӣ, иқтисодиёт, табиат ва ёдгориҳои табиӣ, аҳолӣ, фарҳанг, илм, маориф, тандурустӣ).*

Мавриди зикр аст, ки ҳамаи пурсидашавандагон бе ягон шубҳа роҳбарияти кишварро таҳти сарварии Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон мояи ифтихор меҳисобанд.

Баъдан, табиати бою гуногунранг ва ҷаззоби кишвар барои 36%-и пурсидашавандагон боиси ифтихор аст. 34%-и пурсидашавандагон таъриху фарҳанг ва анъанаҳои миллиро ҳамчун мояи ифтихор арзёбӣ намуданд. Ҳамзамон аз идҳои Наврӯзу Сада, Меҳргон ва дигар ҷашну маросимҳои миллӣ мисолҳо овардаанд. Мавриди зикр аст, ки 24 %-и донишҷӯён таърихи халқи тоҷик, шахсиятҳои маъруфи кишвар, 22% менталитети тоҷикон, бахусус меҳмондӯстӣ, некӣ, дӯстиву рафоқат, муҳаббат ба атрофиён, эҷодкорӣ, ахлоқи ҳамидаро мояи ифтихор меҳисобанд. Бо маорифи ватанӣ 13% ва 6 % бо иқтисодиёти кишвар фахр менамоянд. Ҳамзамон диққати моро боз як чизи дигар ҷалб намуд, ки 23%-и донишҷӯён бо он мефахранд, ки Тоҷикистон кишвари ҳуқуқбунёд ва демократӣ аст.

Ҳамин тариқ, муҳассилини муосир бо Ватани худ ифтихор

менамоянд, тарбияи муҳаббат ба Ватанро зарур меҳисобанд. Андешаҳои “ман Ватанамро дӯст медорам ва бо он ифтихор мекунам”, “ҳар як шахс маҳалле, ки дар он таваллуд шудааст дӯст медорад, зеро он ҷо хонаи ӯст”, “чаро бо Ватан наметавон фахр кард”, “ба баъзе камбудиҳо нигоҳ накарда кишварамон беҳтарин аст”, “ман мефахрам, ки дар Тоҷикистон зиндагӣ мекунам”, аз табиату бою гуногунранг ва ҷаззоби кишвар меболам”, “аз обҳои мусаффо, боду ҳавои дилангез ва кухҳои сарбаланди кишварам мефахрам”.

Маълумотҳои ба дастомада шаҳодати онанд, ки муносибати арзишманд нисбат ба Ватан дар донишҷӯёни курсҳои поён бапуррагӣ ташаккул наёфтааст. Фикрронии онҳо канда–канда, дар ҷавобашон иборахои умумӣ бештар истифода шудаанд. Дар маҷмуъ аксарияти донишҷӯён бо ин ё он сабаб бо Ватан ифтихор доштанашонро қайд менамоянд.

*Меъёри эҳсосотӣ, нишондиҳандаи “баҳодиҳии эҳсосотии ангезаҳои рафтор, амалҳо дар робита бо Ватан”, натиҷаҳои рейтинги арзишҳо.*

Тибқи назарияи тамоюли шахсият, дар олами арзишҳои А.В.Кирякова [91] арзишҳои дорои аҳамияти иҷтимоӣ инҳоро дар бар мегиранд: маърифат, меҳнат, табиат, зиндагӣ, зебоӣ, Ватан. Дар ҷараёни таҳқиқот (дар заминаи факултети геоэкология ва туризми МДТ “Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи академик Бобоҷон Ғафуров”, дар маҷмуъ бо 250 нафар назарсанҷӣ гузаронида шуд), муносибати воқеии донишҷӯёни курсҳои поёнӣ ва болоӣ ба ин арзишҳои умумиҷаҳонӣ омӯхта шуд. Рейтинги амалишудаи арзишҳо фарқиятро дар андешаву мулоҳизаҳои муҳассиллин ошкор кард, аз ин рӯ муқоисаҳои ба даст овардашуда манфиатнок аст.

Ба донишҷӯён пешниҳод карда шуд, ки арзишҳоро аз рӯйи муҳимият рақамгузорӣ намоянд (аз 1 то 6). Дар натиҷа баъзе аз арзишҳо ба ҷойи 1–ум гузошта шуданд, қисми дигарашон ба ҷойи охир (6). Мо натиҷаҳои ҳар яке аз ин мулоҳизаҳоро таҳлил кардем ва ба хулоса омадем, ки барои ҳарду гуруҳи донишҷӯён ҳаёт, зиндагӣ бештар арзиш дорад. Натиҷаи таҳқиқотҳои

мо андешаҳои Л.В.Кирьяковаро (1996г.) исбот кард ва бори дигар арзишмандии ҳаётро барои ҷавонон собит намуд. Ҳамзамон донишҷӯёни курсҳои поёнӣ ба арзиши зебоӣ кам аҳамият додаанд, ҳол он ки дар таҳқиқоти А.В.Кирякова меҳнат чунин арзёбӣ шуда буд. Далели мазкур тамоюли мусбии такмилёбии тарбияи меҳнатиро дар таҳсилоти олии муосир собит менамояд.

Табиат дар таҳқиқоти мо ҷойгоҳи махсусро касб намуд. Зеро донишҷӯёни курсҳои болоӣ нисбат ба донишҷӯёни курси поён мавқеи табиатро болотар гузоштанд. Ба андешаи мо таҷрибаомӯзиҳои таълимӣ–саҳроӣ ва комплексӣ, ки донишҷӯёни курсҳои болоӣ иштирок менамоянд, ҷиҳати болоравии нақш, мақому манзалати табиат, бахусус табиати биҳиштосои кишварамон дар байни арзишҳои дигар мусоидат кардааст. Дар заминаи таҳқиқоти мо таваҷҷуҳ ба ин арзиш аз он ҷиҳат аст, ки меҳру муҳаббати донишҷӯён ба Ватани биҳиштосо тавассути таҷрибаомӯзиҳои таълимӣ–саҳроӣ ва комплексӣ афзун мегардад. Оҳангҳои форами табиӣ–садои рудхонаю шаршараҳо, хондани паррандагон, садои ларзидани баргҳои дарахтон ва гиёҳҳо, нигоҳ кардан ба тулуъ ва ғуруби Офтоб, фориғ шудан аз мушкилиҳои рӯзмараи шаҳр, накҳати гулҳою гиёҳҳо, гирифтани нафаси тозаи табиӣ, садои мавҷи кӯлҳо, обанборҳо, шаршараҳо ва ғайра аз бемориҳои гуногун наҷот мебахшанд, солимии маънавии инсонро қавӣ мегардонанд, меҳру муҳаббаташро ба Ватани азиз афзун менамоянд. Тоҷикистон–сарзамини қуллаҳои баланд, яхчашмаҳои бузург, дарёҳои гарму ҷӯшони бузург, кӯлҳои такрорнашавндаи ҷаҳонӣ, ҳайвоноти ғайриоддии камёфт мебошад. Асосан кӯҳҳои ошёнадори ландшафт табиати зебои Тоҷикистонро инъикос мекунанд, боигариву шакли он ба ҷойҳои иқлими гуногунранги ҳаётӣ мебаранд. Дар ҷумҳурӣ дар муддати якуним соат метавон аз водии гармии Вахш ба минтақаи арктикии пурбарфи Помир парвоз кард. Ҳамаи 13 парваришгоҳҳо ва мамнуъгоҳҳои мавҷудбудаи давлатии Зоркул, Ромит, Музкӯл, Дашти Ҷум, боғи табиӣ–таърихии Ширкент ва ҳатто Боғи милли Тоҷикистон аз ҷиҳати экологӣ дар канори

мавзеъҳои сайру тамошобоби ҷаҳонӣ мавқеи хосаро касб намудаанд.

Аксарияти донишҷӯён, ки худ зодаи деҳот ҳастанду дар оғӯши табиат ба воя расидаанд, табиатпарвару, меҳнатдӯст ва бо ғайрати том сӯйи иҷрои мақсадҳои худ мекӯшанд.

Таҳлилҳо нишон медиҳанд, ки табиатдӯстӣ ва муносибати эҳтиёткоронаро нисбат ба табиати атроф дар донишҷӯёни курси поён тақвият бояд дод. Арзишҳои инсон ва маърифат дар ҷойҳои сеюм ва чорум қарор гирифтанд, ҳол он ки дар таҳқиқоти А.В.Кирякова (1996г.) баробарвазн арзёбӣ шуда, ҷойи чорумро касб намуда буданд. Далели мазкур тамоюли мусбиро дар майли ҷавонон вобаста ба дигаргуниҳои шароитҳои сиёсӣ, иҷтимоӣ–иқтисодӣ, ки барояшон кӯшиши маърифатҷӯӣ, донишандӯзӣ бо мақсади муайян намудани ҳаёти минбаъда, амалишавии шахсият ва касбияташон бештар аст, дида мешавад.

Таҳлили натиҷаҳои бадастомада гувоҳӣ медиҳанд, ки арзиши маърифатнокӣ дар донишҷӯёни курсҳои боло нисбат ба курси поён бештар арзёбӣ карда мешавад, зеро аз имкониятҳои фарохи таҳсилоти олии касбӣ, назария ва амалияи он, бахусус иқтидори таҷрибаомӯзиҳои таълимии саҳроӣ ва комплексӣ, ки бевосита дар оғӯши табиат сурат мегирад, бархурдор ҳастанд.

Маводҳои ташхисӣ шаҳодат медиҳанд, ки арзишҳои ватандӯстиро донишҷӯёни курсҳои боло нисбати курси поёнӣ баландтар гузоштанд (24%). Ҳамагӣ 8%-и донишҷӯёни курси поёнӣ бошанд, ин арзишро дар ҷойи аввал гузоштаанд. Ба ҳар бобат динамикаи майл ба арзишҳои ватандӯстӣ мусбӣ буда, дар муқоиса бо маълумотҳои А.В.Кирякова (1996), ки 25%-и пурсидашавандагон мехостанд, ки тарки Ватан кунанд, дар таҳқиқоти мо ҳамагӣ 2%-ро ташкил медиҳаду халос. Бешубҳа, равандҳои муосири сиёсӣ, иҷтимоӣ–иқтисодӣ ба далели мазкур таъсири худро расониданд. Шароити манфии сиёсии беруна, сохтакориҳо вобаста ба таърих, албатта зарурати ба тарбияи ватандӯстӣ диққати махсус додани давлат, пеш аз ҳама соҳаи маорифро ба миён мегузорад. Вобаста ба ҳамин масъала борҳо дар Паём ва

суханрониҳои Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ, Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон афзалияти азхудкунии арзишҳои ватандориву ватандӯстӣ мавриди таъкид ва қайд қарор мегирад.

*Меъёри эмотивӣ, нишондиҳандаи “ангезиши эмотивӣ вобаста ба мафҳуми Ватан”. Барои баҳодиҳии сатҳи ташаккули майли донишҷӯён ба арзиши ватандӯстӣ ва муайян намудани ангезиши эмотивӣ вобаста ба Ватан ҳамчун арзиш, навор (ролик)-и махсуси “Табиати Тоҷикистон–неъмати бебаҳои миллат”* ва таҷрибаомӯзии таълимии комплексӣ тавассути хатсайри Хуҷанд – Шаҳристон – Душанбе – Норак- Данғара – Фархор – Восеъ – Кӯлоб – Дашти Ҷум – Хуҷанд мавриди тамошо пешниҳод карда шуд ва дар интиҳо мутобиқи тести М. Рокич «Майл ба арзишҳо» назарсанҷӣ баргузор гардид.

Натиҷаҳои бадастомада дар андешаҳои донишҷӯёни курсҳои боло ва поён фарқиятҳои начандон калонро муайян кард. Барои донишҷӯёни муосир устувории моддӣ (74%), кори беҳтарин (82%), имконият барои худнамоӣ (62%), худтатбиқнамоӣ дар ҳаёти ҷамъиятӣ (52%) ҷойгоҳи махсус дорад.



**Расми 2. Таҷрибаомӯзии таълимии комплексӣ тавассути хатсайри Хуҷанд – Шаҳристон – Душанбе – Норак- Данғара – Фархор – Восеъ – Кӯлоб – Дашти Ҷум – Хуҷанд**

Ҳамин тариқ, маълумотҳои таҳлилӣ нишон медиҳанд, ки донишҷӯёни муосир мавқеи фаъоли ҷамъиятӣ доранд, хоҳиши дар ҳаёти ҷамъиятӣ ва фаъолияти касбӣ худтатбиқкуниро соҳибанд, ки барои майли онҳо ба арзишҳои ватандӯстӣ заминаи қавӣ мегузорад.

Натиҷаи умумии ташаккули майл ба Ватан ҳамчун арзиш дар донишҷӯён дар ҷадвали поён тариқи зайл оварда мешавад.

Ҷадвали 12.

**Натиҷаи умумии ташаккули арзишҳои ватандӯстӣ дар донишҷӯён (аз рӯи меъёрҳои эҳсосотӣ, %)**

| Нишондиҳандаҳо | Марҳалаи муайян | | |
|---|---|---|---|
| | Баланд | Миёна | Паст |
| Сатҳи дарки намоии худ ҳамчун шаҳрванди ватандӯст | 56,9 | 38,2 | 4,9 |
| Арзёбии эҳсосотии рафтор ва муносибат нисбати Ватан | 57,5 | 39,1 | 3,4 |
| Ангезиши эҳсосотӣ вобаста ба мафҳуми Ватан | 58,5 | 38,7 | 2,8 |

**Диаграммаи 2.Сатҳи даркнамоии худ ҳамчун шаҳрванди ватандӯст**




Таҳлили натиҷаҳои дар ҷадвали 12 инъикосшуда шаҳодат медиҳанд, ки дар 58,5 %-и донишҷӯён ангезиши баланди мусбӣ вобаста ба мафҳуми Ватан дида мешавад ва

тақдири Ватан онҳоро дар канор гузошта наметавонад. 2,8%-и донишҷӯён (курси поён) бошанд, ба ин масъала кам таваҷҷуҳ зоҳир намуданд.

*Меъёри фаъолият, нишондиҳандаи "ченаки иштирок дар фаъолияти дорои аҳамияти иҷтимоӣ".*

**Диаграммаи 3. Арзёбии эҳсосотии рафтор ва муносибат нисбати Ватан**




Барои арзёбии дараҷаи ҷалби донишҷӯён ба корҳои дорои аҳамияти иҷтимоидошта, таҳлили мундариҷаи 150 ҳисоботи донишҷӯён оид ба таҷрибаомӯзии таълимии комплексӣ (ихтисосҳои география, геоэкология, географияи сайёҳӣ ва менеҷменти саёҳат ва экология) дар мавзӯи "Амалҳои ман нисбат ба Ватан" истифода шудааст, ки дар ҷараёни он дараҷаи мавқеи шаҳрвандӣ нисбат ба Ватан, соҳаҳои ҳаёти ҷамъиятӣ ва сиёсӣ, ки донишҷӯён истифодаи қувваҳои худро мебинанд. Методикаи мундариҷа–таҳлил имкон дод, ки таносуби фоизнокии андешаҳои донишҷӯёни курсҳои болоӣ дар рафтору муносибат нисбат ба Ватан муайян карда шавад (ҷадвали 12).




**Диаграммаи 4.** ***Ангезиши эҳсосотӣ вобаста ба мафҳуми Ватан***

## 3.2. Таҷрибаи татбиқи шартҳои педагогии ташаккули арзишҳои ватандӯстии донишҷӯён дар раванди таҷрибаомӯзиҳои таълимӣ

Татбиқи имкониятҳо (тамоюли раванди таълим ба арзиши Ватан; зарурати ҳамкорӣ бо арзишҳои фарҳангию табиӣ ва таърихӣ; гирифтани маълумот дар бораи Ватан дар асоси манбаъҳои табиӣ; иҷтимоӣ кардани шахс тавассути объектҳои иқтисодӣ, ки рушди иқтисодӣ ва иҷтимоии кишварро инъикос мекунанд ва имкон медиҳанд, ки дар ҷаҳони муосир мавқеи худро муайян кунад; гуногунии шакли интихоби таҷрибаомӯзиҳои саҳроиву комплексӣ ва хатсайрҳои он, муҷаҳҳазнокии фазогиву объектӣ ва техникӣ–иттилоотии раванди таълим дар таҷрибаомӯзӣ) ва захираҳои (аксиологӣ, маърифатӣ, иттилоотӣ, эҷодӣ, ташкилӣ ва ғ.) иқтидори педагогии таҷрибаомӯзиҳои таълимӣ–саҳроӣ ва комплексӣ дар заминаи ҷорӣ намудани сохторҳои модели ғайримуқаррарии ташаккули майли донишҷӯён ба Ватан ҳамчун арзиш ва асосноккунии шарти педагогӣ амалӣ карда мешавад. Шарти педагогии ташаккули тамоюли донишҷӯён ба Ватан ҳамчун арзиш тавассути таҷрибаомӯзии таълимӣ–саҳроӣ ва комплексӣ аз хусусиятҳои раванди таълим дар табиат ва объектҳои иқтисодӣ, ҳамкории эҷодӣ–арзишии муассисаи таълимӣ ва корхонаҳои саноатӣ, масъулони ҳудудҳои табиии махсусмуҳофизатшаванда, барқарор намудани робитаҳои самарабахши байни муассисаҳои таълимӣ ва макони таҷрибаомӯзӣ мебошад.

Дар илм шартҳои педагогӣ аз дидгоҳҳои гуногун шарҳ дода мешавад: ҳамчун маҷмӯи чораҳо, омилҳо, имкониятҳои моддӣ–фазогии муҳит, ки аз он самаранокии амали системаи педагогӣ (В.И.Андреев, В.А.Беликов, Л.Г.Качалова, Е.В.Коротаева, Л.М.Яковлева); ҳамчун ҷузъи системаи педагогӣ (М.В.Зверева). Ҳамзамон Н.М.Боритко қайд мекунад, ки шарти педагогӣ натиҷаи муайяни равандро пешбинӣ мекунад, аммо кафолат намедиҳад. Н.Г.Баженова таъкид мекунад, ки дар шарти педагогӣ бояд мундариҷаи аксиологӣ, коммуникатсионӣ ва дидактикӣ вуҷуд дошта бошад.

Ҳамин тариқ, шарти педагогӣ омили муҳими натиҷанокӣ буда,

маҷмӯаи (маҷмӯи) имконот, воситаҳо, чораҳо, ҳолатҳои дохилӣ ва берунии раванди таълим, ки ба ташаккули самараноки арзишҳои ватандӯстии донишҷӯёни донишгоҳ дар раванди таҷрибаомӯзиҳои таълимӣ мусоидат мекунад, инъикос менамояд.

Таҳқиқотҳои дар таҷрибаомӯзиҳои таълимӣ–саҳроӣ ва комплексӣ гузаронидашуда имкон доданд, ки маҷмӯи шартҳои педагогӣ, ки татбиқи муваффақонаи модели сохторӣ–вазифавии ташаккули арзишҳои ватандӯстии донишҷӯёни донишгоҳ дар раванди таҷрибаомӯзиҳои таълимӣ асоснок карда шаванд:

- татбиқи имкониятҳои педагогии таҷрибаомӯзиҳои таълимӣ–саҳроӣ ва комплексӣ дар алоқамандӣ бо захира ва иқтидор;
- ташкили системаи ҳамкории арзишӣ - эҷодии байни муассисаи таълимӣ ва масъулини объектҳои табиӣ ва иқтисодӣ;

Майли донишҷӯён ба Ватан ҳамчун арзиш дар марҳилаҳо (азхудкунӣ, навсозӣ, худтарҳрезӣ) сурат мегирад ва бо хусусиятҳои амалишавии механизми арзишҳои умумиҷаҳонӣ (ҷустуҷӯ, арзёбӣ, интихоб, дурнамо) вобаста аст.

Шартҳои педагогии мазкур дар ҷараёни амалҳои муштараки муассисаи таълимӣ ва масъулини объектҳои иқтисодиву табиӣ татбиқ карда мешаванд, захираҳо ва имкониятҳои педагогии таҷрибаомӯзиҳои таълимӣ–саҳроӣ ва комплексиро мубрам мегардонанд ва ба сатҳи ташаккули арзишҳои ватандӯстии донишҷӯёни донишгоҳ дар раванди таҷрибаомӯзиҳои таълимӣ таъсири муайян мерасонанд.

Корҳои озмоишӣ оид ба омӯзиш ва татбиқи шартҳои педагогии ташаккули арзишҳои ватандӯстии донишҷӯёни донишгоҳ дар раванди таҷрибаомӯзиҳои таълимӣ дар пойгоҳи факултетҳои геоэкология ва биологияву химияи МДТ “Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи академик Бобоҷон Ғафуров” байни донишҷӯёни ихтисосҳои география, геоэкология, экология, биология ва ихтисосҳои география–биология, география–экологияи факултети табиатшиносӣ ва тарбияи ҷисмонии Донишкадаи

омӯзгории Тоҷикистон дар шаҳри Панҷакент гузаронида шуданд.

Аввалин шарти педагогӣ, ки дар раванди кори озмоишӣ амалӣ гардид, ин татбиқи иқтидори педагогии таҷрибаомӯзиҳои таълимӣ–саҳроӣ ва комплексӣ дар якҷоягӣ бо тамоми захираву имкониятҳояш мебошад. Татбиқи пурраи потенсиали педагогии таҷрибаомӯзиҳои таълимӣ–саҳроӣ ва комплексӣ дар қобилияти захираҳо ва имкониятҳои он барои кам кардани хавфҳои ташкилӣ, маърифатӣ ва шахсии ташаккули тамоюли донишҷӯён ба Ватан ҳамчун арзиш ошкор карда шуд (ҷадвали 13).

Ҷадвали 13.

| **Хатарҳо** | **Потенсиали педагогии таҷрибаомӯзиҳои таълимӣ – саҳроӣ ва комплексӣ** | **Имкониятҳои педагогии таҷрибаомӯзиҳои таълимӣ – саҳроӣ ва комплексӣ** |
|---|---|---|
| | **Ташкилӣ – таълимӣ** | |
| Татбиқи маводҳои таҷрибаомӯзиҳои таълимӣ – саҳроӣ ва комплексӣ дар раванди таълим; аз ҷониби муассисаҳои таълимӣ, қадр накардани нерӯи он | Эҷодӣ – арзишӣ (ҳамкории эҷодии муассисаи таълимӣ ва масъулини объектҳои иқтисодиву табиӣ) | Ҳамкории объективу субъективии муассисаи таълимӣ ва масъулини объектҳои иқтисодиву табиӣ, ки барои ҳарду ҷониб манфиатовар аст |
| | **Шахсӣ** | |
| Заифшавии ҳисси ҳамдардӣ | Аксиологӣ (талабот нисбат ба ҳамкорӣ бо арзишҳои табииву фарҳангӣ) | Интиқоли арзишҳо ва таҷрибаи геологӣ, таърихӣ - фарҳангӣ, ки дар ёдгориҳои табиӣ маҳфузанд |
| Таваҷҷуҳи худро ба Ватан ба қадри кофӣ изҳор | Маърифатӣ (гирифтани дониш тавассути объектҳои | Воқеӣ ва дастрас будани маводҳои таҷрибаомӯзиҳои |
| Норасоии диққат, афзалият доштани аломатҳои визуалӣ, коҳиш ёфтани қобилияти таҳлил ва сохтани занҷирҳои дарозмуддати мантиқӣ, серфинги дарки воқеият | Ташкилӣ – вазифавӣ (фазогӣ – объектӣ, муҷаҳазнокии иттилоотӣ – техникии раванди таълим ва таҷрибаомӯзиҳои таълимӣ – саҳроӣ ва комплексӣ) | Фаъолнокӣ, таассуроти пурзӯри эҳсосотӣ аз таҷрибаомӯзиҳои таълимӣ – саҳроӣ ва комплексӣ |

| | | |
|---|---|---|
| Нотавонӣ дар истифодаи самараноки имконот ва захираҳои таҷрибаомӯзиҳои таълимӣ – саҳрой ва комплексӣ, динамизми фаъолияти маърифатӣ, парокандагӣ, гиперактивӣ, норасоии диққат | Иттилоотӣ – мундариҷавӣ (гуногуншаклии тарзи ташкили таҷрибаомӯзиҳои таълимӣ – саҳрой ва комплексӣ) | Дарки баланди маърифатӣ ва иттилоотӣ, байнифаннӣ ва байнисоҳавӣ (табиат ва иқтисодиёт) будани фазои таҷрибаомӯзиҳои таълимӣ – саҳрой ва комплексӣ, хусусияти озоду ғайрирасмии раванди таълим |

Дар ҷадвали боло камтарин хатарҳо, ки дар ҷараёни татбиқи барномаи махсус таҳияшуда “Тоҷикистон–Ватани азизи ман”, тибқи талаботи стандарти давлатии таҳсилоти олии касбии Ҷумҳурии Тоҷикистон, мавзуъҳои корҳои курсӣ ва таҷрибаомӯзиҳои таълимӣ–саҳрой ва комплексии ба хусусиятҳои донишҷӯёни муассисаи олии таълимӣ ҷавобгӯ мебошад, оварда шудаанд.

**Ҳадафи барнома:** ташаккули тасаввуроти ягонаи донишҷӯён дар бораи Ватан, шиносой бо объектҳои табиӣ ва иқтисодӣ, омӯхтани шаклҳои самарабахши корҳои камералӣ дар раванди таҷрибаомӯзиҳои таълимӣ–саҳрой ва комплексӣ мебошад. Барнома аз 72 соат, яъне 12 машғулият иборат буда, таҷрибаи таълимии саҳроиро аз фанни геология дар бар мегирад.

Давомнокии дарс 6 соатро ташкил намуда, дар чор давра: омодагӣ, саҳрой, камералӣ ва ҳисоботӣ мегузарад.

Барнома чунин қисматҳоро дар бар мегирад:

- давраи омодагӣ, ки донишҷӯён бо вазифаҳои умумии таҷрибаомӯзӣ, омӯзиши пешакии геологияи минтақа аз рӯйи адабиётҳои илмӣ, усулҳои таҳқиқоти саҳрой, асбобҳо, таҷҳизотҳо ва усули истифодабарии онҳо ошной пайдо мекунанд;
- давраи саҳрой, ки ба донишҷӯён дар шароити саҳрой мушоҳида кардан, малакаи мустақилона ҷамъоварӣ намудани намудҳои ҷинси кухӣ, тартиб додани сутуни стратиграфӣ дар асоси буриши геологӣ, тарзи муайян кардани минералу канданиҳои фоиданок омӯзонида мешавад;

- давраи камералӣ, ки коркарди маводи саҳроии ҷамъшуда, мурат-табсозӣ ва ороиши харитаҳо, схемаҳо, профилҳо, сутунҳои стратиграфӣ.
- давраи ҳисоботӣ, ки донишҷӯён дар маҳал бо ҷараёнҳои геодинамикӣ, бодхӯрдашавии ноҳия, кори геологии дарё, обҳои равон, обанбор, кори бод ва ғайраҳо аз наздик шинос мешаванд. Ҳамзамон донишҷӯён бобати нақши омилҳои антропогенӣ дар шаклгирии релефи ҳозира ва масъалаҳои истифодаи самараноки қишри Замин хулосаҳои даркорӣ мебароранд.

Сохтор ва мундариҷаи таҷрибаи таълимӣ–саҳроӣ аз фанни заминшиносӣ низ 72 соатро дар бар гирифта, зинаҳои омодагӣ, асосӣ ва ниҳоиро доро аст. Дар зинаи омодагӣ донишҷӯён бо барнома ва методикаи гузаронидани таҷрибаомӯзӣ, қоидаҳои бехатарӣ дар табиат ошно мегарданд. Дар зинаи асосӣ бошад, мушоҳидаи саҳроӣ ва ҷамъномоии мавод дар назар аст. Ҳамзамон дарси экскурсионӣ ва кор дар стансияи метеорологӣ, аз қабили ташкили мушоҳидаҳои метеорологӣ, ҷобаҷонамоии таҷҳизотҳои обуҳавосанҷӣ, экскурсия дар обҳавзҳо ва чашмаҳо, чун омӯзиши сохти водии дарё, тавсифи асосии дарё: чуқурӣ, суръат ва самти ҳаракати об, ташкили расмкашии маҳал, расмкашии визуалӣ, теодолитӣ, нивилирнамоӣ ба нақша гирифта шудааст. Дар зинаи ниҳоӣ коркарди маводҳои ҷамъшуда ва омӯзиши динамикаи тавсифи обу ҳаво ба роҳ монда мешавад.

Таҳлили барнома, ҳисоботи таҷрибаомӯзон шаҳодати он аст, ки мундариҷа ва сохтори онҳо ба донишҷӯён имконият медиҳад, то дониши худро оид ба табиати Ватан амиқу дақиқ ва фарох намоянд, давраҳои таърихии геологияи кишварро ба хотир оваранд, нақши омилҳои антропогениро дар табиат арзёбӣ намоянд ва рафтору муносибати худро нисбат ба зодгоҳу Ватани хеш тарҳрезӣ кунанд.

Шарти дигари педагогӣ ташкили системаи ҳамкории эҷодии муассисаи таълимӣ бо масъулини объектҳои табиӣ ва иқтисодӣ, бахусус ҳудудҳои табиии махсус муҳофизатшаванда, иншоотҳои тақдирсози кишвар, корхонаҳои саноатӣ, ки дар натиҷа табодули дониш, ғояҳо, ғанисозии методологии тарафайн ба миён омада, лоиҳаҳои муштарак тавлид

меёбанд.

Масалан, ҳамасола донишҷӯёни ихтисоси экология ва география экологияи муассисаҳои таҳсилоти олии касбии номбаршуда дар ҳамкорӣ бо Раёсати ҳифзи муҳити зисти вилояти Суғд ва кумитаи ҳифзи муҳити зисти шаҳри Панҷакент аксияҳои экологӣ, аз ҷумла “Соҳил”, “Замин–пайванди инсон ва табиат” ва ғайраҳоро ташкил менамоянд. Масъалаи самаранокии таҷрибаомӯзии таълимӣ–саҳроӣ, натиҷанокӣ ва алоқамандии он бо системаи маориф дар асарҳои олимон В.П.Бондарев, М.В.Виноходова, В.Д.Войлошников [29,41,42] инъикос ёфтааст.

Махсусияти мундариҷаи эҷодӣ–арзишии алоқамандии объектҳои табиӣ ва иқтисодӣ ва муассисаи таълимӣ бо хусусиятҳои фазои таҷрибаомӯзӣ муайян карда мешавад, ки ба шахсияти донишҷӯ бевосита таъсир расонида, қодир аст дар муҳассиллин муносибатҳои арзишӣ ва ҷаҳонбиниро ташаккул диҳад. Объектҳои табиӣ ва фазои таҷрибаомӯзӣ сарчашма ва ё манбаи дониши нав буда, ангезиши эҳсосотӣ–арзишӣ, зебопарастиро ба миён меоварад, тавассути дастрасӣ ба объекти табиии воқеӣ метавонад муносибати арзишмандро ба табиат, таъриху фарҳанг, гузашта, имрӯз ва фардои кишвар интиқол диҳад.

Натиҷаи пурсиши афкори 27 нафар омӯзгорони кафедраҳои тахассусии муассисаҳои таҳсилоти олии касбии зикршуда нақши таҷрибаомӯзиҳои таълимӣ–саҳроӣ ва комплексиро дар доираи фанҳои таълимии тахассусии омӯхташаванда мусбӣ арзёбӣ намуданд (84%). Вале ҳамагӣ 12%-и пурсидашавандагон иброз доштанд, ки иқтидори педагогии таҷрибаомӯзиҳои таълимиро дар машғулиятҳои худ мавриди истифода қарор медиҳанд.

Дар раванди татбиқи шарти дуюми ташаккули арзишҳои ватандӯстии донишҷӯёни донишгоҳ алоқамандии байниҳамдигарии эҷодӣ–арзишии муассисаи таълимӣ ва масъулини объектҳои табииву иқтисодӣ дар давраҳои зерин амалӣ гашт:

Дар давраи аввал мақсади таҷрибаомӯзӣ муайян ва барномаи таълимӣ

мураттаб гардид. Муҳокимаи он дар ҷаласаи кафедраҳои пойгоҳӣ, семинарҳои илмӣ–методӣ, шӯрои таълимию методӣ баррасӣ шуд. Сипас аз рӯйи он барномаи корӣ ва хатсайри таҷрибаомӯзӣ вобаста ба самт мураттаб гардид. Донишҷӯён бо техникаи бехатарӣ дар табиат шинос шуданд.

Давраи дуюм бевосита дар ландшафти табиӣ ва ё объектҳои иқтисодӣ гузашт. Донишҷӯён бо объектҳои воқеӣ аз наздик ошно шуданд, омӯхтанд, таҳқиқ намуданд. Онҳо метавонанд объектҳои табииро дар алоҳидагӣ ва ё дар маҷмуъ омӯзанд, яъне хок, олами наботот, ҳайвонот ва ғайра.

Дар давраи сеюм бошад, натиҷаҳои таҷрибаомӯзӣ ҷамъбаст ва хулосабарорӣ карда шуд. Ҳамзамон, натиҷаҳои тачрибаомӯзӣ дар шакли муаррифӣ, диск, буклет, албом тарҳрезӣ шуда, нусхаи аслии ҷинсҳои кӯҳӣ, минералҳои дарёфтшуда дар осорхонаи факултет маҳфуз нигоҳ дошта шуданд, растаниҳои хушконидашуда вориди гербарий гардиданд.

Татбиқи шарти мазкур эҷодкории донишҷӯёнро таҷассум менамояд ва онҳоро ба ҷустуҷӯйи мустақилонаи дониш ҳидоят месозад.

Шарти сеюми педагогӣ–майли донишҷӯён ба Ватан ҳамчун арзиш марҳила ба марҳила (азхудкунӣ, markазнавсозӣ ва лоиҳабандӣ) ба роҳ монда шуда дар навбати худ ба хусусиятҳои амалишавии механизми ягона (ҷустуҷӯ, баҳодиҳӣ, интихоб ва лоиҳабандӣ) вобаста аст.

Олам он қадар мураккаб аст, ки «пурра бо ҳама тафсилоташ якбора» омӯхтан номумкин аст, ҳарчанд ба ин кӯшиш кардан лозим меояд. Барои ҳамин ҷаҳонро аз рӯйи қисмҳо меомӯзанд ва чунин омӯзишро таҳлил–анализ (аз юнонӣ–«ба қисмҳо ҷудокунӣ») меноманд, ки он ба донишҷӯён омӯзонида мешавад.

Таҳлили системаҳо–ин омӯзиши қисмҳои вай ва алоқаи байни онҳо (алоқаи дохилӣ), инчунин алоқаи байни системаҳо ва ҷаҳони беруна (алоқаи беруна) мебошад. Ҳар гуна омӯзишро аз таҳлил бояд оғоз кард. Бояд нағз донӣ, ки бо чӣ сарукор дорӣ. Вақти фаҳмонидани маънои система, мо ба омӯзгорон тавсия медиҳем, ки ба сифати мисол чунин объектҳоеро интихоб кунанд, ки ба донишҷӯён нағз маълум бошанд.

Моро системаҳо иҳота кардаанд. Ҳамаи онҳо аз қисмҳое иборат мебошанд, ки зерсистемаҳо ном доранд. Дар навбати худ, худи зерсистемаҳо аз қисмҳои хурдтар иборатанд, ки зер/зерсистемаҳо номида мешаванд.

Системаро ба зерсистемаҳо метавон бо роҳҳои гуногун ва бо меъёрҳои гуногун ҷудо кард. Шумораи зерсистемаҳои ҷудокардашуда дар система метавонад гуногун бошад. Масалан, табақаи географӣ аз қабатҳои географӣ: литосфера, атмосфера, гидросфера, биосфера иборат аст. Худи атмосфера дар навбати худ аз тропосфера, стратосфера, мезосфера, экзосфера, ионосфера ва ғайраҳо иборат мебошад. Яъне, дар ин ҷо табақаи географӣ система(с), атмосфера зерсистема (зс), тропосфера зерзерсистема (ззс), қабати озонӣ зерзерзерсистема (зззс) аст.

Объекти баррасишавандаро система ё зерсистема ҳисобидан–танҳо ба худи одам, ба мақсадҳои таҳлилии вай вобаста аст. Одатан он объектеро, ки мо баррасӣ мекунем, система меҳисобанд.

**Система ва зерсистемаҳои табақаи географӣ**

Ҷадвали 14.

| **Система** | **зерсистема** | **зерзерсистема** | **зерзерзерсистема** |
|---|---|---|---|
| табақаи географӣ | атмосфера | тропосфера | қабати озонӣ |

Вобаста ба мақсади таҳлил атмосфераро метавон ҳамчун системае баррасӣ кунем, ки дорои хусусиятҳои муайяни иборат аз қисмҳо, робитаҳои дохилӣ ва берунӣ аст. Ҳангоми фаҳмонидани он, ки зерсистема чӣ аст, омӯзгор бояд мисолҳои оддиро аз олами атроф ё аз мундариҷаи таълимӣ интихоб кунад. Масалан, пас аз омӯхтани хосияти атмосфера олимон боварӣ ҳосил намуданд, ки дар байни қабатҳои он алоқамандии қонунӣ мавҷуд аст. Дар ҳақиқат ҳам, ин қабатҳо аз ҷиҳати таркиб фарқ мекунанд, байни ҳамдигар алоқамандӣ доранд ва дар якҷоягӣ ҳамчун ҷавшан тамоми мавҷудоти зиндаро аз нурҳои кайҳонӣ эмин нигоҳ медоранд.

Дар қабатҳое, ки паси ҳам, пай дар пай ҷойгир шудаанд, таносуби газҳо, намӣ, фишор, ҳарорат мунтазам тағйир меёбад. Агар қабатҳоро зери

ҳамдигар ҷойгир намоем, дар натиҷа қабати атмосферӣ ҳосил мешавад, ки атмосфера (қабати ҳавоӣ) ном дорад.

Табақаи географӣ дар асоси қонуни табиат амал мекунад: бо зиёдшавии баландӣ хосиятҳои физикавӣ ва таркиби химиявӣ тағйир меёбад.

Инро аз тағйирёбии ҳарорати ҳаво, намигӣ, фишор, зичигӣ ва дигар хосиятҳои сода низ дидан мумкин аст.

Мо аллакай медонем, ки ҳар як система аз қисмҳо иборат аст, вале худи система ҳам метавонад яке аз қисмҳои системаи аз он калонтар бошад, ки болосистема ном дорад.

Аввалан ба донишҷӯён ёрии омӯзгор лозим мешавад, сипас вақте онҳо аллакай дар бораи системаҳо тасаввурот доранд, барои онҳо тасвир кардани хусусиятҳои ашёҳо, мафҳумҳо ва падидаҳои гуногун, ки хусусиятҳои системаро муқаррар мекунанд, мушкил нахоҳад шуд. Ба сифати намуна як ҷадвалро меорем, ки барои омӯхтани хусусиятҳои система имкон медиҳад.

**Омӯзиши хусусиятҳои система**
**(дар мисоли канданиҳои фоиданок)**

Ҷадвали 15.

| **Канданиҳои фоиданок** | **Хусусиятҳои ҳар як қисми системаро тасвир кунед** | **Чӣ тавр системаҳо вобаста ба омилҳои беруна тағйир меёбанд** |
|---|---|---|
| Сӯзишворӣ–энергетикӣ | Газ, слансҳои сӯзанда, нафт, ангишт | Ҳамчун сӯзишворӣ истифода бурда мешаванд |
| Металлҳо | Тилло, нуқра, молибден, волфрам, мис, руҳ, оҳан | Ранга ва сиёҳ мебошанд |
| Ғайриметаллҳо | Намаксанг, мармар, рег, гил, гипс, доломит, гравий | Маводи ғизоӣ ва сохтмонӣ мебошанд |
| Сангҳои қиматбаҳо | Фирӯза, лоҷуворд, лаъл, ёқут | Маводи ороишӣ мебошанд |

Самаранокии раванди мазкур тавассути табдилёбии муносибати арзишнок ба майл ба даст оварда мешавад. Ташаккули майл ҳангоми дучоршавӣ бо объекти табиӣ ва ё иқтисодӣ ба вуқӯъ мепайвандад. Баробари

дучор шудан бо объектҳои табиӣ арзишҳои ватандӯстиву табиатдӯстӣ гӯё зинда мегарданд, донишҷӯ аз байни он объектҳо беҳтарину ба худаш маъқулро интихоб мекунад ва бо ин роҳ фаҳмиши худро оид ба арзиш амалӣ менамояд.

Раванди майли донишҷӯёни курсҳои болоӣ ба Ватан ҳамчун арзиш давраҳои азхудкунӣ (ташаккули эътиқод, муносибати арзишнок ба воқеият), тағйирот (худшиносӣ, худбаҳодиҳӣ) ва худидоракунӣ (ташаккули дурнамои ҳаёт вобаста ба тақдири зодгоҳ, минтақа, кишвар) баробари ба итмом расидани таҳсил ба анҷом намерасад, ин як ҷараёни бефосила мебошад, ки дар ҳар як марҳилаи он механизмҳои арзиш амал мекунанд (ҷустуҷӯ, арзёбӣ, интихоб, дурнамо).

Маҳз дурнамои ҳаёт аст, ки меъёри рушди раванди самтгирии донишҷӯи муассисаи олии таълимӣ ҳамчун арзиш ба ҳисоб меравад, аз ин рӯ, чунин шаклҳои таҷрибаомӯзиҳои таълимӣ, ба монанди саҳроӣ ва комплексӣ дар ташкил ва гузаронидани экскурсия ва экспедитсияҳои географӣ ба иншоотҳои бузурги саноатӣ, объектҳои табиӣ, ҷамъоварӣ ва омӯзиши маводҳои табиии маҳаллӣ, алалхусус минералу ҷинсҳои кӯҳӣ, сангҳои қимматбаҳо ва ороишӣ, растаниҳои шифобахш аҳамияти назаррас доранд. Яке аз шаклҳои ҷудонашавандаи консепсияи таълимӣ ва рушди фазои замонавии таҷрибаомӯзиҳо технологияи мултимедӣ, таҷрибаҳои ҳамкории озод бо муҳити табиӣ мебошад, ки мушоҳидаи ҳодисаҳои табиӣ, бурришҳои геологӣ ба навор гирифта шуда, дар дарсҳои амалӣ, ҷамъбастӣ мавриди истифода қарор дода мешавад.

Ба донишҷӯёни курсҳои болоӣ супориш дода шуд, ки дар асоси наворҳои сабтшудаи экспедитсионӣ ва таҷрибаомӯзӣ видеонавор ва муаррифиҳо мураттаб намоянд. Маводҳои мураттабшуда дар раванди дарсҳои амалӣ, маҳфилҳои илмиву конференсияҳо, дарсҳои тарбиявӣ, таҷрибаомӯзии омӯзгорӣ истифода бурда мешаванд.

Татбиқи шарти мазкур ба донишҷӯён имкон дод, ки роҳҳои самарабахши бартараф намудани мушкилот, хавф ва душвориҳо дар

ҷараёни ташаккулёбии майл дарёфт намоянд ва баҳри ҷустуҷӯи мустақилонаи дониш ва фаъолнокии эҷодӣ ҳавасманд гарданд.

Раванди таҷрибаомӯзии таълимӣ – саҳроӣ ва комплексӣ, ки дар асоси барномаҳои пешниҳоднамудаи мо татбиқ карда шуданд, дарки амиқи табиати Ватанамонро дар гузашта ва имрӯз талаб мекунад ва ба андешаи мо, заминаи зарурӣ барои ташаккули муваффақи майл ба арзишҳои муосир, мувофиқ гардидани арзишҳо ва идеалҳои худ бо арзишҳои Ватан, табиати бою гуногунранги он, анъанаҳои миллӣ, фаъол кардани мавқеи шаҳрвандӣ фароҳам меоварад.

## 3.3. Динамикаи рушди арзишҳои ватандӯстии донишҷӯён дар раванди таҷрибаомӯзиҳои таълимӣ

Корҳои озмоишӣ тӯли солҳои солҳои 2018-2022 дар факултетҳои геоэкологияву туризм ва биологияву химияи ДДХ ба номи академик Бобоҷон Ғафуров ва факултети табиатшиносӣ ва тарбияи ҷисмонии Донишкадаи омӯзгории Тоҷикистон дар шаҳри Панҷакент гузаронида шудааст [137]. Ҳамагӣ дар таҳқиқот 468 нафар донишҷӯёни курсҳои 1,2,3–юм ва 46 нафар омӯзгорон ширкат доштанд. Дар марҳилаи кунунии озмоиш ҷамъбаст ва ташхису таҳлили муқоисавии натиҷаҳои ба дастомада, ки динамикаи ташаккулёбии майли донишҷӯёнро ба Ватан ҳамчун арзиш тавассути таҷрибаомӯзиҳои таълимӣ–саҳроӣ ва комплексӣ аз рӯи меъёрҳои маърифатӣ, эмотивӣ ва фаъолнокӣ муайян менамоянд, ба роҳ монда шуд. Дидгоҳи ташхисии муайян намудани динамикаи ташаккулёбии арзишҳои ватандӯстии донишҷӯёни донишгоҳ дар раванди таҷрибаомӯзиҳои таълимӣ инҳоянд:

Аз рӯи меъёри маърифатӣ:

- нишондиҳандаи “дарки мафҳуми Ватан, ҷузъҳои он” (пурсишнома “Ватан чист?”);
- нишондиҳандаи “*донистани мавқеи географӣ, шароитҳои табиӣ ва иқтисодӣ - географии кишвар” (пурсишнома “Мавқеи табиӣ–географии*

*Тоҷикистонро шарҳ диҳед",* "Чаро Тоҷикистонро кишвари офтобрӯя мегӯянд?"*);*

Аз рӯи меъёри эҳсосотӣ:

- дараҷаи худдаркнамоӣ ҳамчун шаҳрванди ватандӯст (пурсиш "Ватандӯстӣ чист?");
- нишондиҳандаи "арзёбии эҳсосотии фаъолият, рафтор нисбат ба Ватан" (таҳлили муқоисавии тасаввуроти донишҷӯёни курсҳои болоӣ дар бораи мафҳумҳои ватандӯстӣ ва миллатгароӣ);
- нишондиҳандаи "ангезиши эҳсосотӣ вобаста ба мафҳуми табиати Ватан" (пурсишнома гузаронида шуд, ки дар он расм ва аксҳо оид ба манзараҳои зебои табиат, дар баробари он оқибатҳои манфии таъсири инсон ба табиат мавриди намоиш қарор гирифта, донишҷӯён водор карда шуданд, ки бобати муносибату рафтори худ нисбат ба Ватан, табиати он ҳамчун арзиш андеша намоянд).

Аз рӯи меъёри фаъолнокӣ:

- нишондиҳандаи "ҳаҷми иштирок дар фаъолияти аҳамияти иҷтимоидошта", "нишон додани мустақилият, ташаббускорӣ дар фаъолият нисбат ба Ватан ва табиати он" (омӯзиши иштироки фаъолонаи донишҷӯён дар таҷрибаомӯзиҳои таълимӣ–саҳроӣ ва комплексӣ).

*Меъёри маърифатӣ, нишондиҳандаи "дарки мазмуни мафҳуми Ватан, ҷузъҳои он".* Барои муайян намудани динамикаи тафриқабандии ҷавобҳои донишҷӯён аз рӯи ҷузъҳои арзиши Ватан айнан ҳамон таҳқиқоте, ки пеш аз озмоиш гузаронида будем, истифода гардид. Натиҷаи пурсишнома ҷиҳати муайян намудани тасаввуроти муҳассиллин оид ба мафҳуми Ватан динамикаи зеринро нишон дод.

Дар марҳилаи баҳодиҳии натиҷаҳои кори озмоишӣ миқдори донишҷӯёне, ки ҷузъҳои табиӣ, иҷтимоиву фарҳангии Ватанро интихоб намуданд, афзудааст: 35,1% ва 52,9% нисбати 14% ва 18,4%. Ин рақамҳо аз фароху устуворгардиии донишҳои кишваршиносии донишҷӯён шаҳодат медиҳанд, зеро ҷузъҳои мазкур боигариҳои табиӣ, пояҳои маънавӣ, садоқат

ба урфу одат, шуғл ва ғайраҳоро ошкор месозанд [43]. Мавриди қайд аст, ки донишҷӯён бобати мавзеъҳои нотакрори табиати кишвар, иншоотҳои бузурги саноатӣ, хусусиятҳои минтақавии Ҷумҳурии Тоҷикистон сухан кардаанд.

*Меъёри маърифатӣ, нишондиҳандаи "донистани мавқеи географӣ, шароитҳои табиӣ ва иқтисодӣ - географии кишвар"*. Бо мақсади таҳлили тасаввуроти донишҷӯён доир ба географияи кишвари худ, шароитҳои табиӣ, иқтисодӣ – географӣ ва хусусиятҳои он бо 250 нафар донишҷӯён пурсишнома гузаронида шуд, ки дар рафти он пешниҳод гардид, ки ба чунин саволҳо посух гуфта бошанд: *"Мавқеи табиӣ - географии Тоҷикистонро шарҳ диҳед"*, "Чаро Тоҷикистонро кишвари офтобрӯя мегӯянд?". Аз рӯи натиҷаҳои таҳлили андешаҳои донишҷӯён имкон пайдо намудем, ки тамоми ҷавобҳоро ба ҳашт гурӯҳ ҷудо кунем. Ҷамъи ҷавобҳо 100% ро ташкил намедиҳанд, зеро пурсидашавандагон якбора як ё якчанд ҷавобро интихоб намуданд. Дар таҳқиқоти мазкур мо тавонистем, то як буриши ғояҳои бартаридоштаи донишҷӯёнро дар бораи тасвири Ватан пайдо намоем. Таҳлили маълумотҳо нишон дод, ки дар марҳилаи муайян аксарияти донишҷӯёни курси якум натавонистанд, ки хусусиятҳои беназири табиати Ватанро бобати "офтобрӯя" номида шуданаш номбар карда бошанд. Мо ин хулосаро дар асоси он қабул кардем, ки 6%-и пурсидашавандагон дар ҷавоби савол душворӣ кашиданд ва аксарият, яъне 47 % бартарии релефи кӯҳӣ, дар Осиёи Миёна ҷойгир будан, дур аз уқёнус, дар маркази материк мавқеъ доштани онро номбар карданд. Ҳамзамон 10 %-и донишҷӯён бобати парвариши меваю сабзавоти гуногун ва рушди пахтакорӣ дар кишварамон андешаҳои худро иброз доштанд.

Далелҳои мазкур аз нокифоя будани сатҳи донишҳои кишваршиносии донишҷӯён шаҳодат медиҳанд. Ҷолиб он аст, ки 19% - донишҷӯён дар марҳилаи муайян ва 15% дар марҳилаи баҳодиҳӣ ба таъриху адабиёт такя намуда иброз доштанд, ки дар осори муаррихон, шоирону нависандагон кишвари мо чунин ("офтобрӯя" - ҳамчун рамзи минтақа) арзёбӣ шудааст.

Дар таҳқиқоти мо муҳим он аст, ки пас аз озмоиш донишҷӯён (23% дар марҳилаи назоратӣ ва 63% дар марҳилаи озмоишӣ) иқлим ва омилҳои иқлимҳосилкунанда: мавқеи географӣ, релеф, сиркулятсияи атмосферӣ, радиатсияи Офтоб, аз ҷумла зиёд будани давомнокии рӯзҳои офтобӣ (то 279 рӯз) ва 3600 килокаллорияро ташкил намудани ҷамъи радиатсияи Офтоб сабаби “офтобрӯя” номида шудани кишвар меҳисобанд. Қайд кардан зарур аст, ки 40%-и донишҷӯён дар марҳилаи озмоишӣ бар муқобили 8%-и марҳилаи назоратӣ мавқеи географии кишвар, давлатҳои ҳамсарҳадро дуруст номбар карда тавонистанд. Ҳатто 29%-и донишҷӯён дар марҳилаи озмоишӣ бар муқобили 15%-марҳилаи назоратӣ бобати таърихи шаклгирии сарҳадоти кишвар андешаҳои ҷолиб баён намуданд. Ҳамин тариқ, маълумотҳои бадастомада аз афзудани донишҳои кишваршиносии донишҷӯёнро дар марҳилаи озмоишӣ шаҳодат медиҳанд. 23%-и донишҷӯён дар марҳилаи озмоишӣ ва 4% дар марҳилаи назоратӣ мавқеи табиӣ–географии кишварро бапуррагӣ шарҳ доданд. Дар баробари ин, бояд қайд кард, ки дар марҳилаи баҳодиҳӣ посуххои пурсидашудагон гуногунранг шуданд, ки ин бори дигар баланд шудани сатҳи дониши донишҷӯёнро оид ба географияи кишвар тасдиқ менамояд. Таҳлили маълумотҳои бадастомада имконият медиҳад, ки бобати динамикаи мусбӣ доштани озмоиш хулосае ба миён ояд: сатҳи баланди *дарки мазмуни мафҳуми Ватан, ҷузъҳои онро 48,6% - и донишҷӯён нишон доданд (дар марҳилаи назоратӣ 35,4%).* Ҳамзамон донишҳои донишҷӯён оид ба *мавқеи географӣ, шароитҳои табиӣ ва иқтисодӣ - географии кишвар низ афзуданд (аз 39,4 то 47,5%). Саҳми муҳассилини сатҳи пасти* ташаккули арзишҳои ватандӯстии донишҷӯёни донишгоҳ *се баробар коҳиш ёфт (аз 20,1% ва 20,8% то 6,1% ва 7,7%, ки дар ҷадвали 16 инъикос шудааст.*

Ҷадвали 16.

**Динамикаи ташаккулёбии майли донишҷӯён ба Ватан ҳамчун арзиш**

| Давраҳои кори озмоишӣ | Нишондиҳандаҳо | Сатҳи ташаккулёбии майли донишҷӯён ба Ватан ҳамчун арзиш, бо % | | |
|---|---|---|---|---|
| | | баланд | миёна | паст |
| **Назоратӣ** | 1.Шарҳ дода тавонистани мафҳуми Ватан, ҷузъҳои он | 35,4 | 44,5 | 20,1 |
| | 2.Донистани шароитҳои табиӣ ва иқтисодӣ – географии Тоҷикистон, таърихи омӯзиши табиати кишвар | 39,4 | 39,8 | 20,8 |
| **Озмоишӣ (баҳодиҳӣ)** | 1.Шарҳ дода тавонистани мафҳуми Ватан, ҷузъҳои он | 48,6 | 45,3 | 6,1 |
| | 2.Донистани шароитҳои табиӣ ва иқтисодӣ – географии Тоҷикистон, таърихи омӯзиши табиати кишвар | 47,5 | 44,8 | 7,7 |

**Диаграммаи 5.**



Воситаи асосии тағйироти мусбӣ дар ташаккули майли донишҷӯёни курсҳои болоӣ ба Ватан ҳамчун арзиш (мувофиқи меъёри маърифатӣ) инҳо арзёбӣ шуданд:

- навсозии захираҳои иттилоотӣ ва мундариҷа (инъикоси стандарти давлатии таҳсилоти олии касбӣ дар амалияи таҷрибаомӯзиҳои таълимӣ–саҳроӣ ва комплексӣ, байнисоҳавӣ, ҳамгироии байнисоҳавӣ ва тайғирёбии фазои таълимии таҷрибаомӯзӣ) ва имконоти ҷудонопазири интихоби шаклҳои таҷрибаомӯзиии таълимӣ–саҳроӣ ва комплексӣ;

- амалисозии захираҳои таълимии иқтидори педагогии таҷрибаомӯзиии таълимӣ–саҳроӣ ва комплексӣ (аслият, ҷолибият, ифоданокӣ, таъсири эҳсосотии пурзӯртарини манзараҳои табиат, ёдгориҳои табиӣ, объектҳои иқтисодӣ ва мазмуну муҳтавои онҳо, табиати озод, раванди таълими ғайрирасмӣ дар табиат, ҳавасмандгардонӣ ба донишазхудкунии мустақилона ва фаъолияти эҷодӣ) ва донишандӯзӣ дар асоси манбаъҳои табииву воқеӣ;

- таҳия ва татбиқи барномаи махсус таҳияшуда “Тоҷикистон–минтақаи экотуристӣ”, аз ҷумла бахши геология, заминшиносӣ ва экология;

- гузаронидани машваратҳои иттилоотӣ ва таълимӣ бо омӯзгорони кафедраҳои масъул, кормандони ҳудудҳои табиии махсусмуҳофизат-шаванда, масъулини корхонаҳои саноатӣ ва объектҳои иқтисодӣ, ки ба рушди ҳамкории эҷодии байни муассисаи таълимӣ ва объектҳои табииву иқтисодӣ равона шудаанд;

- интихоби шаклҳои таҷрибаомӯзии таълимӣ–саҳроӣ ва комплексӣ, хатсайри онҳо, ки ба хусусият ва синну соли донишҷӯён мувофиқ бошад.

*Меъёри эҳсосотӣ, нишондиҳандаи "дараҷаи худогоҳӣ ҳамчун шаҳрванд, шахси ватандӯст".* Барои арзёбии ин нишондиҳанда мо таҳлили маълумоти пурсишномаи "Ватандӯстӣ чист?"-ро истифода кардем, ки майли ватандӯстӣ ва дараҷаи таваҷҷуҳи донишҷӯёни курсҳои болоӣ ба тақдири Ватан таҳлил карда шавад.

Ю.А.Крупнов, И.Т.Фролов ватандӯстиро ҳамчун ҳисси тартиботи олӣ тавсиф мекунанд; Е.В.Бондаревская [30], А.С.Гаязов [50], В.А.Караковский

[85], В.А.Ядов [220]–ҳамчун арзиш. Аз ин рӯ, омӯхтани андешаҳои донишҷӯёни курсҳои боло дар ин бора барои мо ҷолиб буд.

Донишҷӯёни муосир изҳор доштанд, ки бо кишвари худ, Ватани азизи худ ифтихор доранд (66%). Бояд қайд кард, ки посуххои пурсидашудагон бо эҳсосоти хеле баланд буд, онҳо Ватанро "як пораи қалб" ва ватандӯстиро- "муҳаббати беназир" номиданд, омодагии худро барои ҳифзи Ватан, табиати беолоиши он изҳор намуданд, ба мавқеи фаъоли шаҳрвандӣ дар тоза нигоҳ доштани муҳити зист, ширкат дар аксияҳои экологии тозагии маҳал ишора карданд. Андешаҳои ҷолиб ин буд, ки "муҳаббат ба Ватан бояд на дар сухан, балки дар амал зоҳир карда шавад", "ҳар як ватандӯсти ҳақиқӣ бояд дар ҳаёти фарҳангӣ, сиёсӣ, иҷтимоӣ ва экологии кишвар ширкат варзад." Аксарияти донишҷӯён худро ватандӯст номиданд ("Ман кишварамонро бо тамоми обу хокаш, қуллаҳои барфпӯшу осмонбӯсаш, сокинони меҳмоннавозу сарбаландаш дӯст медорам", "Ватан–ин ман ва ман ин Ватан мебошам”). Яке аз донишҷӯён ба саволи гузошташуда бо истифода аз мисраҳои шоири ширинкалом Мирзо Турсунзода, ки ба Ватан бахшида шудааст, чунин посух додааст:

Ватан, дар ҳар куҷо омад ба сар форам ҳавои ту,
Ман аз он сӯи уқёнус бишнидам садои ту.
Агарчӣ дар миён тӯфону мавҷи баҳрҳо буданд,
Вале омад ба гӯши ман садои рӯдҳои ту.

*Меъёри эҳсосотӣ, нишондиҳандаи "баҳодиҳии эҳсосотии ангезаҳои амалиёт, амалҳо дар робита бо Ватан”*

Барои муайян кардани сатҳи ташаккули майли донишҷӯён ба Ватан ҳамчун арзиш тавассути таҷрибаомӯзии таълимӣ–саҳроӣ ва комплексӣ таҳлили муқоисавии андешаҳои донишҷӯён дар бораи мафҳумҳои ватандӯстӣ ва миллатгароӣ гузаронида шуд, ки ангезаҳои фаъолияти онҳоро дар робита бо кишвар инъикос мекунанд. Дар баробари баррасии тамоюлҳои мусбии марбут ба эҳсосоти баланди ватандӯстӣ, наметавон падидаҳои манфиро нодида гирифт. Миллатгароӣ мавзӯи бисёр фанҳо

мебошад. Равишҳои муосир паҳлӯҳои гуногуни ин падидаро ошкор месозанд ва дар атрофи мушкилоти шуури миллӣ ва ҳуввияти миллӣ таваҷҷуҳ зоҳир мекунанд (В.В.Амелин, М.О.Мнацакаян, С.Д.Поляков) [8,126,146].

Аз ин рӯ, дар заминаи омӯзиш мо ватанпарастиро дар робита бо миллатпарастӣ баррасӣ кардем.

Вазифаи ба донишҷӯён оид ба тавсифи мафҳуми миллатгароӣ пешниҳодшуда барои аксари посухдиҳандагон мушкилоти ҷиддиро ба бор овард. Таҳқиқот нишон дод, ки донишҷӯён аз ҳам ҷудо кардани мафҳумҳои «миллатпарастӣ» ва «ҳисси миллӣ» душворӣ мекашанд, аксар вақт миллатпарастиро бо ватандӯстӣ муқоиса мекунанд.

Як қисми донишҷӯён, аниқаш 1,6%-и донишҷӯён муносибати худро ба масъала иброз карда натавонистанд. Аммо, дар аксарияти донишҷӯён муносибати муайян нисбат ба масъалаи миллатгароӣ дар ҷаҳони муосир ташаккул ёфтааст. Қариб сеяки пурсидашудагон (аз 28,4% то 30,6% донишҷӯён) миллатгароиро ҳамчун "болоравии миллати худ ва зулми дигарон", "бартарии як миллат нисбат ба дигарон" тавсиф карданд, ки он ба тамоюлҳои муосири афкори ҷамъиятӣ ва илм мувофиқ мебошад. Бояд қайд кард, ки 9,2%-и донишҷӯён миллатгароро бидуни ифодаи муносибати шахсӣ мувофиқи таърифи адабиётҳои илмӣ тавсиф доданд. Андешаҳои маъмулӣ инҳо буданд: "миллат арзиши олӣ аст", "ифтихор аз миллати мо", "ҳифзи анъанаҳо ва расму оинҳои миллӣ", "ҳифзи ёдгориҳои табиӣ ва таърихӣ", “ҳифзи марзу буми кишвар”, “ҳифзи ҳар қатра обу ҳар каф хоки Ватан” ва монанди инҳо.

Натиҷаҳои ба даст овардашуда нишон медиҳанд, ки дар шароити кунунии сиёсӣ донишҷӯён ба таърихи Ватан, мавқеи кишвар дар арсаи байналмилалӣ андешаҳои устувор доранд.

Пурсидашавандагон аҳамияти омӯзиши мафҳумҳои ватандӯстӣ ва миллатгароиро қайд карданд. Ҷавобҳои онҳо бо эҳсосот фарқ мекарданд, донишҷӯён вазъи кунунии кишвар ва ҷаҳонро бо муқоисаҳо нишон доданд,

миллатгароиро ҳамчун "муҳаббати яктарафа, нодуруст ба Ватан", "нақзи манфиатҳои миллатҳои дигар дар қаламрави давлат" тавсиф карданд.

Умуман, метавон мавқеи мусбӣ, манфӣ ва бетарафии донишҷӯёнро нисбат ба падидаи таҳқиқшаванда ҷудо кард. Ҷолиби диққат аст, ки аксарияти пурсидашудагон нисбати миллатгароӣ муносибати шадиди манфӣ баён карданд (76,2% дар марҳилаи муайянкунӣ ва 88,9% дар арзёбӣ марҳилаи корҳои таҷрибавӣ). Ҳамзамон, дар марҳилаи арзёбӣ ҳиссаи посухгӯиҳое, ки миллатгароиро ҳамчун падидаи мусбат тавсиф мекунанд («эҳё ва ҳифзи миллати мо», «ҳифзи манфиатҳои миллии мо») беш аз чор маротиба коҳиш ёфт (мутаносибан аз 10,2% то 2,6%). Мусоҳибон қайд карданд, ки миллатгароӣ сабаби «тарсу ҳарос» мегардад; "он дар ҷаҳони муосир ҷойгоҳе надорад", "миллатгароӣ метавонад боиси куштори бемаънӣ шавад." Яке аз пурсидашудагон қайд кард, ки "миллатгароӣ ва фашизм аблаҳист, одамон набояд кушта шаванд", аксарияти донишҷӯён рӯйдодҳои ҷанги шаҳрвандиро дар кишварамон мисол оварданд.

Ҳамин тариқ, дар заминаи афзоиши назарраси тамоюли мусбат ба ватандӯстӣ дар самти майли донишҷӯён ба Ватан ҳамчун арзиш рӯйдодҳои бурунмарзӣ ба ташаккули сифатҳои дохилии шахсии донишҷӯён таъсир мерасонанд.

*Меъёри эҳсосотӣ, нишондиҳандаи "ангезиши эҳсосӣ, ки бо мафҳуми Ватан алоқаманд аст”.*

Омӯзиши сатҳи ташаккули арзишҳои ватандӯстии донишҷӯёни донишгоҳ аз рӯи нишондиҳандаи "ангезиши эҳсосотии марбут ба мафҳуми Ватан" муайян карда мешавад. Бо ин мақсад ба донишҷӯён вазифа пешниҳод намудем, ки аз эҷодиёти шоирони тоҷик, ки мафҳуму ибораҳои Ватан, муҳаббат ба Ватан, тараннуму тавсифи табиати биҳиштосои онро таҷассум менамояд, мисолҳо оваранд. Донишҷӯён бештар аз эҷодиёти Лоиқ Шералӣ ва Мирзо Турсунзода мисолҳо оварданд. Масалан:

“Аҷаб дорам, ки ҳар вақте
Зи боби Тоҷикистон чун сухан гӯянд,

Бигӯянд аз баландиҳои куҳсораш

Сухан гӯянд аз Боми Ҷаҳон,

Аз қуллаҳои ганҷдору тоҷдораш”.

(шеъри Лоиқ Шералӣ “Баландиҳо”, соли 1973)

“Куҳсор бувад кишвари тоҷик саросар,

Кӯҳ аз паси кӯҳ аст ва ё санг паи санг.

Дар ҳар қабаташ ганҷи аён асту ниҳон аст,

Ганҷест ба сад ному ба сад ҷилваю сад ранг”.

(шеъри Лоиқ Шералӣ “Замини тоҷикон”, соли 1974)

“Тоҷикистон – мазҳари ман,

Сарзамини камзамин,

Ту саросар кӯҳсорӣ,

Ту саросар сангзорӣ,

Чунки фарзандони ту дар роҳи торихи дароз

Ҳар куҷо рафтанд, муште хок бо худ бурдаанд”.

(шеъри Лоиқ Шералӣ “Хоки Ватан”, соли 1975)

“Димоғи хеш тар карда ба барфу тармаи Анзоб

Шамоли кӯҳ меояд, ки дорад бӯи боронҳо.

Гули бодом дар гесӯву ҳулбӯ дар баногӯшаш,

Ба гардан чанбаре аз ҷамбили кӯҳиву торонҳо” (шеъри Лоиқ Шералӣ “Димоғи хеш тар карда ба барфу тармаи Анзоб”, соли 1977)

Ҳамзамон аз эҷодиёти Мирзо Турсунзода чунин мисраҳоро мисол оварданд:

“Дар фазо парвоз кардам, гарчи аз рӯи Замин,

Чашмро аммо намекандам ман аз сӯи Замин”.

(шеъри Мирзо Турсунзода “Замин”, соли 1970)

Агарчи борҳо афтодам аз ёру диёрам дур,

Ба сайёҳӣ маро карданд, гарчӣ дӯстон машҳур.

Вале ман дар ҳама ҷо, дар ҳама кунҷу канори даҳр,

Ҳамеша бо Ватан будам, ҳамеша бо Ватан масрур.

(шеъри Мирзо Турсунзода “Ватан”, соли 1972)

Натиҷаҳои бадастомада муносибати эҳсосотӣ ва арзишмандро нисбат ба Ватани худ, минтақа, ҳисси ватандӯстӣ ва мавқеи фаъоли шаҳрвандии донишҷӯёни муосирро нишон медиҳанд.

